КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

БЕКНАЗАР АҲМАДОВ
ҶӮРАБОЙ РАҶАБОВ

# М А Қ О М И  К И Т О Б  Д А Р  Ф А Р Ҳ А Н Г И  М А Р Д У М И  Т О Ҷ И К

Маълумотнома

ДУШАНБЕ-2015

ТДК [002.2+02] (038)
ТКБ76.11 (2 Тоҷик) Я 2
А-97

Зери назари умумии **Гадобек Маҳмудов**

М у ҳ а р р и р:
**Э ш о н қ у л Эшонқулов**

Аҳмадов, Б., Раҷабов, Ҷ. Мақоми китоб дар фарҳанги мардуми тоҷик: Маълумотнома /Зери назари умумии Г. Маҳмудов; Муҳаррир Э. Эшонқулов. – Душанбе, 2015.- 158с.

© Б. Аҳмадов, Ҷ. Раҷабов, 2015.

## ПЕШГУФТОР

Мақоми китоб дар фарҳанги мардуми тоҷик хеле бузург аст. Фарҳанг ҳастии миллат аст ва китоб яке аз рукнҳои он мебошад. Зеро тавассути китоб мо бо таъриху иқтисодиёт, илму техника, фарҳангу ҳунари гузаштаю имрӯзаи мардуми тоҷик аз наздик шинос мешавем ва онҳоро мавриди баҳрабардорӣ қарор медиҳем.

Имрӯз ин дурдонаҳо дар беш аз шаш ҳазор китобхонаҳои соҳавии хурду калоникишварамон – Китобхонаи миллии Тоҷикистон, бачагонаи ҷумҳуриявии Тоҷикистон ба номи М. Миршакар, мактабҳои таҳсилоти миёнаю олӣва шахсии мардумони китобдӯст нигаҳдорӣ мешаванду аз онҳо ҷомеаи тоҷикон ва тоҷикистониён – аҳолии кишварамон истифода карда метавонанд.

Дар шароити ҳозира, пас аз пайдо шудани техногогияи иттилоотию Интернет ва манобеи электронӣ, теъдоди мутолиакунандагони китоб коҳишёфтааст, аммо мавқеи китобро ҳеҷ як Интернет ё худ манобеи (захираи) электронӣ гирифта наметавонад.

Китобдорон кишар кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки ҳарчи бештар бо баргузории чорабиниҳои назаррас – сӯҳбату хулосаҳои библиографӣ, рӯнамои китоб ва конфронси хонандагон, шабҳои адабӣ ва саволу ҷавоб, рӯзҳои иттилоотии мутахассисон, ташкили намоишҳои китобу матбуоти даврӣ ва омоданамоии дастурҳои методию библиографӣ (рӯйхату фехристҳои адабиёт ва китобномаҳои шахиятҳои варзида ва дигар) ба тарғибу ташвиқи китобу матбуоти даврӣ (рӯзномаю маҷаллаҳо) ва ҷомеа саҳм гиранд ва дар баланд гардидани сатҳи маълумотнокӣ, фарҳангию маърифтӣ ва иттилоотии тоҷикону тоҷикистониён ҳиссаи арзандаи худро гузоранд. Дар ин кор онҳобо воситаҳои ахбори умум (радиову телевизион, маҷалаву рӯзномаҳо) ва ҷомеа ҳамкориҳо карда истодаанд.

Дар баланд гардидани сатҳи донишу маърифатӣ ва фарҳангии ҷомеа бояд ҳамаи сохторҳои давлатӣ – Ҳокимияҳои иҷроияи давлатии маҳаллии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, сохторҳои қудратӣ, суду прократура, мактабу донишкадаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии кишвар низ саҳми босазои худро гузоранд.

Китоб офаридаи инсон аст ва он барои инсонҳои имрӯзу фардо таҳия мешавад. Онро ҳар яки мо бояд ҳифзу истифода на-

моем ва тавассути он бо гузаштаю имрӯзаи мардуми тоҷик ошно шавему барои ояндагон мерос гузорем, то ки дигарон аз он истифода баранд ва идомадиҳандаи давлати тоҷикон бошанд.

Хат яке аз кашфиётҳои бузурги инсоният мебошад ва воситаи иҷтимоии қонеъкунандаи эҳтиёҷоти он ба шумор меравад. Агар хат намебуд,аз орзувуормон,мақсаду маром,андешаву ороъ, эътиқоду эътибор ва, аз ҳама муҳимаш, аз таърихи милатамон бебаҳра мемондем. Лаҳзаҳои маъмули зинаҳои таърихи гузаштаи халқамон, ки дар навиштаҷот акс ёфтаанд, бароямон азизу муътабар мебошанд.

Тавассути хат инсон китобро бавуҷуд овард ва кайҳонро кашф намуд.Аз ин ҷост, ки хат, санъати хатнависӣ ва хаттотӣ дар ҳаёти инсон мавқеи калон мебозад.

Китоб фарзанди эҷодкор мебошад. Навиштани китобзаҳмати зиёде талаб мекунад ва раванди онзаҳамот дар ин ҷо «Мақоми китоб дар фарҳанги мардуми тоҷик» номгузорӣ шудааст.

Муаллифон дар асоси маводи фаровон роҷеъ ба пайдоишуистифодаихату қалам, сангнавиштҳо пажӯҳиши доманадоре ба анҷом расондаанд.

Маълумотномаи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун аз чор фасл–«Пайдоиши хат, қалам, китоб ва масолеҳи хаттию осори аҷоиб», «Дастхатҳои беназир, хаттотон ва саҳҳофони гулдаст», «Нашрияҳои чопӣ (китоб, тақвиму атласҳои ҷуғрофӣ ва рӯзномаю маҷаллаҳои кӯҳан)» ва «Китобхонаҳо – сарватҳои бузурги маънавӣ» таркиб ёфтааст, ки номи ин қисматҳо мухтавои китобро бозгӯ мекунанд.

Дар фасли «Пайдоиши хат, қалам, китоб ва масолеҳи хаттию осори аҷоиб» мавзӯҳои«Масолеҳи хаттӣ ва осори аҷоиб», «Папирус», «Лӯлакитобҳои папирусӣ», «Пергамент», «Китобҳои пергаментӣ», «Пайдоиши қоғаз», «Пайдоиши хат», «Тавзеҳоти мухтасари баъзе хатҳо», «Пайдоиши қалам», «Бузургони адаб дар васфи қалам», «Сангнавиштҳо», «Донистан хуб аст», «Китоб-барг ва ғайра», «Китобҳои азим»,«Китобҳои оҳанин», «Китобҳои гаронбаҳо», «Китобҳои диққатрабо», «Китобҳои кӯчак», «Алифбо ва хошниш», «Бузургон дар ситоиши китоб» «Бузургон дар ситоиши дониш ва банди илм» маводи нодир гирдоварӣ шудааст.

Дар фасли «Дастхатҳои беназир, хаттотон ва саҳҳофони гулдаст»мавзӯҳои «Дастхатҳои беназири ниёгон», «Тавсифи мухтасари қисме аз дастхатҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон», «Хаттотони заринқалам», «Бузургон дар ситоиши хат ва хаттотӣ», «Саҳҳофони гулдаст», «Силсиланависон» ҳикояҳои аҷоиб аз сайри таърихии табъу нашр қисса мекунанд.

Дар фасли сеюми китоб оид ба«Нашрияҳои чопӣ (китоб, тақвиму атласҳои ҷуғрофӣ ва рӯзномаю маҷаллаҳои кӯҳан)»масоили мавзӯҳои «Нашрияҳои чопӣ…», «Тақвими рӯзҳои таърихӣ», «Атласҳои ҷуғрофӣ»ва «Рӯзномаю маҷаллаҳои кӯҳан» ба хонанда маълумоти мухтасар дода мешавад.

Дар бораи сарвати бузурги маънавӣ, китобҳои машҳури кишвару ҷаҳон, китобхонаҳои шахсӣ дар фасли чоруми китоб батафсил нақл карда мешавад.

Дар боби дигари китоб дар бораи пайдоишватанзими хронологии намудҳои хат, аз ҷумла хатҳои тасвирӣ, идеографӣ, мехӣ, паҳлавӣ, хоразмӣ, суғдӣ, арабӣ ва ғайра батафсил маълумот дода мешавад. Ривоят мекунанд, ки он ба давраи садаи биринҷии замони Сакоиҳо – ҳазораи якуми то мелод ва давраи садаи миёна ва ғайра тааллуқ доранд.

Мардумон дар ҳар давру замон барои ёфтани масолеҳи хат ҷустуҷӯ ва кофтуковҳо мекарданд. Масалан, тахтасанг, сангу сафол, чӯбу баргҳои дарахтони хурмову зайтун, пӯсти дарахти тӯсу папирус, пӯсту пегамент ва ниҳоят қоғазро кашф карданд.

Таърих гувоҳ аст, ки 5500 сол қабл китобҳо дар папирус таълиф шудаанд. Соли 1855 лӯлакитоби дар папирус навишташударо пайдо карданд, ки 405 см дарозӣ ва 42,5 см бар дошт. Лӯлакитоби мазкур дар хусуси сохти шоҳигарии Мисри Қадим, Фиръавн РамзисиII ривоят мекунад. Ҳоло ин китоб дар китобхонаи Британияи Кабир(Лондон) маҳфуз аст.

Хонандаро китоби дигаре ба ваҷд оварда метавонад, ки дар осорхонаи Британияи Кабир(Лондон) маҳфуз аст. Он китоби қадимаи буддоиҳо мебошад,ки дар 236 барги дарахти хурмо таълиф ёфтааст.

Мардум дар пайи ҷустуҷӯи масолеҳи беҳтари навишторӣбуданд ва ниҳоят баъд аз папирус пӯстро дарёфт карданд, ки то асри Хистифода мешуд.

Ибтидои аср аввал дар Чин, сипас дар нимаи дуюми асри VIII мелодӣ дар Самарқанд коғаз пайдо мешавад. Коғази Самарқанд дар ҷаҳон яке аз беҳтарин қоғазҳо ба ҳисоб мерафт.

Беҳуда нест, ки дар бораи сифатнокии қоғази Самарқанд шоир Мӯҳсини Таъсир чунин мегӯяд:

**Чун нависам васфи лаълат, нома гулбандӣ бувад,**
**Дафтаре бошад, агар коғаз самарқандӣ бувад.**

Китоб хонандаро ба олами маънӣ ҳидоят мекунад ва маънавиёти шахсро бою ғанӣ мегардонад.

Шояд шумо медонед, ки китоби калонҳаҷме ҳаст бо вазни 31 тонна, ё китоби кӯчаке ҳаст, ки аз сӯрохии сӯзан мегузарад ва ё китобе ҳаст, ки матни он бо ресмон дар матоъ навишта шудаст.

Хонандаи азиз! Вақте ки Шумо китоби «Мақоми китоб дар фарҳанги мардуми тоҷик»-ро мутоила менамоед, ба олами аҷоиботи китоб, сайру такомули ин василаи муҳими тамаддун инсоният аз наздик шинос мешавед,ҳамчунин,аз ганҷинаи мероси ниёгон, амсоли Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ Ибни Сино, Низомии Ганҷавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон шоҳбайтҳои пурқимате нисори шумо мегардад.

Дар ҳар як қисмати маълумотномаи мазкур барои муқоиса маводи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (ҳоло ИДМ) ва хориҷро низ пешкаш менамоем, зеро онҳо хеле ҷолиб ваибратомӯзанд.

Дар охири маълумотнома рӯйхати сарчашмаҳо пешниҳод гаштааст, ки қисми онҳоро муаллифон дар омода намудани дастури мазкур мавриди истифода қарор додаанд ва боқимонда барои омӯзиши мавзӯъ мусоидат хоҳад кард.

Инак, Шуморо ба сайри олами нопайдоканори китоб ҳидоят мекунем.Хонеду баҳра бардоред!

# ФАСЛИ 1. ПАЙДОИШИ ХАТ, ҚАЛАМ, КИТОБ ВА МАСОЛЕҲИ ХАТТИЮ ОСОРИ АҶОИБ

## МАСОЛЕҲИ ХАТТӢ ВА ОСОРИ АҶОИБ

Замонҳои қадим одамон бахши навиштани номаҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ, таълифи китобчаҳо воситаҳои созу мувофиқ ҷустуҷӯ кардаанд. Вале дар он замонҳо дарёфти масолеҳи хатнависӣчандон осон набуд. Одамон бисёр воситаҳоро санҷиданд. Якеи ин воситаҳо ҳаҷман вазнин ва дигаре душворнавису гаронбаҳо буд. Дар гузашта ҳамаи онҳо ҳамчун масолеҳи хатнависӣ давра ба давра истифода шуданд: тахта, санг,чӯбдаст, тахтачӯбҳои суфташуда, тахтачаҳои сафолӣ, сурбӣ, мисӣ,филизӣ, пустлохи дарахти тус, барги дарахтони зайтун,хурмо,растании патрус, пусти ҳайвонот ва қоғаз.

Мардумони сершумори қадим ва мамлакати хетҳо рӯи тахтасанг,тахтачаҳои сафолин, танаи деворҳо, пештоқҳо навиштаҳои тасвирӣ сабт мекарданд. Юнониён қонун, актҳои санадҳои давлатиро дар тахтасанг, тахтачӯб ва матни аввалини достони “Илиада”-и машҳурро рӯйи тахтаи сурбӣ навиштаанд. Америкоиёни Ҷанубӣ ҳамчун масолеҳи хатнависӣ дарахти Лифдор ва дигар зироатҳои хосаро истифода мебурданд. Мисриён аввал дар барги зайтуну хурмо ва пас дар папирус, суриягиҳо дар пусти ҳайвонот, арабҳои кучманчии садаҳои 1-уми милодӣ рӯи устухон менавиштанд. Мардумони Чин, Корея, Япония, Арманистону Машриқзамин ва ғайра аз ин қабил асбобу абзоли хатнависӣ истифода бурдаанд. Миёни ҳамаи масолеҳи хатнависӣ папирус ва пергамент, баъдтар қоғаз шӯҳрати калон пайдо мекунанд.

## П А П И Р У С

Папирус растании найсимо аст,ки замонҳои қадим дар резишгоҳи дарёи Нил мерӯид. Мардумони баъзе минтақаҳои Арабистон ин растании нодиру камёбро «Берд», «Барбур», мисриён «Папирус» меномиданд. Дар замони мо ҳам растании папирус вуҷуд дорад. Имрӯзҳо папирус дар соҳили дарёҳои Судон ва Эфиопия мерӯяд.

Замонҳои кадим барои дар папирус навиштан одамон заҳмати зиёде мекашиданд. Ҳамчун масолеҳи хаттӣ тайёр кардани папирус ин тавр буд:одамони ба ин кор машғул мағзи танаи папирусро бурида мегирифтанд. Раҳҳои чокшударо рӯи тахтаи суфта мегузоштанд. Сурохиҳои раҳҳоро бо раҳҳои дигар маҳкам мекарданд

ва бо асбоби махсус раххоро сахт тазъйиқ медоданд. Вароқи тазъйиқхурдаи папирусро дар офтоб хуш мекарданд. Ширеш орди бо ҳам часпондани раххо мағзи танаи папирусбуд, ки хеле часпак аст. Ҳамин тавр, баъди хушк шудан вароқҳои суфтаю зебо ва пурбардор ба вуҷуд меомаданд. Андозаи ғафсии вароқҳои папирус ба даҳяки миллиметр баробар буд. Ба гуфти таърихшиноси Юнони қадим Ҳеродот – мисриён аз мағзи танаи папирус таомҳои гуногун низ тайёр мекарданд. Лекин папирус, пеш аз ҳама, дар рушду равнақи осори хаттӣ, инкишофи фарҳанги маънавии мардумони қадим воситаи муҳиме будааст.

Папирус чун масолеҳи осори хаттӣ на танҳо дар Мисри қадим, балки дар Осиёи Хурд, Африқо ва Аврупо истифода мешуд.Аксҳои дар вароқҳои папирусӣ таълифшудаи давраҳои қадим шаклан аз лӯлакитобҳо иборат буданд.Дарозии вароқи ҳар лӯлакитоб ба чандин метр рост меомад. Дар як тарафи ин вароқҳо чӯбдаста баста мешуд. Муаллифону китобдорони замони қадим дастхатҳоро ба ҷӯбдастаҳо печонида лӯла мекарданд ва онҳоро дар ғилофҳои махсуси чӯбин ва ё ғилофҳои сафолинэҳтиёт мекарданд. Ҳамин эҳтиёткориҳо буд, ки бисёр лӯлакитобҳои папирусӣ то замони мо расидаанд ва онҳо дар осорхонаю китобхонаҳои азими дунё нигоҳдорӣ мешаванд.

## ЛӮЛАКИТОБҲОИ ПАПИРУСӢ

Лӯлакитоби папирусии кӯҳан дар китобхонаи милли Фаронса (Париж) нигоҳ дошта мешавад.Ин китоб бебаҳост:5500 сол қабл таълиф шудааст! Матнаш дар папирус навишта шуда, дар ғилофи ба худ хос нигоҳ дошта мешавад.

***

Қисми зиёди осори қадимаи папирусӣ аз ҷиҳати санаи таълиф ба солҳои 3350-уми пеш аз милод рост меояд. Инҳо лӯлакитобҳое мебошанд, ки аз сағонаҳои шаҳри Фив ёфт шудаанд. Дар ҳамин шаҳр соли 1855 лӯлакитоби папирусиеро дарёфт карда буданд, ки дарозиаш 405 сантиметр ва бараш 42,5 сантиметр буд. Китоби мазкур аз сохти шоҳигарии мисри қадим – Фиръавн Рамзеси II ривоят мекунад. Ҳоло ин лӯлакитоб дар осорхонаи Британияи кабир (Лондон) маҳфуз аст.

***

Дар осорхонаи Британияи Кабир беш аз ҳазор лӯлакитоби папирусӣ мавҷуд аст. Байни ин китобҳо таҳти унвони «Папирус Гариса»лӯлакитоби муҳташаме ҳаст. Андозаи дарозии вараҳи яклухти вай ба 45 метр мерасад.

***

Дар эрмитажи давлатии шаҳри Санкт-Петербург лӯлакитобе ҳаст, ки таърихи сеҳазорсола дорад. Вай дар бораи ба фалокат дучор шудани маллоҳон ривоят мекунад.

***

Моҳи августи соли 1960 дар ҷамъомади мисршиносон (ш.Москва) аз бисёр мамолики дунё вакилон иштирок доштанд. Онҳо дар ин ҷамъомад муҳофизат ва кушодани рамзи ёдгориҳои адабии қадимро баррасӣкарданд. Шарқшиноси Иттиҳоди Шуравӣ М.А.Коростовцев оид ба интишори адабиёти Мисри қадим сухан ронда, қайд кард,ки ӯ матни китоби папирусии Мисри қадимро тарҷума кардааст. Осори мазкур таҳти рақами 127 дар Осорхонаи санъати тасвирии шаҳри Москва нигоҳ дошта мешавад. Онро соли 1991 мисршиноси рус В.С.Голенцев бо чанд китоби дигар оид ба таърихи Миср ба даст оварда буд. Осори папирусӣ ахборест дар боби мактубҳо ва он ба ҳазораи XI-уми пеш аз мелод мансуб мебошад.

*******

Дар осорхонаи Лейдени Нидерландия таҳти унвони «Папирус Лейден» китобе нигоҳ дошта мешавад, ки наздикии соли 1330-уми то милод аз рӯи ҳикояти «Шӯриши халқии мисриёни қадим» нусхабардорӣ шудааст.

*******

Аз ҷиҳати дарозии варақ нисбат ба лӯлакитоби папирус китобе мавҷуд аст болотар. Дарозии яклухти асари Гомери бузург «Илиада» ба 150 метр мерасад.

*******

Ин китоб бо номи «Папирус Турин» машҳур буда, яке аз манбаҳои муҳими хронологии Мисри қадим мебошад. Китоб

садаи Х111-и то милод дар асосир манбаҳои қадимтарин навишта шудааст. Он ҳоло дар осорхонаи Турин (Италия) нигоҳ дошта мешавад.

***

Соли 1963 ба осорхонаи Британияи Кабир (Лондон) китоберо тӯҳфа карданд. Таҳқиқотчиён ба муайян кардани номи китоб муяссар нашуданд. Онҳо ба китоб «Китоби хомӯш» ном гузоштанд. Қатъи назар аз мазмун ба китоб чунин ном гузоштан мувофиқ омад. Зеро «Китоби хомӯш» се ҳазор сол дар яке аз соғонаҳои санеии соҳили дарёи Нил (Миср) ниҳон будааст.

## ПЕРГАМЕНТ

Пергамент дар авҷи инкишофи масолеҳи хаттии папирусӣ ба вуҷуд омадааст. Вай ба муносибатҳои доду гирифти байни Сурия ва Миср алоқаманд буд.Садаи 2-юми пеш аз мелод шоҳаншоҳи Сурия Евмани II дар пойтахти худ (шаҳри Пергам)барои кушодани китобхона қарор баровард. Шоҳаншоҳ барои офаридани дастхатҳо харидани папирусро аз Миср раво донист. Вале шоҳаншоҳи Миср аз мақсаду орзуҳои Евман огоҳ шуд. Ӯ нахост, ки шуҳрати китобхонаи Искандарияро аз даст бидиҳад. Бинобар он, ба Сурия фурӯхтани папирусро рухсат намедод. Пас, Евман роҳи дигар ҷӯст. Донишмандонро ҷамъ кард,ки роҳу воситаҳои офаридани асарҳо ва бунёди китобхонаро биёбанд. Инак, баъди ҷустуҷӯю озмоишҳо масъала сари пусти ҳайвонот қарор гирифт. Дар пӯсти гӯсфанду гӯсола ва гавазну маркаб навиштани китобҳо пешкаш шуд. Нисбати навиштану тайёр кардани пӯст ин тавр қарор доданд: пустро дар оби маҳлулшудаи оҳакдор андаке хобонда, хушк мекарданд ва пас онро ба чорчӯба кашида, ҳарду тарафашро харошида тоза мекарданд. Баъд пӯстро зери санги сабук гирифта соиш медонанд. Билохир,ба рӯи пӯсти суфташуда ранги тунуки равғанин мемолиданд.

Ҳамин тавр, масолеҳи хаттӣ бо номи пергемент шурӯъ мешавад. Китобҳои нахустини дар пӯст таълифшуда ба лӯлакитобҳои папирусӣ шабоҳат доштанд. Онҳоро мисли китобҳои папирусӣ мепечонданд ва дар рафҳои махсус нигоҳ медоштанд.Навиштаҳо баътар ба ҳукми дафтар даромаданд. Саҳҳофӣ шӯҳрат гирифт. Саҳҳофон навиштаҳоро ба шакли дафтар ҷузъбандӣмекарданд. Барои безарар нигоҳ доштани матни китобҳо саҳҳофон аз тахтачӯби суфташуда истифода мебурданд ва пас, рӯи муқоваро бо пӯсти ошдодаи зебо ва ё бахмалу сатин мепӯшонданд. Он давраҳо чу-

нин китобҳоро «кодекс»ҳам меномиданд. «Кодекс»-ҳо ба китобҳои хозира монанд буданд.

Азбаски аз пӯст тайёр кардани масолеҳи хаттӣ бори аввал дар шаҳри Ам расм шуда буд, китобҳои дар ин ашё таълифшударо «Пергамент»номиданд. Баҳсу баҳодиҳӣ ба папирус ва пергамент садаҳои зиёд тӯл кашиданд. Ниҳоят садаи VI-уми мелодӣ қонун мебарояд.Мувофиқи он пергамент баҳои сазовор мегирад. Аз рӯи ин қонун минбаъд ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ ҳам дар пергамент сабт мешуданд. Садаи IX истеҳсоли папирус рафта-рафта паст мешавад. Папирус аз байн меравад. Ин дар инкишофи фарҳанги замон душворӣ пеш меорад.Зеро лӯлакитобҳои папирусӣ арзон буданд. Бо вуҷуди пурбардоштии пергамент барои навиштани китобҳои калон,ҷилдҳои давомдор, нусхабардорӣ аз бахри рамаю пода баромадан лозим меомад. Дар 500-1000 пӯст навиштани китобҳо баҳо надоштанд. Ин гуна китобҳо фурӯхтанамешуданд. Онҳоро бештар ба гарав мегузоштанд ё ҳамчун моликияти давлатӣ боқӣ мемонданд. Баъзе чунин китобҳоро дар қатори рафҳои китоб занҷирбанд ҳаммекарданд.

Замонҳои қадим китобҳои дар пергамент таълифшуда ҷиҳатҳои манфӣ ҳам доштанд. Эҳтимол, ин ба қимати арзиши пергамент алоқаманд буд. Аксаран таълифотҳо пинҳон мемонданд ва котибон ё навиштаҷотро харошида нопадид месохтанду ба ҷойи он матни китоби навро менавиштанд. Баъдтар замони китобҳои хеле боифтихору аҷоиби пергаментӣ ҳам фаро расид.

## КИТОБҲОИ ПЕРГАМЕНТӢ

«Авасто» китоби мукаддаси зардуштиён аст. Вай дар ибтидо чун маҷмӯаи шифоҳӣ шинохта мешуд. Китоби «Авасто»дар осори вазъҳои пайғамбари зардуштиён Зардушт (солҳои 628-551то мелод) ба вуҷуд омада буд ва замони Ҳахоманишиҳо бо хаттӣ меҳӣ навишта шуд. Пеш аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ (334 то мелод), мегӯянд, ки барои навиштани он гӯё пӯсти 1200 гов ва ба маънидоди дигар пӯсти 12 ҳазор гов масрав шуда бошад. Дар натиҷаи ба вуқӯъ омадани ҷангу ҷидолҳо «Ависто» хароб мешавад. Искандари Мақдунӣ онро месӯзонад. Садаи якуми милодӣ бо фармони Шоҳи Ашконӣ Волагеси I матнҳои боқимондаи авастоӣ ва маводи ба таври шифоҳӣ байни мӯбадон ҳифзгардида ҷамъоварӣ мешаванд. «Авасто» дертар ба алифбои авестоӣ гардонда мешавад.

***

Қаду бастиин дастхат ба дафтари оддӣ монандӣ дорад. Муқовааш пӯсти ошдода ва он 13 вараќи пӯстиро дар бармегирад. Санаи таълифоташ маълум нест. Навишти матн бо ранги сиёҳ ва забони навишта ивритист. Дастхати мазкур порчаест аз «Таврот» ва он дар фонди дастхатҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон таҳти рақами I нигоҳ дошта мешавад.

***

Муқоваи китоби «Инҷили шайтон» аз тахтачӯби булутӣ сохта шуда, 350 килограм вазн дорад. Барои ба анҷом расондани муқоваи «Инҷили шайтон» пӯсти 100 ҳайвон истифода шудааст. Ҳоло китоби мазкур дар китобхонаи  шаҳри Стокҳолм маҳфуз аст.

***

Китоби «Ҳакиқати авлиё Ёхайн» аз ҷиҳати қаду баст ва масраф шудани пӯсти зиёд машҳур гардид. Китоб дорои 150 саҳифа буда, аз пӯсти 300 гӯсфанд мураттаб шудааст. Муқоваи биринҷии китоб 210 килограм вазн дорад ва бо пули швейсарӣ ду ҳазор франк арзиш дорад.

***

Ҷандин сол қабл кормандони Осорхонаи санъатшиносии Фаронса (Париж)«Апокалипсис» ном китоберо пайдо карда буданд. «Апокалипсис» аз ҷиҳати саҳҳофӣва накшу нигор ҳайратовару мафтункунанда аст. Вай 500 намуд зарнигори сарлавҳа, 93 ҳазор ҳуруфи  хаттотӣ дорад. Муқовааш бо хӯла, ақиқу зумуррад, чангакҳои ҷилодор, 585 мехчаи пурҷило ва дигар чакидаҳои афшонӣ тазйин ёфтааст. «Апокалипсис» аз пусти 3000 гӯсфанд тайёр шуда, вазнаш ба 230 килограм мерасад. «Апокалипсис» бо лоиҳаи Салвадор Дали саҳҳофӣ шуда, дар корион 14 нафар саҳҳофони хушсалиқаи ҷаҳон иштирок кардаанд. Кормандони осорхона «Апокалипсис»-ро аз соҳибаш –Жан Форэ ном шахс ба даст оварда буданд. Ҳанӯз соли 1972 арзиши «Апокалипсис» дар намоишгоҳи китобҳои иттифоқҳои миллӣ ба як миллион доллар хеста буд.

***

Садаи IV- и пеш аз мелод «Тавроти нуқрагин» таълиф шуда буд. Китоби «Тавроти нуқрагин» дар пӯсти сурх ба табъ расида,бо

санъати афшон нигориш ёфтааст. Ҳоло ин китоб дар китобхонаи университети Упсаль (Шветсария) нигоҳ дошта мешавад.

***

Дар китобхонаи Матенадаран (Ереван) «Воизи дайри Муш» (Муш маҳалаест дар минтақаи ҷанубии Арманистон) соли 1200-уми милодӣ дар наздикии Парона ном маҳалле дар ҳаҷми 600 саҳифаи пӯсти гӯсола таълиф шудабуд. 27 килограм вазн дорад.Нуқси китоб дар он аст, ки 17 саҳифааш намерасад. Таҳқиқотчиён мавҷудияти 16 саҳифаи онро дар Венетсия ва як саҳифаашро дар Осорхонаи Вена муайян кардаанд.

***

Овозаи қонуни қадимаи Эрон маълум буд. Вай аз ҷиҳати ҳаҷму ҳашамат ҳамто надошт. Аҷаб қонуни давлатӣ,дар пӯсти 1200 барзагов навишта шуда буд.

***

Номаи аҷоибу ғароиб. Онро шоҳаншоҳи Эрон ба султони турк равон карда буд. Сабаби ба ганҷинаи таърих фитодани ин нома дар он аст, ки вай дар пӯсти дарозиаш 10 метр ва бараш 7 метр иншо шудааст. Нома ба садаи XVI-и милодӣ тааллуқ дорад ва ҳоло яке аз экспонатҳои ҷолиби осорхонаи шаҳри Истамбул (Туркия) мебошад.

***

Соли 1923 дар соҳили дарёи Евфратҷустуҷӯи археологӣ гузаронида шуд ва бозёфти нодири он ҳуҷҷате буд дар пӯст навишташуда, ки ба солҳои 196-195-и то милод тааллуқ дошт.

***

Сокини шаҳри Агадеснии Нигерия Джошуа Канмейра пинадӯз будааст. Боре писари ӯ аз ахлоттӯда пораи чармеро дарёфт карда, ба падараш медиҳад ва пинадӯз ин чармро ба оби ширгарм тар тар мекунаду баъд онро аз об берун мекашад. Мехоҳад, ки чармро тоза карда, истифода бикунад. Ҳамин маврид назараш ба навиштаҷоти рӯи чарм меафтад. Пинадӯз чармро ба мутахассисон

нишон медиҳад ва онҳо маълум мекунанд, ки рӯи чарм катиба буда, ба садаи Х11 мутааллиқ аст.

## ПАЙДОИШИ КОҒАЗ

Таърихи коғаз ҳам ба мисли дигар масолеҳи хаттӣ тӯлонист. Истеҳсоли он ҳама масолеҳипешинаро ба танг овард ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Таҳқиқотчии рус Н.П.Лихачевнавиштааст, ки «аз рӯи ривоятҳои интишоршуда коғаз садаи II-уми мелодӣ аз ҷониби ихтироъкори Хитой Чай-Лун ба вуҷуд оварда шудааст. Инро солноманависони Хитой ба асос гирифтаанд. Вале гуфтаҳои онҳо ба якдигар на чандон алоқа доранд. Зеро ба ривояти яке соли 95, дигаре соли 105, сеюмин соли 153-и милодӣ мебошад. Байни ин солҳо 60 сол фарқ ҳаст. Инчунин яке аз он солноманависон навиштааст: «Чай-Лун соли 105 ба императори Хитой тарзи тайёр кардани коғазро аз зағирпоя, канаб, пӯсти дарахти лиф, латтапора, бамбук ва пахол ёфта буд». Аз ин ривоятҳо ва далелҳои дигар Н.П.Лихачев ба хулоса меояд, ки Чай-Лун эҳтимол ба Туркистони Шарқӣ омада, бо касбу кори намадмолии мардумони ин кишвар шиносшуда бошад,зеро тарзи намадмолӣ заррае ба талқину ангезиши пайдоиши коғаз мебошад. Аз ҳамин лиҳоз Н.П.Лихачев ватани аз латтапораҳо тайёр кардани коғазро Туркистони Шарқӣ мешуморад. Бо вуҷуди, ин Н.П.Лихачев дар Хитой аз бамбук ба вуҷуд овардани қоғазро рад намекунад.

Хитоиҳо тарзу воситаҳои тайёр кардани қоғазро сирру асрори махфии давлатӣ медонистанд. Онҳо намехостанд,ки ихтирои коғаз ба дигар кишварҳо паҳн гардад. Вале онҳо андешаҳои хаёлӣ буданд. Тараққиёти инсоният ва фарҳанг ӯ барои ба вуҷуд овардани коғаз ва истеҳсоли вай роҳи васеъ мекушояд.

Ҳанӯз соли 650-уми мелодӣ дар шаҳри бостонии Самарқанд аз коғаз истифода бурдаанд. Вале он коғази истифодашуда дар куҷо истеҳсол шуданаш маълум набуд. Дар боби қоғази истеҳсоли Самарқанд ривоятҳои эътимоднок мавҷуданд. Ин ривоятҳо чунинанд: соли 751 дар соҳилҳои дарёи Палас (наздикии Ҷанбул) байни сарбозони арабҳо ва хитоиҳо задухурд ба вуҷуд меояд ва хитоиҳо дар он мағлуб мешаванд. Истеҳсоли коғазҳам ба ҳамин задухурду мағлубияти хитоиҳо бевосита алоқаманд будааст. Зеро асирафтодагони хитоӣ сирру савдои тайёр кардани коғазро ба ғолибон гуфтаанд.

Ҳамин тавр, нимаи дуюми садаи VIII дар шаҳр корхонаи коғазбарорӣ ба вуҷуд меояд ва минбаъд тарзи тайёр кардани коғазаз Самарқанд ба дигар мамолик мегузарад.

Корхонаи қоғазбарории Самарқанд бисёр кишварҳои Машриқзамин ва Арабистонро бокоғаз таъмин менамуд. Услуби коғазбарорӣ аз Самарқанд (садаҳоиXII-XIII)ба Фаронса ва дигар мамолики Аврупо низ гузаштааст. Коғази истеҳсоли Самарқандро баъзан «коғази Самарқанд» ва «коғази Хуросон» мегуфтанд. То садаи XVIIсе навъи коғази Самарқанд маълум буд. Навъи беҳтарини онро қоғази абрешимин мегуфтанд. Коғази абрешимин зардчатоб, аз лоси шоҳӣ тайёр карда мешуд. Навъи дуввуми қоғази Самарқанд бо номи нимкатонӣ машҳур гардида буд.Мавриди тайёр кардани ин қоғаз нахи катон (нахи зағирпоя) илова мекарданд. Ниҳоят, навъи сеюми қоғази Самарқанд аз хамираи латтапораҳои пахтагин истеҳсол мешуд. Ҳар сеи ин навъи коғазҳо аълосифат, пурбардор ва хушнавис буданд. Мо дар бисёр дастхатҳои қадимба китобҳое рӯ ба рӯ меоем, ки дар қоғази Самарқанд таълиф шудаанд ва ҳоло ҳам қиммату намуди худро гум накардаанд.

Дар замони ҳозира манбаи истеҳсоли қоғаз ҷангалистонубешазорҳои бузург аст. Коғаз аз селюлозаи дарахтони гуногун варастаниҳои яксолатайёр карда мешавад. Ба таркиби масолеҳи қоғаз моддаҳои кимиёвӣ, елим (ширеши дуредгарӣ) ва оҳар илова мекунанд. Ин барои сафед, суфтаю рангногузар баромадани қоғаз имконият медиҳад. Барои тайёр кардани хамираи қоғаз масолеҳи онро аввал орд мекунанд. Пас, аз рӯи навъи қоғаз ба хамира моддаҳои иловагӣ – ранг ва об меандозанд ва хамираро дар машинаҳо соф мекунанд…

Коғаз бо заҳмати зиёд ба вуҷуд меояд. Танҳо машинаҳо, дастгоҳҳоипуриқтидор ин заҳматро осон карда метавонанд. Қоғаз ба тариқи варақҳои яклухти дароз ва лӯлапечшуда истеҳсол мешавад. Ба рӯи баъзе навъҳои коғаз моддаҳои равшаниҳискунанда (эмульсия) низ мемоланд.Коғазҳои хушсифат аз зағирпоя ва коғази маъмулии хатнависӣ аз мағзи чӯби дарахти сӯзанбарг тайёр мешавад.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳар сол ёздаҳ миллион тонна коғаз ва коғазҳои ғафси муқовабоб истеҳсол мешуд.Коғаз аз рӯи вазифаи худ ба навъҳо ҷудо мегардад. Ёздаҳ навъи асосии қоғаз мавҷуд аст:

-коғаз барои чопи китобҳо, матбуоти даврӣ, харитаҳои ҷуғрофӣ, расмҳои ранга;

- коғаз барои мукотиба;
- коғаз барои накшаю расмкашӣ;
- коғаз барои муҳофизат аз таъсири барқ;
- коғази тунук барои саноати тамокубарорӣ;
- коғази обчинак;
- коғази нурпазир барои суратгирӣ ва нусхабардорӣ;

- коғази махсуси суратгирӣ;

- коғази махсуси нусхабардорӣ;

- коғази дурушт барои печондани хӯрокворӣ ва махсулотисаноатӣ;

- коғази саноати техникӣ.

Коғаз дар хочагии халқ ба аҳамияти бузург моликаст. Аз қоғаз ва қоғази ғафс (картон) беш аз 60 ҳазор асбобу анҷом, аз ҷумла беш аз 200 намуд қисмҳои майдаи машинаҳои сабукрав, ғилофисоат, калтусҳои барқӣ, чалак, қуттӣ, тугмаҳои ранга, асбобҳои суратгирӣ, таҷҳизоти гуногуни саноати бофандагӣ вағайра тайёр карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, коғаз пеш аз ҳама василаи муҳимихаттӣ мебошад. Дар васфи коғаз бузургон суханони беҳамто гуфтаанд, аз ҷумлаШамсиддин Ҳофизи Шерозӣ:

**Бинвис, дило, ба ёр қоғаз,**
**Бифирист ба он нигор қоғаз!**

## ПАЙДОИШИ ХАТ

Хат дар натиҷаи ниёзмандӣ, алалхусус сурат гирифтани ташвишҳои рӯзгордорӣ, хоҷагидорӣ, додугирифт, якдигарфаҳмӣ, робитаҳои одамон, қабилаҳо, давлатҳо ба вуҷуд омада, дар раванди инкишофёбии худ роҳи тӯлониро тай намудааст. Одамони қадим дар ибтидо ин ҷилду ҷаҳро аз сангчапартой, гиреҳбандӣ, хатчаҳои мисли лиф ва баъдан сураткашӣ оғоз кардаанд. Усули сангчапартой қисман ба тарзи ривоят омада бошад, рӯзҳои мо байни баъзе зумраи одамон ба назар мерасад. Ҳеҷ кас аз ҷониби кӣ ва ба чӣ мақсад ба вуҷуд овардани ин сангтӯаҳоро наидааст, вале др ин бобат ба таври шифоҳӣ ривоятҳо мавҷуданд.

Ар соҳили дарёчаи Оби мазори Ховалинг панҷ сангтӯда ба мушоҳида мерасад. Дутои ин сангтӯаҳо наздикии деҳаи Чуқурак воқеъ гардидааст, ки болои яке чордаҳ чуқурӣ, дигаре ҳашт чуқурӣ мавҷуд аст. Сатҳи сангтӯдаи деҳи Доробии ҳамин ноҳия ба сад метр мерасад. Нисбати сангтӯдаҳо ин тавр ривоятҳоиҷолибе арзи вуҷуд доранд. Гӯё замоне соҳил туғён бардошта сангҳоро ба соҳил баровардааст ва баъд одамон сангҳоро аз селроҳа чида ҳарҷоҳарҷо ҷамъ кардаанд ва заминро барои кишт омода сохтаанд. Ривояти дигаре ҳаст, ки баъди анҷоми набард лашкари кадом яғмогар ба соҳили Оби-Мазор мерасад. Сарлашкар баъди набард хостааст, ки шумораи ҷанговарони боқимонаашро бифаҳмад. Ӯ амр кардааст, ки ҳар кас аз сангоба яктогӣ санг бигираду дар майдони канор ва ҷои таиншуда партояд. Бо ҳамин сарлашкар аз рӯи

тӯдаи сангҳо сарбозони нақотёфтаашро муайян кардааст. Ба ҳар ҳол сангтӯдаҳои ноҳияи Ховалинг бесабаб ҳам нестанд. Онҳо асрори ниҳонӣ доранд ва ба давраҳои қадим мансубанд.

То имрӯз дар байни чӯпонҳо (даҳмардаҳо) ҳисобе дида дида мешавад. Ин бештар дар маҳаллаҳои ноҳияи Панҷакент мушоҳида мешавад. Фрз бикунем, ки агар рамаи гӯсфандон аз ҳазор сари борат бошад, пас чӯпон барои фаҳмидани ин саршумор даҳтогӣ сангча мегирад. Барои гум накардани ҳисоб, мавриди ҳисобкунӣ, ба ҳар сар гӯсфанд яктогӣ сангча мепартоянд…

Ривоятҳои мардумӣ мушоҳидаро андар хатчаҳои алифи танаи деворҳо дар маҳалоти кӯҳпораи Тоҷикистон аз замонҳои қадим то кунун анъанаи «Певоз» меномиданд. «Певоз» анъанаест дар байни занони ин ё он маҳал. Вай ростқавлӣ, ҳалолкорӣ, покизакорӣ ва меҳнатдӯстӣ нисбати якдигар боваринокиро ифода менамояд. Занони маҳаллаҳои кӯҳпора, онҳое ки соҳиби гову моли ҷушоӣ буданд, ба ин нъана шуғл доштанд ва ҳар саҳару бегоҳ шири ҷушиаашонро ба навбатдор медоданд. Навбати ҳар иштирокчӣ то 1ё0-15 рӯз ва аз ин ҳам зиёд идома меёфт. Баъди анҷоми мӯҳлат навбатдор зиёфату базм ташкил мекард ва пас навбати «Певоз» ба дигар иштирокчӣ мегузашт. Додугирифти шир дар хурмаи махсуси сафолин бо чӯбчаи нишондор, ки онро «пих» меномиданд, чен карда мешуд.Микдори шири ҳар иштирокчии «Певоз» ҷои таиншудаи танаи девор бо хатчаҳои рост, яъне як-як ишора мешавад. Хатчаҳоро фақат навбатдор ва шарикони ӯ мефаҳмиданд… Муддати давомоти «Певоз» ҳар навбатдор шири гирифтаашро ба шарикон навбаб ба навбат бар мегардонд ва соҳиби захираи равғани зарду қурут мегардид.

Одамони замони қадим рӯи асбобу анҷомҳои суфта – сафолу чӯбдтаҳо, девору пештоқҳо, сангу танаи ғорҳо, калфу қамарҳо бо тарзи сураткашӣ фикру зикри худро ифода кардаанд. Онҳо бо ин тарз оид ба тағйирёбии шабу рӯз, моҳу фаслҳои сол, олами набототу ҳайвонот ва паррандагон, маъракаҳои расмӣ, юришҳо ва ғайра ривоятҳои аҷоибу ғоиберо сабт менамуданд.

Муаллифи китоби «Таърихи қоғаз» М. Т. Малкин дар ҷараёни таҳлилу таснифи таърихи қоғаз ва пайдоиши хати пиктографӣ ба тасвирнигорӣ дахолат карда, андешаҳояшро чунин шарҳ додааст, қи «дар яке аз минтақаҳои ИМА ғоре воқеъ гардидааст. Дар танаи вай нақшҳои ғарибе сабт шудаанд. Нақшҳо ба юриши ҳиндуёни амрикоӣ мансубанд. Ҳар яке аз нақшҳо ба худ хос мазмуну маънои ҷолиб доранд.Солноманавис манзараро хеле фаҳмо ва дилкаш тасвир кардааст. Ӯ дар тасвири амалиёти ҳиндуён панҷ заврақ – ҳолати ҳаракат ва болои завракҳо аломати панҷоҳу як хатчаи алиф – шумораи сарбозон, перомуни нақши се офтоб – се

рӯз идома ёфтани ҳарбу зарб, нақши уқоб – хосияти ҷасурӣ ва ниҳоят нақши сангпушт-барори юриши ҳиндуёнро ифода кардааст».

Инҳо хатҳое мебошанд, ки бо зайли сураткашӣ ва баъдан онро хати пиктографӣ номидаанд. Калимаи «пиктография» аз ду қисм иборат буда, ба ду забон хос аст. Маънои луғавии қисми аввал бо лафзи лотинӣ «пиктус» - тасвир, нафосат, ҷамил, рангкардашуда ва қисми дуввум бо лафзи юнонӣ «графо» - нигоштан, навиштан мебошад.

Асрҳои гузашта ва даврони мо тадқиқотчиён бисёр мавзеҳои сабти хати пиктографиро таҳқиқ кардаанд. Намунаҳои хати пиктографӣ дар Амрико, Арабистон, Чин, Автралия, Исландия, Скандинавия, Сибир, Арманистон, Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тасвирҳои рӯи сангҳо, саҳроҳои Саймолитоши Фрғона, соҳилҳои Зарафшон, Бадахшони Тоҷикистон ва ғайра ёфт шудаанд ва бархе аз ин тасвирот ба замонҳои скифу сарматҳо хос мебошанд.

Хати пиктографӣ замони мо ҳам ба таври васеъ истифода мешавад. Нмунаҳои ин хат дар тасвироти рассомон, кандакорон, наққошон, ки ба воқеоти ғариб, манзараҳои рӯҳафзо бахшида шудаанд, намоён мегарданд. Тасвироти гузаргоҳҳои роҳҳои оҳан, автомобилгард, дарҳо, сутунҳои барқӣ ба мисли косахонаи сар, суратҳои зайли салиб омада, аз хатар эҳтиёткориро ифода менамоянд.

Хати пиктографӣ ба алифбо алоқа надорад. Мазмун, ривоятҳо ва забони вай ниҳон мебошад. Ба кадом воқеот хос будани тасвиротро бе хондану забондонӣ дарк кардан мумкин аст.

Бо мурури гузашти замон навъ, сохту сози хатҳо зиёд ихтироъ шуданд ва ин хатҳо шакл ба шакл, ном ба ном ҷудо гардидаанд. Дар ин бобат дар «Эсиклопедияи советии тоҷик» (Ҷ.7. – С.613-619) ва дигар манбаъҳо оид ба қисме аз ин хатҳо мисолҳои ҷолиб оварда шудаанд.

## ТАВЗЕҲОТИ МУХТАСАРИ БАЪЗЕ ХАТҲО

Хати идеографӣ хатест, ки баъди хати пиктографӣ ҷои дуввумро ишғол менамояд. Калимаи идеография низ аз ду қисмат иборат аст. Вай бо лафзи юнонӣ «идеа» - фаҳмо, «графо» - навиштан мебошад. Хати идеографӣ бо аломатҳои шартии маънидор, калимоти яклухт ва ё қисмҳои маънидори ин калимаро ифода менамояд. Хатҳои шумери қадим ва чинӣ намунаи хати идеографӣ мебошанд. Шаклҳои қадимаи хати идеографӣ дар асоси хати тасвирӣ (пиктографӣ) ба вуҷуд омад ва аввалҳо аз вай фарқ надошт.

***

Дар Шумери қадим – давраи ҳукмронии подшоҳ Ашшурбанипали 2 (охирҳои чаҳор ҳазор ва ибтидои се ҳазораи пеш аз милод) хати мехӣ эҷод шуд. Баъдтар ин хат дар давлатҳои шарқии ҳамсоя паҳн гардид. Хати мехӣ дар асоси хати тасвирӣ (пиктографӣ) ба вуҷуд омад ва хатчаҳои вай меҳмонанд.

***

Хатифиникӣ – хатест, кионрофиникиҳоэҷодкардаанд. Аз ин хат тоҷирони Юнони қадим, мардумони Сурия, Фаластин, қисман Миср, ҷазираи Кипр ва чанде дигар мамлакатҳо истифода бурдаанд. Осорҳои хаттии финикӣ ба нимаи дуввуми ду ҳазораи пеш аз мило два то садаи чаҳоруми пеш аз милод мансубанд.

***

Хати ибронӣ – хатест аз яҳудиёни қадим ва забони ҳозираи ибронӣ (ирвитӣ), идиш, ладино (абронӣ-испанӣ) мебошад. Бо ифодаи «Таврот» хати ибронӣ садаи ёздаҳи пеш аз милод вуҷуд доштааст. Осори қадимтарини хати тақвими гизерист. Ин тақвим ба садаи Х пеш аз милод дахл дорад.

***

Хати оромӣ – хатест хос ба овозҳои ҳамсадо. Вай дар заминаи хати финикӣ, ҷамоаи қабилаҳои Ғарбии Сомӣ – оромиҳо пайдо шудааст. Қадимтарин осори хаттии оромӣ навиштаҷоти Барҳадод (Сурияи Шимолӣ, садаи 1Х пеш аз милод) ва Зокир аз Ҳамо (тақрибан солҳои 800-уми пеш аз милод) мебошад. Баъдтар хати оромиро дигар халқҳои Сомӣ – яҳудиён, ошуриён, бобулиён ва ғайраҳо қабул кардаанд.

***

Хати портӣ – хатест барои сабти осорҳои забони портӣ ва хати оромиро бо баъзе тағйироташ дар бар мегирифт. Нишонаҳои хати портӣ аз харобаҳои Нисо, Камис, Қӯштеппа ба даст омадаанд. Хати портӣ ба садаҳои У1-111-и пеш аз милод рост меояд.

***

Хати бохтарӣ дар асоси хати юнонӣ ба вуҷуд омадааст ва хати расмии давлатии кушониён буд. Хати бохтариро садаи 1У-ум ҳайтолиён қабул кардаанд. Нишонаҳои ин хат аз харобаҳои Қаротеппа, Кампиртеппа, урхкӯтал ва сиккаҳо, катибаҳо ба ин хат алоқадор аз Ӯрузгана, води Ғочӣ ёфт шудаанд.

***

Хати паҳлавӣ аз шохаҳои хати оромӣ ихтироъ шудааст. Вай садаи 3-ми пеш аз милод ихтироъ шуда, дар забони форси миёна (паҳлавӣ) ва бахши сабти осори ин забон истифода шудааст.

***

Хати хоразмӣ – манбаи пайдоиши хоразмӣ хати оромӣ мебошад. Хати хоразмӣ ба навъи хатҳои портӣ, суғдӣ шабоҳат дорад. Қадимтарин осорҳои он ба садаҳои 3-2 милод рост меояд.

***

Хати суғдӣ – дар заминаи хати оромӣ ҳазораи 1-и то милод дар Суғди қадим ихтироъ шуда, барои абти осори забони суғдиён истифода мешуд. Ибтидои садаи У1-и милодӣ хати «Сутра» - хати номукаммали суғдӣ ташаккул ёфт. Вай то садаи Х маълум будааст. Хати шикастаи мукаммали суғдӣ тақрибан миёнаҳои садаи У111 ба вуҷуд омадааст. Бо ин хат ҳуҷҷатҳои ёфтшудаи Кӯҳи Муғ, катибаҳои Афросиёби Самарқанд, Панҷакент, осорҳои дини буддоӣ ва насронӣ навишта шудаанд.

***

Хати арабӣ – дар Осиёи Миёна ва хеле кишварҳои дигар баъди истилои арабҳо (садаҳои У11-У111-и милод) ба вуҷуд омадааст. Ба туфайли паҳн гардидани хати арабӣ хатҳои оромӣ, паҳлавӣ, юнонӣ, суғӣ, монавӣ аз байн рафтанд.

Навъҳои асосии хати арбӣ нашгона ва ситтаанд: хатҳои сулс, насх, муҳаққақ, райҳон, тавқеъ ва риқоъ мебошанд.

Заминаи ҳамаи ин хатҳо хати Кӯфӣ мебошад. Қадимтарин хати арабиро кӯфӣ меноманд. Хати кӯфӣ соли 326-и милодӣ ихтироъ шуда, намунаш аз қасри Ан-Намораи Сурия ёфт шуда буд. Баъдан дар асоси хати кӯфӣ навъи хатҳои арабии таълиқ, настаълиқ, шикаста ва ғайра пайдо шуданд…

***

Ҳуруфи «О» куҳнатарин ҳуруфҳост. «О» ҳанӯз соли 1300-уми пеш аз милод дар алифбои финиқии қадим истифода шудааст.

## ПАЙДОИШИ ҚАЛАМ

Қалам ҳамкору ҳамзамони осори тасвирию хаттӣ аст. Вай дар забони тоҷикӣ бо калимаҳои килку хома низ маълум мебошад. Одамони қадим барои тасвиру навиштан воситаҳои гуногунро истифода кардаанд ва пас аз най қалам тарошидаанд. Ковокии миёни най ангишт, қурғошим, графит (маъдани сиёҳ) ва ранги хушк мерехтанд.

Пайдоиши найқалам ва баъзе хелҳои дигари қалам ба замонҳои хеле қадим мансубанд. Найқалам қариб се ҳазор сол ва пар бештар аз 1200 сол қабл дар истифода буданд.

Қалами истифодакардаи хаттотон аз найи махсуси қаламбоб ба вуҷуд оварда шудааст. Мардумони Машриқзамин масолеҳи найқаламро аз Васита (байни Басра ва уфа), соҳилҳои Ҷайҳун, Миср ва Мозандарон меоварданд. Шоири арман Григор Нарикатси (951-1003) бо найқалами сиёҳидор менавишт. Сари қалами ӯ махрӯшшакл буд ва мавриди навиштан бо меъёри муътадили лозимӣ сиёҳӣ метаровид. Ҳамин гуна найқаламро дар кишвари тоҷикон ҳам истифода бурдаанд.

Ҳанӯз солҳои 1960-ум археологҳо дар яке аз мавзеҳоиБадахшон асбобҳои хатнависӣ - «Сиёҳидони сафолин» ва «найқалам»-и ғалатиеро дарёфт карда буданд. Археологҳо баъди санҷидани аломатҳои берунӣ найқаламро ба қисмҳо ҷудо карданд. Дохили найқалам шишача падид омад. Шишача ҳамчун рангдон хизмат карда, нӯги найқалам таровидани рангро таъмин мекард.

## БУЗУРГОНИ АДАБ ДАР ВАСФИ ҚАЛАМ

Рақам аз мушк задӣ бар рухаш, эй котиби сунъ,
Офарин бар туву бар хомаи мушкинрақамат.

Бадриддини Ҳилолӣ

***

Кашад хома дар дафтари обу гил,
Зи дониш диҳад зевари ҷону дил.

Абдураҳмони Ҷомӣ

Қалам инак чу най ба лаҳни сарир,
Қиссаи ишқ мекунад тақрир.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Се соли дигар ба таҳсил машғул будам, то як рӯз
Қадам аз меҳбара баркашидам, сафед баромад.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Савганд хӯрам бар ҳар чӣ дорам милко,
К-аз ишқи ту бигдохтаам чун килко.

Абдулмуайяди Балхӣ

***

Дар қалам овард Ҳофиз қиссаи лаъли лабаш,
Оби ҳайвон меравад ҳар дам зи ақломам ҳанӯз.

Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ

***

Забони килки ту, Ҳофиз, чӣ шукри он гӯяд,
Ки гуфтаи суханат мебаранд даст ба даст.

Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ

***

Яке теғ донад задан рӯзи кор,
Якеро қаламзан кунад рӯзгор.

Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ

***

Бузургии сар табоҳӣ ниҳод,
Аторуд қалам дар сиёҳӣ ниҳод.

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ

***

Қаламзан нигаҳ дору шамшерзан,
Ки ҳаллоҷу дарзӣ чӣ марду чӣ зан

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ

***

Зарурат аст, ки рӯзе бисӯзад ин аврок,
Ки тоби оташи Саъдӣ надорад ин ақлом.

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ

***

Давоти ҷӯшаи ӯ ғунчаи гул,
Қаламдонаш бувад минқори булбул.

Саидои Насафӣ

***

Зи Бӯрашиду зи Абдак масал занад шервон,
В-агар ба даври монандӣ, давоткори монандӣ.

Ҳоқонӣ

***

Ё қаламро заҳра бошад, ки писар
Барнависад бар саоиф з-он хабар.

Ҷалолиддини Румӣ

***

Қалам далели салоҳ теғ раҳбари ҷанг.

Носири Хисрав

***

Қалам ба соате он корҳо тавонад кард,
Ки оҷиз ояд аз он корҳо қазову қадар.

Абулҳасани Фаррухӣ

***

Гарчӣ хомӯшаму ворастаам аз гуфтушунид,
Қоғазе пеш ниҳодам, қаламе сар кардам.

Валеҳи Ҳаравӣ

***

Вирди забон аст савобу гизоф,
Хат нависад қалами бешикоф.

Хусрави Деҳлавӣ

***

Гуфт: Бошад муроду ҷой висоқ,
Дили зарроқу меҳбари варроқ.

Абдулмаҷиди Саноӣ

***

Давот, эй писар, олами давлат аст,
Бад-ӯ давлати тундро ром кун.

Адиб Собир

***

Урфӣ, ҳама лофӣ, ба дуо тезқалам шав,
Бишитоб, ки макйдон нашавад танг қаламро.

Урфӣ

***

… Он қадар тезнавису чобукқалам буд, ки ҳангоми китобат дасту қаламашро дида намешуд.

Садри Зиё

***

Лаби хомӯши тасвири қаламдон фош мегӯяд,
Ки аз ҳамроҳии аҳли сухан натвон мусаввир шуд.

Мӯҳсини Таъсир

***

Агар майли сухан дорӣ, бирав, Соиб, қалам с ар кун,
Касе ин укдаро бе нохуни эъҷоз накшояд.

Соиби Табризӣ

***

Навиштан зи гуфтан хубтар шинос,
Ба гоҳи навиштан бачо ор ҳуш!
Сухан бо қалам чун қалам рост дор!
Ба некӯ ба бад дар сухан нек кӯш!

Маъсуди Саъди Салмон

***

Агар зар бихоҳӣ зи ман ё дирам,
Фароз оварам ман нӯки қалам.

Абӯшакури Балхӣ

***

Зуд маъни ҳукми гардунро ҳино бар каф ниҳанд,
Дар ҳар он азме, ки ту нӯги қалам карди хизоб.

Авҳаддидини Анварӣ

***

Қалам ба дасти дабире беҳ аз ҳазор дирам,
Масал заданд дабирони муфулиси мискин.

Сӯзанӣ

***

Чаро нусхае дар қалам новарам,
Ки аз ман диҳад ёд баъд аз сарам.

Шамсиддини Шоҳин

***

Қалам бармедоштам ва сафҳаҳо сиёҳ мекардам, ки
маъниҳои равшантар аз моҳ дошт.

Аҳмади Дониш

***

Баъд аз ин килки адаб аз чӯби сунбул мекунам,
Зулфи ӯ то гашт сармашқи парешони маро.

Нақибхони Туғрал

***

Анбари фикр рехт аз қаламат,
Анбарин гашт сафҳа аз рақамат.
Мушфиқӣ

***

Сурати нақшам наёяд дар қалам аз лоғарӣ,
Шарм медорад, кашад гар хомаи Монӣ маро.
Нақибхони Туғрал

***

Тарҳи айше гар кунам аз хомаи ҳайратнигор,
Сад ҳумистон нашъа дар як соғари гул бастаам.
Савдо

***

Ҳорунаррашид давоту қалам талабиду ба дасти худ
ин суханҳоро бинавишт.
«Ахлоқи Мӯҳсинӣ»

***

Некӯтарин изҳо қалами саҳеҳест аз забони фасеҳ.

***

Кори қаламро шамшер накунад.

***

Қалам табиби ман аст.

***

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.

## САНГНАВИШТҲО

… Замони қадим одамон барои навиштани номаҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ, таълифи китобҳо воситаҳои мувофиқро ҷустуҷӯ кардаанд. Якеи ин асбобу анҷомҳо ҳаҷман вазнин бошад, дигаре душворнависус гаронбаҳо будааст. Тахтасанг, тахтачаҳои фузулӣ, мисӣ, сурбӣ, сафолӣ, тахтачӯбҳо, чӯбдаст, пӯстлоқи дарахти тӯс, барги дарахти хурмо, растании папирус, пӯсти ҳайвонот ва қоғаз давра ба давра истифода шудаанд.

Мардуми Шумери қадим, мамлакати хетҳо рӯи тахтасанг, тахтачаҳои сафолӣ, танаи деворҳо, пештоқҳо воқеотро мусаввари (сабт) мекарданд. Юнониёни қадим қонун, санадҳои давлатиро дар тахтасанг, тахтачӯб ва матни авали достони «Илиада»-ро рӯи тахтаи сурбӣ навиштаанд. Амрикоиёни Ҷанубӣ дар навиштан дарахти лифдор ва дигар зироатҳоро ҳамчун масолеҳи хатнависӣ истифода мебурданд. Мисриён аввал дар барги зайтуну хурмо ва пас дар папирус, сурияг иҳо дар пӯсти ҳайвонот, арабҳои кӯчманчии садаҳои У-1У-и милодӣ рӯи устухон навиштаанд. Мардумони Чин, Корея, Япония, Арманистон, Машриқзамин ва ғайра ба ин гуна анҷому афзоли навиштанӣ сарукор доштанд.

Байни ҳамаи анҷомҳои навиштанӣ папиру, пергамент ва баътар қоғаз писанд омад ва шухрати ҷҳонӣ пайдо кардаанд.

***

Рӯи тахтсангҳо лаҳзаҳои шикоргаҳ – шикори говони ваҳшӣ сабт шудаанд. Шикорчиён рӯи худро бо або (либоси остинкӯтоҳ) пӯшонидан. Ба гуфтаи таҳқиқотчиён тавироти рӯи ин тахтасангҳо ба замонҳои неолиту энеолит таллуқ дорад. Баъзе он қабатҳои дури ин тасвирҳоро ба замони мезолит тахмин мекунанд. Аҳнаи говони ваҳшӣ дар яке аз минтақаҳои мафтунгоҳи Заравутсои Фрғона воқеъ гардидааст.

***

Гурӯҳи бостоншиносон дар кӯҳи Гегамии Арманистон қариб сад намуд сурт, нақшҳои рсангҳоро ёфта буданд. Рӯи сангҳо маросими рақс, селаи ҳайвонот ва набототи гуногун сабт шудаанд. Бостоншиносон таърихи тасвироти кӯҳи Гегамиро ба се-ҳафт ҳазор сол пеш нисбат додаанд.

***

Солҳои муқадам бостоншиносон дар қисми ҷанубии Урал, наздикии дарёи Вишер, танаи сахраҳо тасвирҳоро мушоҳида карда буданд. Ар ин сахраҳо сурати гурӯҳи амон, хирс, гавазн, савсар (ҷонвари дарранда) нақш бастаанд. Таҳқиқотчиён озёфтро ба ҳазораи сеи қабл аз милод тааллуқ додаанд.

***

Дар тобеи Лангаркишти ноҳияи Ишкошими Бадахшон беш аз 6 ҳазор тасвироти рӯи тахтасангҳо мавҷуданд. Илсилаи ин тасвирҳо ба панҷ майдон – дараи Кихнҷаров, қимати шарқии сои Чикордур, наздикии деҳоти Лангаркишт, Исор ҷудо гардидаанд ва дар масоҳати шаш чақрим тӯл кашидаанд. Рӯи тахтасангҳо шикори нахчир бо саг, аспсаворӣ, қутосҳо тасвир ёфтанд. Тасвирҳои дигар ба мисли марди қадаш 1,8 метр бузи калонеро ба ҳадаф гирифта, ду дарранда бо селаи бузҳо, манзараи киштукор бо омоч (сипор), ҳуҷуми одамони шамшердор, шикор бо милтиқи поядор ва ғайра нақр шудаанд.

Қисмати Шимолу Шарқии шаҳри Мосулаи Ироқ вайронаҳои Найнаво – пойтахти империяи қадим воқеъ гардидааст. Бостоншиносон бунёд ёфтани найнаворо ба ҳазораи панҷуми пеш аз милод тахмин кардаанд. Тараққиёти Найнаво замони ҳукмронии шоҳи Синахароб ба авҷи боло расида будааст. Масоҳати шаҳр 1800 акрро ташкил медод ва шаҳр 15 дарвоза дошт. Деворҳои яке аз толори шаҳр бо сурати ҳайёноти одамсар, шерҳои болдор, ки ба ақида ассириён ифодаи доногӣ,тавоноӣ будааст, зебузинат ёфта буданд. Матни зери ин тасвирот бо хати мехӣ анҷом ёфта, аз задухӯрдҳои лашкари ассириён бо душманонаш ва ғалабаҳои онҳо дарак медоданд.

***

Дар Эрмитажи шаҳри анкт-Петербург тахтасанге нигоҳ дошта мешавад ва то кунун чӣ гуна хат ва ба кадом забон тааллуқ доштани нвиштаҷоти рӯи он маълум нашудааст. Танҳо ҳаминаш дастрас шудааст, ки навиштаҳо ба 3300 қабл аз милод мансуб мебошанд.

***

Деҳаи Фороби ноҳияи Панҷакент. Дар ин ҷо ду тасвироти нодирест рӯи санг. Яке сурати ҷавонмарди зебоандоми юнонӣ бар болои булури тангашакл. Мегӯянд, ки ин суратест таърихи зиёда аз 2500- сола дорад. Сурати дигар ҳайвонест спмонанд бар болои ақиқ, ки таърихи онро беш аз ҳазорсола гӯянд.

***

Байни деҳаи Хоҷаи Аъло ва Ворухи ноҳияи Исфара сангест, ки танаи он навиштаба забони арабӣ мебошанд ва ин навиштаҳо ба соли 1041 мансубанд. Дар ин санг номи намояндаи сулолаи Қарахониён Муиззуддавла Арслонтагин Абулфазли Аббос зикр ёфтааст… Катибаи Ворух мнбаи муҳими таърихии замони ҳукмронии сулолаи Қарахониён дар Мовароуннаҳр мебошад.

***

Бошандагони деҳаи Оббурдони Масчоҳ чашмаи «Озухак»-и деҳаро ба тартиб меоварданд ва онҳо дохили он сангеро пайхас карданд. Санг лаби чашма бароварда шуд ва пас аз тоза кардани танаи он навиштаҳо падид омаданд. Дар танаи он солҳои 1511-1512 ва номи Зоҳириддин Муҳаммади Бобур маврии дар Мастчоҳ шуданаш, сари чашмаи мазкур таваққуф оварданаш сабт шуда буд. Ӯ он ҷо бо дасти худ танаи санг се байтеро аз «Бӯстон»-и Шайх Муслиҳиддин Съдии Шерозӣ навишта, ки он чунин аст:

**«Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт,**
**Ба сарчашмае бар санге навишт.**
**Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,**
**Бирафтанд, то чашм барҳам заданд.**
**Гирифтем олам ба мардию зӯр,**
**Валекин набурдем бо худ ба гӯр».**

Соли 1953 муаррих Аҳрор Мухторов санги катибаи Зоҳириддин Муҳаммад Бобурро ба Душанбе овард ва ҳоло ин санг дар Институти таърих ва босоншиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

***

Ин осор бист чақрим дуртари шаҳри Кирмоншоҳи Эрон дар роҳи корвонгузар ба сӯи Бағдод воқеъ гардидааст. Вай ба садаи У1-и пеш аз милод мансуб буда, аз сатҳи замин дар баландии 105

метри танаи куҳ ҷой гирифтааст. Катибаи бесутун дар панҷ сутуни паҳмии ҳар кадом ду метрӣ бо навиштаҳои хати мехӣ анҷом ёфтааст. Катибаи бесутун китобест аз корнамоиҳои шоҳи Ҳахоманишиниён – Дорои 1 (522-486 то милод) ҳикоят мекунад. Навиштаҳои танаи сутунҳо боа мри шоҳ Доро ба забонҳои форсии қадим, бобулӣ ва эламӣ навишта шудаанд ва аввалин сарчашмаи хаттиест, ки дар бораи забони қадимаи форсӣ ва эламӣ оиди гузаштагони тоҷикон – бохтариҳо, хоразмиён, марвҳо маълумот медиҳад. Бо ривояти ин осори бузург симои мардумони Бохтару Марв, Суғду Сакокиҳо ва сару либоси онҳо равшан мегардад. Афсари инглис Генри Фредрик Роулинсон катибаи бесутунро нусхабардорӣ карда, соли 1848 бо тавзеҳоташ дастраси олимони Аврупо гардонида буд.

**ДОНИСТАН ХУБ АСТ**

Садаи XI-и мелодӣ дар Димишқ ва Бағдод таомули аҷоибе вуҷуд дошт.Одамон баъзан гурӯҳ-гурӯҳ дар растаҳо, майдонҳо ҷамъ мешуданд. Қисме бар тан ҷомаҳои сурхи қоғазин доштанд ва аз рӯи ин ҷомаҳо зуд шинохта мешуданд. Онҳо одамони адолатҷӯ буданд.

***

Соли 1351дар ҳаёти сокинони шаҳри Маскав навигариимуҳиме ба вуқӯъ омада буд. Ҳамон сол ба туфайли пайдо шудани қоғаз аввалин грамота – муоҳидаи писарони Ивани Калита дар коғаз сабт гардид. То ин давр пергамент (пӯст) истифода мешуд.

***

Дар Аврупо соли 1716 бори аввал дар Франсия пулҳои коғазинба муомила баромада буданд. Аз ҳамон давра сар карда баровардани пулҳоикоғазин ба дигар мамлкатҳо паҳн гардидааст.

***

Якумин машинаи қоғазбарориро, ки меҳнати дастии одамонро иваз кардааст, соли 1798 франсуз Луи Робар ихтироъ кардабуд.

***

Дар давраи ҷанги русу ҷопон (солҳои 1904-1905) сарбозони ҷопон камзулҳои коғазин пӯшида буданд.

***

Чандин сол қабл мебелсозони Прага (Чехославакия) ба баровардани мебелҳои коғазини пурбардошт ва хеле зебо машғул буданд. Вазни ҳар яки ин курсиҳо 260 грамро ташкил медод.

***

Ихтироъкорон дар Олмон (Германия) навъи коғазеро ба вуҷуд оварда буданд, ки таркиби вай аз ресмонҳои ниҳоят маҳину борики шишагӣ иборат буд. Ин гуна коғаз ба ҳарорати балантарин тобовар буда, ба гузаронидани қувваи барқ роҳ намедод. Онро қоғази шишагӣменомиданд ва онро дар навиштани хатҳои махсус ва анҷоми изоляторӣ истифода мебурданд.

***

Дар собиқ давлати Шӯравӣ ҳар сол барои истеҳсоли коғаз беш аз 400 миллион кубометр чӯб омода мешуд. Фақат як дасгоҳи қоғазбарорӣ ҳар дақиқа 350 метр ва дар зарфи рӯз қариб даҳ вагон коғазмебаровард.

## КИТОБ – БАРГ ВА ҒАЙРА

Дар ҷониби мағрибии шаҳри Тирмизи Ӯзбекистон вайронаҳои Кампиртеппаи қадим воқеъ аст.Кампиртеппа шаҳри азими давлати Бохтар буд. Бунёди вай ба садаҳои III-II-и пеш аз мелод мансуб аст ва то садаи II-и мелодӣ ободу ороста буд. Барои таҳқиқи ин шаҳри вайронаи қуҳан, тобистони соли 1982 ҳафриёти археологӣ гузаронида шуда буд. Заҳмати археологҳо зоеъ нарафт. Онҳо аз зери деворҳои фурӯрафта бисёр нишонаҳоро аз рӯзгори одамони қадим дарёфт карданд. Дар байни бозёфтҳо осори хаттӣ ҳам буданд. Таҳлилҳои лабараторӣ нишон доданд, ки ҳуҷҷатҳои хаттӣ осори бохтариҳоянд. Онҳо ба садаҳои I-II-и милодӣ тааллуқ доранд. Бозёфтҳои хаттии бохтариҳодар барги дарахти нахл бо ранги сиёҳ хушхат навишта шудаанд.

***

Миёнаҳои солҳои 1960 коргарони яке аз совхозҳои ногҳияи Байрамалии Туркманистон замин ҳамвор мекарданд. Коргарон аз зери замин кӯзаи сафолинеро дарёфт карданд. Дар кӯза бандчаи фишорхурдаи барг ёфт шуд. Бандчаи барг,ки навиштаҳои зарҳалин дошт, коргаронро ба ваҷд овард. Онҳо бандчаи баргро ба муаррихон нишон доданд. Бандчаи барг ба Институти мардумони Осиё (шаҳри Ленинград) фиристода шуд. Таҳқиқотҳо муайян карданд, ки бандчаи барг саҳифаҳо азосори ҳиндуён будаанд.Навиштаҳои дар барги хурмо сабтшуда, ба садаи V мелодӣ мутаалиқ буданд.

***

Дар осорхонаи Британияи Кабир (Лондон) китоби қадимаи буддоиҳо нигоҳ дошта мешавад, ки дар 236 барги дарахти хурмо таълиф шудааст.

Одамони қадим бахши таълифоти китобҳо, навиштани номаҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ пӯсти дарахтро ҳам истифода бурдаанд. Ин гуна осор каму беш то рӯзҳои мо расидаанд. Холо дар китобхонаи Академияи фанҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (ш. Москва) нусхае аз китобхои олами қадим нигоҳ дошта мешавад, ки дар пӯстлохи дарахти тӯс таълиф ёфта, зебу зинати аҷоиб дорад.

***

Соли 1963 ба осорхонаи Британияи Кабир (Лондон) китоби қадимаеро тӯҳфа карданд. Таҳқиқотчиёнба он«Китоби хомӯш» ном додаанд.«Китоби хомӯш» таърихи ғароибе дошта, се ҳазор сол дар яке аз сағонаҳои сангини соҳили дарёи Нил хобида будааст.

***

«Таврот» китоби муқаддаси яҳудиён мебошад. «Таврот»-и қадимтарин дар садаҳои VII-VI пеш аз милод бо забони қадимаи яҳудиён ва қисман оромӣ таълиф шудааст. Садаи III пеш азмелод «Таврот» бо мадади Птоломей II (Миср)ба забони юнонӣ тарҷума шуда буд. Тарҷумаи юнонии«Таврот»-ро «септуагинта» меномиданд, ки маънояш «ҳафтод» мебошад, зеро бар болои тарҷумаи «Таврот»72 нафар тарҷумонҳо иштирок намудаанд.

«Таврот»-и навтарин садаҳои I-II-и мелодӣ ба забони юнонӣ таълиф шудааст. Дар таҷрибаи нашрияҳои чопии ҷаҳонӣ «Таврот»-и муқаддас нуфузи калон дорад. Фақат соли 1981 нусхаҳои

мукаммал ва китобҳои алоҳидаи вай 202 маротиба ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ,олмонӣ ва ғайра интишор шудаст.

Соли 1945 зумрае аз бошандагони Луксора (ҷанубии Миср) замин меканданд. Онҳо ба чизе дакка хӯрданд, пас заминро ҳалқавор кофтанд. Кӯза намудор шуд. Онро бо эҳтиёт баровarданд. Дохили кӯза даста-даста дастнависҳо хобида буданд. Таҳқиқотчиён қисме аз ин даснависҳоро ба садаҳои IV-III-и пеш аз милод мансуб донистанд.

***

Дар маҳалли Мавандӯй, қисмати шарқии Хунани Хитой, ҳафриёти археологӣ мегузашт. Дар ин ҳафриёт археологҳо лӯлакитоби абрешиминеро дарёфт карданд. Аз рӯи таҳқиқотҳо лӯлакитоби мазкур маълумотномаи тибби Хитоӣ будааст. Вай садаҳои пеш аз милод таълиф ёфта,дар он воситаҳои табобатӣ, аз ҷумла сӯзангузаронӣ ва рӯйхати набототи шифобахш сабт гардидааст.

***

Китоби қадимтарини донишҳои кимиёвӣ «Китоби тағйирдиҳӣ» номида мешавад. Муаллифи ин китоб олими Хитой Вай-По-Янг мебошад.Ӯ дар садаи II-уми мелодӣ зиндагӣ кардааст.

***

Ҳангоми ҷустуҷӯ археологҳои Миср аз харобазорҳои мавзеи Бени-Сеэф анҷомҳои рӯзгори ба маромсимҳои динӣ хос ва китобердарёф карданд. Китоб 490 варақи ҳарранга дошт. Вай аз рӯи санҷиш «Таврот»-и муқаддас будааст. Санаи таълифоташ соли чаҳорсадуми милодӣ мебошад.

***

Дар рӯи ҳавлии мадрасаи Бибихонуми шаҳриСамарқанд болои суффа ду санги нигорин бо ҳам муқобил гузошта шудаанд. Баландии ҳар кадоми ин сангҳо 2 метр ва дарозиашон 2 метру 25 сантиметр аст. Меҳмонон, сайёҳон ва онҳое, ки ба тамошои шаҳри бостонӣ меоянд, мадрасаро ҳам тамошо мекунанд. Ба сангҳои суффа назар меафкананду ривояти ин сангҳоро мешунаванду ба ваҷд меоянд.

Китоби боҳашамате дар Самарқанд ба андозаи дарозии ҳамин сангҳо вуҷуд доштааст. Онҳое, ки хоҳиши қироати ин китоб

мекарданд, аввал китобро болои сангҳо мегузоштанд ва пас сари баландӣ нишаста, қироат мекарданд. Ин китоб дар давраи тохтутозҳо нопадид шудааст. То имрӯз дар кадом китобхона, осорхонаҳои дунё маҳфуз будани онро касе намедонад. Мабодо, ки абадан нобуд гардида бошад!Ва имрӯз, ҳамчун нишон аз ин китоб, «Китобмонак»-и сангӣ боқист.

## КИТОБҲОИ АЗИМ

Китоби «Таърихи нимкураи ҷанубӣ» дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ба табъ расида буд. Дарозиаш 2 метру 8 сантиметр ва вазнаш 225 килограм аст.

***

Ибтидои садаи XX ҷаноби амрикоӣ, насабаш маҷорӣ (венгерӣ) Лайош Райнай ба ёрии литери махсуси резинӣ ва дастгоҳи ченкунии оддӣ «Таврот»-и муқаддасро, ки баландиаш 3 метр, ҳаҷмаш 8000 саҳифа, вазнаш 500 килограм буд, чоп кард. Қатъи назар аз овозаҳо, Лайош китобро фурӯхта натавонист. Тақдири ин китоби азим номаълум монд.

***

Дар намоишгоҳи шаҳри Тулузи Франция китоберо ба намоиш гузошта буданд, ки дарозии он чаҳор метр,бараш се метр ва вазнаш ба ҳашт тонна мерасид. Китоби мазкур сӣ ҳазор саҳифа дорад. Онро матбааи «Прива» ба истиқболи 150- солагии таъсисаш тайёр карда буд.

***

Дар яке аз китобхонаҳои шаҳри Нью-Йорк китобе маҳфуз аст, ки баландии вай се метр ва ғафсияш як метр аст. Вазнаш ба 125 сентнер мерасад. Варақҳои онро ба ёрии дастгоҳи махсуси барқӣ варақ задан мумкин аст.

***

Калонтарин маҷмӯаи бисёрҷилда дарҷаҳон «Ҳуҷҷатҳои парламенти Британия»(солҳои 1800-1900) мебошад. Маҷмӯаро университети Ирландия байни солҳои 1968-1972 чоп кардааст. Маҷмӯа 1112 ҷилдро дар бар мегирад. Вазнаш 3640 килограм аст.

Агар кас ҳар рӯз 10 соатӣ ин маҷмӯаро бихонад, пас шаш сол барои қироаташ лозим аст. Барои саҳҳофии муқоваи маҷмӯа пӯсти 34 ҳазор бузи ҳиндуӣ ва барои нақшу нигори муқова қадри 22 миллион доллар тилло масраф шудааст. Адади нашри умумии маҷмӯа 500 нусха мебошад.

***

Дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико баробари анҷоми ҷанги гражданӣ (солҳои 1861-1865) боамри Конгресс нисбати ин ҷанг ҳисобот тайёр карда, онро интишор карданд. Ҳисобот 130 ҷилд ва ҳарҷилд ҳазор саҳифаро ташкил намуд. Теъдоди нашри ҷилдҳои ҳисобот 12600 нусха ва нархи нашрия 2,5 миллион доллар буд. Аз ин маблағ нисфаш ҳаққи қалам ва боқимондааш барои нашраш масраф шуд.

***

Қомуси «Ту-шу-Цзи-Чен» ҳаҷман қомусибузургтарини дунё мебошад. Вай дар Хитой солҳои 1663-1723 интишор гардида буд. Қомуси мазкур 5163 ҷилдро дар бар мегирад. Ҳамаи ҷилдҳои вай аз 853456 саҳифа ибора аст.

***

Қомуси дигаре бо унвони «Юнгло-Та-Тиен» машҳур мебошад. Вай ҳам дар Хитой интишор гардидааст ва то ҳанӯз ягон ҷилдаш боқӣ намондааст. Ин қомусиазиму нодир дар натиҷаи вуқӯи шӯриши муштзанони солҳои 1899-1901 нест шудааст.

***

Хабар дода буданд, киохирҳои моҳи марти соли 1989 нашриёти шаҳри Оксфорд (Англия) луғати бисёрҷилдаи забони англисиро дар ҳаҷми 22 ҳазор саҳифа интишор месозад. Андозаи вазни луғат 62,5 килограм буда,616500 калимаро дар бар мегирад. Дар вай 2412400 иқтибос оварда шудааст.

***

Солҳои 1967- 1977 нашриёти «Художественная литература»силсилаи «Китобхонаи адабиёти умумиҷаҳонӣ»-ро дар 200 ҷилд бо адади 60 миллион нусха интишор карда буд. Дар

ҳамаи ҷилдҳои ин нашрияи бузург 25800 асари 3235 нафар нависандагони 80 мамлакати ҷаҳон, аз давраҳои қадим то рӯзҳои мо, интишор ёфтаанд.Ба гурӯҳи якуми вай 64 ҷилд адабиёти садаи XIX ва гурӯҳи дигараш 73 ҷилд адабиёти садаи XX дохил гардидаанд. Соли 1978 ҷилди 201-уми «Китобхонаи адабиёти умумиҷаҳонӣ» аз чоп баромад, кион тасвироти библиографии 200 ҷилд, нишондиҳандаи алифбоиином муаллифон, нишондиҳандаи алифбоии номи рассомоне, ки дар ҳамаи ҷилдҳо 3500 сурат ва тасвироти онҳо чой гирифтаанд, дар бар мегирад.

## КИТОБҲОИ ОҲАНИН

Соли 1884 дар шаҳри Амстердам китобҳои гунонунро намоиш дода буданд.Рӯзҳои намоиш тамошобинон ба сохт ва осори ин китобҳои аҷоиб таваҷҷӯҳ намуданд. Китобҳоиаҷоибро яке аз фирмаҳои (ширкатҳои) англисӣ пешкаш карда буд. Сафҳаҳои вай бо вуҷуди он, ки аз оҳан бунёд шуда буданд, дар нафосат аз коғаз фарқ надоштанд.

***

Ин китоб ҳазор саҳифа дорад. Онро китоби фулодин меноманд. Саҳифаҳо мудом ялтарос мезананд ва зангнорас мебошанд. Дар вай таърихи чаҳорсолаи шаҳри Сан-Пауларо (Бразилия) сабт гардидааст. Андозаи ҳар саҳифаи он 35x50 сантиметр мебошад. Тағйирёбии ҳарорат ва алангаи оташ ба саҳифаҳо таъсир надорад. Китоб дар толор ба таври амудӣ гузошта шуда, онро якбора чандин хонанда варақгардонмекунад.

***

Соли 1983 ба осорхонаи ҳаҷвӣ-мазҳакавии шаҳри Габровои Булғор ёдгории наву аҷоибе дохил гардид. Рехтагар ва кандакор А.Костиков китоби оҳанини тайёркардаашро ба гавровоиҳо тӯҳфа кард. Китоби ӯ ҳамагӣ 22 саҳифа дорад. Андозааш 18x22 сантиметр ва вазнаш чаҳор килограм аст. Дар китоб як силсила латифаҳо ва дигар осори мазҳакавии мардумони Габрово кандакорӣ шудаанд.

## КИТОБҲОИ ГАРОНБАҲО

«Тавротʼ»-и муқаддаси Гутенберг соли 1455 нашр шудааст. Соли 1926 як нусхаи ин нашрияро ба 350 ҳазор доллар фурӯхта-

анд. Ҳоло «Таврот»-и нашркардаи Гутенберг дар китобхонаи Конгресси Штатҳои Муттаҳидаи Амрико нигоҳ дошта мешавад.

***

Нархи ин китоб хеле гарон аст. Фақат муқоваи вай 300 ҳазор доллар арзиш дорад. Дар нақшу нигори муқова ба ғафсии 6 миллиметр тиллои тоза, 167 дона марворид, 639 дона лаъл ва алмоси аълосифат, инчунин дигар сангҳои қимматбаҳо истифода шудааст. Ин китоб «Қуръон»-и бузург аст. Онро амири Афғонистон ба шоҳаншоҳи форс тӯҳфа карда буд.

***

Нарх ва маблағҳои калонтарине, ки дар хариду фурӯши дастхатҳо ва китобҳои чопии нодир маълуманд, ба нархи ин китоб баробар шуда наметавонанд. Чандин сол қабл дар Британияи Кабир (Лондон) чунин савдои ғайриоддӣ ба вуқӯъ омада буд. Дар ин ҷо ба дастнависи «Инҷили Олмонӣ»11.8 миллион доллар нарх гузошта буданд.

***

Ҳанӯз моҳи августи соли 1980 дар матбуоти даврӣ «Аз Бомбай то Барсем» ном хабаре интишор гардида буд. Дар хабар чунин сатрҳо оварда шудаанд: «…Дар китобхонаи шахсии сокини деҳаи Барсеми ноҳияи Шуғнони Бадахшон Бокиршо Мараҳматшоев «Маснавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ (соли нусхабардориаш 1602) нигоҳ дошта мешавад. Ба гуфтаи Бокиршо «Маснавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ соли 1914 аз Бомбай ба Бадахшон гузашта ва онро падари ӯ ба ду барзагов харидааст».

***

Ҳафт ҳазор барзаговро сарфи китоб карданҳақиқатаст. Тафсилотивоқеа чунин аст:одамони қабилаи муғулҳо аз ин савдои гарон пушаймон набуданд. Онҳо ҳафт ҳазор барзаговро ба «Инҷили Тибетӣ» ивaз карда буданд. «Инҷили Тибетӣ»аз 128 ҷилд ва ҳар ҷилд аз ҳазор саҳфа иборат будааст.

***

Бо ривояти муалифони «Таърихи китоб» И.Е.Баренбаум ва Т.Е.Давидов ҳоким Волин Владимир Василькович «Салавот» ном китобчаи хурдакакро ба маблағи 8кун (80сум) харида буд. Ба назар ин маблағ калон нест.СадаиXI-уми мелодӣ як ҷамоа бо будаш 50 кун (500 сум) арзиш доштааст. Пас, қимати нархи китобчаи «Салавот» маълум аст.

***

Китоби «Таърих ва ёдгориҳои Византия» соли 1894 интишор гардида буд. Ин китоб аз ҷиҳати санъати нақшу нигор чопи мӯъҷизаи нодири русҳо номида мешавад. Нархи вай 120 ҳазор сум мебошад. Ҳоло дар осорхонаи китобҳои нодири китобхонаи Университети давлатии шаҳри Казон нигаҳдорӣ мешавад.

***

Китобфурӯше дар Британияи Кабир (Лондон) асари шоири англис Уилян Ленгленд «Хоббинии Рейер Плоумен»-роба маблағи 28 ҳазор фунт стерлинг харид. Арзиши баланди ин китоб маҳз дар он буд, ки он ба таърихи замонҳои қадим мутаалиқ будааст.

## КИТОБҲОИ ДИҚҚАТРАБО

Соли 1872 дар намоишгоҳи санъати бадеии Британияи Кабир (Лондон)бисёр асарҳои аз ҷиҳати саҳҳофию наққошӣ арзишмандба намоиш гузошта шуда буданд. Дар ин намоиш тамошобинон махсусан нашрияи Академияи фанҳои Россияро бо таваҷҷӯҳ тамошо мекарданд. Китоби «Намунаи ҳуруфоти нашрияи Академияи фанҳои Россия» соли 1870 дар Санкт-Петербург интишор шуда, ҳар ҷумлаи он ба 356 забони мардумони олам тарҷума шуда буд.

***

Дар Китобхонаи давлатии оммавии таърихии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (ш. Москва) китобтақвиме маҳфуз дошта мешавад.Вай шаклан ба ғиҷҷак монанд аст. Китобтақвим дар хусуси маъракаҳои бошукӯҳ, идҳо, ҷашнҳо ва вазъи бо мусиқӣ фарогирифта ҳикоят мекунад. Рӯи муқоваи китоб-ғиҷҷак аксҳои мутрибони номии олам,ба мисли Бах, Бетховен, Гендель, Чайковский, Глинка,Рубенштейн, Даргомижский ва ғайра тасвир шудааст.

***

Солҳои қабл яке аз ширкатҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои баччагон китоб-патефонроихтироъ карда буд. Китоб-патефон на муҳаррик дораду на муҳтоҷи қувваи барқ аст. Вақтеки хонанда китобро ба даст мегираду ба саҳифа ангушт мерасонад,саҳфа давр задан мегирадусадо мебарояд ва матнро маънидод мекунад.

***

Дар китобхонаи марказии Муғулистон китобе маҳфуз аст, ки матни вай бо духтахои риштаи абрешимӣ таърихи 700 сола дорад.

***

Дар Китобхонаи давлатии оммавии таърихии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (ш. Маскав) китоби «Масалҳо»-и Лафонтен нигоҳ дошта мешавад. «Масалҳо»-и Лафонтен соли 1894 дар Токио (Япония) дар матои аълосифат бофта шудааст.

***

Дар Осорхонаи политехникии шаҳри Маскав китобчае ғалатӣ нигоҳ дошта мешавад. Варақҳои вай ба дӯхтахои тори анкабут ба субут расидаст. Ғафсии тори анкабут бошад,1 ба 0,002 миллиметр баробар аст. Чунин торе, ки ба масоҳати даҳ ҷақрим мерасад, ҳамагӣ як грам вазн дорад.

***

Маҷмӯи мусиқавӣва сурудҳои «Шашмақом» бузургтарини асари санъат мебошад. Вай зиёда аз 250 оҳанги мусиқӣ ва вокалию овозхониро дар бар мегирад. Силсилаи пурраи «Шашмақом»садаи XIIIшакл гирифта буд ва аз қадимтарин суруду навоҳои дилпазир иборат аст.

## КИТОБҲОИ КӮЧАК

Аввалин китобҳои кӯчак даснавис буданд. Онҳо дар варақчаҳои хурдакак бо ҳуруфоти хеле маҳин навишта мешуданд. Яке аз ҷунин китобҳои кӯчакро дар пӯчоқи чормағз ҷой додан мумкин аст. Дар ҷаҳон интишори аввалин китоби кӯчак охирҳои садаиXV

аз ҷониби ношири венесианӣ Алдо Мануцци шурӯъ шуда буд.Садаи XVIIноширони голландӣ–бародарон Эльзевир «Маҷмӯаи номаҳоро» дар ҳаҷми 65х45 миллиметр интишор карданд. Китобҳои кӯчак пас дар Франция, Итолиё, Швейтсария, дертар дар Англия, Олмон, 200 сол қабл дар Россия пайдо шудаанд. Санъати чопи китобҳои кӯчаки ҳозира бошад, хеле шавқоварурангин мебошад. Китобҳои кӯчаки ҳозира мазмунан соҳаҳои ҷаъиятӣ-сиёсӣ, табиатшиносӣ, бадеӣ, ҳар гуна луғатҳо, феҳристҳо, маҷмӯаи харитаҳои ҷуғрофӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Ба гуфтаи коллексионери номӣ Янки Дьюли (сокини Маҷористон) соли 1976 дар 137 чопхонаи ҷаҳон китобҳои кӯчак чоп шудаанд.

***

Дар китобхонаи бостонии Матенадаран (Ереван) китоби хурдакаки дастнавис маҳфуз дошта шудааст. Китобча соли 1434 ба забони арманӣ таълиф шудааст. Вай барои тоҷирон бахшида шуда, номаш ҳам «Тақвими тоҷирон» аст. «Тақвими тоҷирон» 30х40 миллиметр андоза дорад.

***

Соли 1490-ум дар Милан бо унвони «Наставление св.Бенедикта» китобчае интишор ёфта буд. Андозаи баландии вай 65 миллиметрро ташкил медод. Он давра  китобчаи мазкур тааҷҷубовар ва яке аз китобчаҳои хурдтарин ба шумор мерафт.

***

Соли 1788 дар Россия «Санъат-гуфтори дилхушӣ» ном китобча бо санъаткориҳои нафис ба табъ расида буд. Андозаи ҳаҷми вай 65х75 миллиметр буд.

***

Николай Павлович Смирнов-Сокольский дар китобаш «Ҳикояҳо дар хусуси китоб» навиштааст: «Дар осорхонаи кишваршиносии вилояти Запароже дар ғилофи нуқрагин китобчаи «Назми Адам Мицкевич»бо дурбинаш нигоҳ дошта мешавад. Рӯи муқова пайкари Адам Мицкевич ва навиштаҷоти ҷашнии «Ҷашннома 1798-1898» сабт ёфтааст. Китобчаи шоири бузурги поляк Адам Мицкевич дар Варшава (Польша) ба забони полякӣ интишор ёфта

буд. Андозаи вай ба 29 х 19 миллиметр ва ғафсияш ба 10 миллиметр баробар аст.

***

Бисёр китобҳои аз ҷиҳати хаттотию саҳҳофӣ нодир дар дасти шахсони ҷудогонаанд. Ин китоби муқаддас ва машҳур «Қуръон»-и мусулмонон аст ва дар шаҳри Гургони Мозандарон (Эрон) нигоҳ дошта мешавад.Соҳиби китоб донишҷӯи донишгоҳи илоҳиёти шаҳри Гургон Ҳусайн Таваккалӣ мебошад.Таҳқиқотчиён дастнависи «Қуръон»-и мазкурро ба садаи XVII тахмин кардаанд. Андозаи вай ба 2,5х1,5 сантиметр баробар аст.

***

Китобчае, ки бисёр мухлисони худро ҷалб намудааст, соли 1896 дар шаҳри Падус бо теъдоди 6 нусха интишор шуда буд. Вай 477 саҳифа дорад ва дар ин саҳифаҳо 4000 калима ҷой дода шудааст. Китобча фикру зикри физик ва олими бузург Галилео Галилейро дар бар мегирад. Қаду бари ин китобча 16х11 миллиметр мебошад. Вазнаш 1,5 грам аст. Ҳоло ду нусхаи он дар Итолиё маҳфуз дошта мешавад.

***

Соли 1899дар Варшава (Полша) достони А.С.Пушкин «Евгений Онегин»-ро дар ҳаҷми 28х18 милиметр интишор карда буданд. Китобчаи мазкур бо пурбин таъмин буда, онро дар медалён (қутичаи хурдакаки мудаввар) ҷой додан мумкин аст.

***

Шоҳаншоҳи Виктория барои ҷамъ овардани китобҳои кӯчаку калонтарин мароқ дошт. Дар ин ҷода ӯ ҷидду ҷаҳди зиёд мекард ва бисёр китобҳои аҷоибу ғароибро ҷамъ овард. Байни китобҳои ҷамъкардаиӯ андозаи «Маҷмӯаи шеърҳои шоирони англис» ба буғуми ангушт рост меомад.

***

Дар шаҳри Белград Исойа Стефанович ном шахс аз ҳисоби маблағи шахсии худ китоби хурдакакеро интишор карда буд. Китобчаи ӯ аз ҷиҳати матн ва саҳифа китоби хурдтарини олам ба шу-

мор меравад. Онро ба як миҷазадан мутолиа кардан мумкин аст. Китобча ҳамагӣ ду калима ваду саҳифа дорад. Матни китоб «Ҷанг! Нест!» мебошад.

***

Дар таърихи китобчопкунии Россия«Масалҳо»-и И.А.Крылов мавқеи муносиб дорад. «Масалҳо»-и И.А. Крылов соли 1856 дар Петербург интишор гардидааст. Дар 86 саҳифаи он 25 «Масал» ҷо дода шудаанд. Шуҳрати «Масалҳо» пеш аз ҳама ба санъати баланди чоп алоқаманд мебошад. Андозаи қаду басти «Масалҳо» 28х22 миллиметр мебошад.

***

Охирҳои садаи XIX дар шаҳри Лейпсиг ба забони олмонӣ китоби «Таврот»-ро интишор карданд. Андозаи ҳаҷми онба 5х5 миллиметр баробар буд.

***

Дар шӯъбаи дасхатҳо ва китобҳои нодириКитобхонаи миллии Тоҷикистон дохили қуттичае китобчаи кӯчак бо пурбинаш нигоҳ дошта мешавад. Тахмин карда мешавад, ки ин китобча дар шаҳри Қазон аввалҳои садаи XX чоп шудааст. Муқоваи китобча аз чарми сурхи гулдор саҳҳофӣ шуда, қоғазаш сафедчаи тунук мебошад. Гирдогирди шерозааш зарҳалбандист.Андозаи ҳаҷмаш 1х1,5 сантиметр аст. Ин китобча«Қуръон» буда, тавассути пурбин қироат карда мешавад.

***

Соли 1913 дар Англия нашрикуллиёти пурраи В.Шекспир дар ҳаҷми 40 ҷилд, куллиёти Диккенс дар ҳаҷми 5 ҷилд, «Китобхонаи класиконии англис»дар ҳаҷми 24 ҷилд ба анҷом расида буданд. Ҳамаи ин асарҳо китобчаҳои кӯчак буданд ва ҳаҷми ҳар ҷилд ба 34х42 миллиметр рост меомад.

***

Соли 1921 матбааи шаҳри Кинешма «Конститутсияи РСФСР» -ро бо теъдоди 100 нусха дар ҳаҷми 111 саҳифа интишор карда буд ва ҳаҷми вай 35х50 миллиметрро ташкил медод.

***

Соли 1953 дар намоишгоҳи китоби шаҳри Амстердам дар қатори бисёр китобҳои аз ҷиҳати саҳҳофӣ рангин китобчаеро намоиш дода буданд, ки андозаи вай аз маркаи муқаррарии почта даҳ баробар хурд буд.

***

Соли 1955 «Китобҳои аҷоиб» ном асари У.Г.Блюментал ба забони англисӣ интишор шуда буд. Блюментал дар асари худ оид ба бисёр нашрияҳои аҷоиб, аз ҷумла 12 китобчаи хурдакак ривоят мекунад. Ӯ мегуяд, ки нисбати ҳаҷми ин китобчаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки 12 ҷилди онро дар як қошуқи таомхӯрӣ ҷой додан кифоят мекунад.

***

Соли 1957 маликаи Голландия Юлиана матбааи Заандамро тамошо карда буд. Кормандони матбаа маликаро пазироӣ намуданд. Ба малика ду китобчаеро тӯҳфа карданд, ки 14 миллиметрӣ андоза доштанд.

***

Арафаи 50-солагии ташкилёбии Ҳокимияти Советӣ дар Туркистон маҷмӯаи шеърҳои шоир ва мутафаккири садаи XVIII-и туркман Махдумқулиро интишор намуда буданд. Дар маҷмӯа, киандозааш ба қуттии гӯгирд баробар аст,20 сурат ҷойдода шудааст.

***

Дар Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии (ҳоло миллии) Молдовадар қатори асарҳои нодир, ки муқовaҳояшон бо зарҳалу нуқра, сангҳои қимматбаҳо ороиш ёфтаанд, китобчаҳои кӯчак ҳам маҳфуз буданд. Яке аз ин китобчаҳо асари А.С.Пушкин буда,онро матбааи «Кратя Молдавенско» дар ҳаҷми қутии гӯгирд интишор намудааст.

***

Ноширони Ҷумҳурии Халкии Муғулистон соли 1976 китобчаи кӯчакеро таҳти унвони «Шаступанҷсолагии Сухэ-Батор» дар ҳаҷми 29х35 миллиметр нашр карда буданд. Муқоваи ин китобчаи кӯчак дар пӯсти сурх, бо нақшбандиҳои зарҳалин саҳҳофӣ шудааст.

***

Дар Япония чанд сол қабл китобчаеро чоп карда буданд, ки андозаи баландиаш ба 4 миллиметр, бараш 2,8 миллиметр ва ғафсияш 1 миллиметр буд. Дар 24 вараќи китобча 100 шеър сабт ёфтааст.

***

Нашриёти Япония «Топпан» барои интишори китобчаҳои кӯчак борҳо соҳиби ҷойи аввали сатҳи байналмилалӣ гардидааст. Моҳи октябри соли 1980 нашриёти мазкур боз соҳиби ҷойи аввали байналмилалӣ шуд. Китобчаи навбатии «Топпан» бо теъдоди 250 нусха интишор шуда, андозаи калониаш ба 1,4х1,4 миллиметр мерасид. Китобча 10 саҳифа дорад. Муқовааш аз пӯсти сиёҳи гӯсфанд саҳҳофӣ шудааст.

***

Соли 1983 нашриёти «Пальмя» (Минск) китобчаи «Ошхонаи мардумони ИҶШС»-ро дар андозаи 70х100 миллиметр интишор карда буд. Дар 142 саҳифаи ин китобча тарзи тайёр кардани таомҳои маъмули ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дарҷ ёфтааст. Китобчаи «Ошхонаи мардумони ИҶШС» бо суратҳои нафису ранга зинат ёфтааст.

***

Соли 1972 дар Будапешт «Қоидаҳои тайёр кардани таомҳо» ном китобчаеро чоп карданд. Китобчаи кӯчак бо теъдоди ду ҳазор нусха дар ҳаҷми 193 саҳифа бо андозаи 41х58 миллиметр интишор шуд. Дар вай қойдаҳои тайёр кардани таомҳои мардумони Маҷористон сабт ёфтааст.

***

Китобчаи кӯчакеро барои хотира ва барои таомхӯрони ошхонаи «Мархфелдер»-и Вена дар ҳаҷми 136 саҳифа бо андозаи 23x21 миллиметр интишор намуданд. Дар вай тарзи тайёр кардани сад намуд таоми венагиҳо хотирнишон шудааст.

***

Соли 1988 нашриёти «Книга» асари машҳури Владимир Ильич Ленин «Се манбаъ ва се қисми таркибии марксизм»-робо андозаи 4,5x5,7 сантиметр интишор карда буд.

***

Ибтидои соли 1950 дар шаҳраки Вусберги Штатҳои Муттаҳидаи Амрико китобчаи Умари Хайём дар ҳаҷми 28 саҳифа интишор ёфта буд, киандозаи вай ба 6,2x7,8 миллиметр рост меомад.

***

Китобчаи дигари Умари Хайёмро дар англия аз чоп баровარданд, ки 34 саҳифа дошта,андозааш 6,3x4,5 миллиметр аст.Муқоваи китобча аз марогени сурх сохта шуда,вазнаш 0,064 грам мебошад.

***

Нашири мюнхенӣ А.Валдман ба ноширони моҳир пайравӣ карда, силсилаи китобчаҳоеро интишор карда буд. Садҳо нусхаи ин қабил китобчаҳоро дар кафи даст ҷойгир кардан мумкин аст.

***

Меъмор ва нашири поландӣ Зигмунд Шкоса солҳои зиёдест, ки машғули интишори китобчаҳои кӯчак аст. Ӯ зиёда аз чил номгӯи ин қабил китобчаҳоро офаридааст. Дар байни китобчаҳои Зигмунд тарҷумаи ҳоли одамони машҳур,силсилаи маҷмӯаи ғазалиёт низ мавҷуданд. Зигмунд тарҷумаи ҳоли Коперникро ба андозаи 2x2,5 миллиметр интишор кардааст.

***

Матбааи ба номи Якуб Колас (ш.Минск) маҷмӯаи шеърҳои классики адабиёти Арманистон Ованес Туманянро ба теъдоди 6

ҳазор нусха интишор карда буд. Андозаи китобча ба қутии гӯгирд баробар аст. Матбаа, инчунин, асарҳои Янка Купала, Яқуб Колас-ро бо андозаи ҳар кадоме 40х50 миллиметрӣ ванақшу нигори хуб интишор кардааст.

***

Дар осорхонаи матбааи шаҳри Майнс(Германия) китобчае ба намоиш гузошта шуд, ки матни он дар чаҳор саҳифаҳоияк миллиметрӣҷой гирифтааст.

***

Дар Монерал ЭКСПО-67 асарҳои шоирону нависандагони Украинаро намоиш дода буданд. Дар намоишгоҳ «Кобзар»-и Т.Г.Шевченко ҷолиби таввачӯҳ буд. «Кобзар» 12 саҳифаи ҳар кадом 8 сатрӣ ва сурати Т.Г.Шевченкородар бар мегирифт. Ғаф-сии ҳуруфоти «Кобзар» 3,5 крон буда,30 маротиба аз тори мӯй бо-риктар аст. «Кобзар»-ро Николай Сергеевич Сядристий зери пурбин ҳунармандӣ кардааст.

## АЛИФБО ВА ХОНИШ

Қадимтарин китобе, ки то рӯзҳои мо маҳфуз мондааст, кито-би сарфу наҳв аст. Онро олими Ҳинд Панини ҳанӯз дар садаи IV пеш аз мелод мураттаб сохтааст. Китоби маъруф чаҳор ҳазор қои-даро сабт кардааст.

***

Омӯхтану хондан ва навиштан миёни мардуми тоҷик то исти-лои арабҳо вуҷуд дошт. Чи тавре,ки ҷустуҷӯҳои ҳафриётӣ собит кардаанд, пайдоиши китоби дарсии алифбои арабӣ ба ҳудуди садаҳои VII-VIII рост меояд. Онро кӣ эҷод кардааст, маълум нест. Баъдан бори аввалкитоби дарсии алифбои арабиро дар садаи XVI Мавлоно Яъқуби Чархӣ таълиф карда буд.

***

Соли 1634 дар шаҳри Москва «Алифбои забони славянӣ» ин-тишор ёфт, ки онро манбаи дониши бачагон меномиданд.

***

То инқилоби Октябр китобҳои алифбои забони тоҷикии«Баён-ул-ҳуруф»(1903), «Асбоби савоб»(1905), «Раҳнамои савод»(1908) ва«Роҳбари мактаб»(1913) навишта шуда буданд.

***

Устод Садриддин Айнӣ дар Бухоро барои мактаби нав, ки худ таъсискунандаи вай буд, чанд китоби дарсӣ таълиф кардааст. Яке аз онҳо китоби хониш «Таҳзиб-ус-сибён» («Тарбияи кӯдакон») ном дорад. Ин китоб бори аввал соли 1909 дар Бухоро, баъдан мукаммалан соли 1917 дар Самарқанд интишор шудааст. Муҳаққиқон китоби Садриддин Айниро аввалин намунаи насри адабиёти нави тоҷик ва тасвири реалистии зиндагӣ мешуморанд.

**БУЗУРГОН ДАР СИТОИШИ КИТОБ**

Ва он чӣ аз илми риёзӣ андар ин китоб бихонем, ба охир гӯем ва ба як ҷое гӯем.

Абӯалӣибни Сино

***

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣрӯй бар ин ганҷ неҳ.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

***

Кунун, эй сухангӯи бедормағз,
Яке достоне биёрой нағз.

АбулқосимиФирдавсӣ

***

Биноҳои обод гардад хроб,
Зи борону аз тобиши офтоб,
Пай афканам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

Абулқосим Фирдавсӣ

***

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст…
Бувад бемузду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде…
Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Хубтар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона  ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоренест.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Хирад аз нома ҳарфи нахуст,
Ки дебочаи нома з-он шуд дуруст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Дебочанависи дафтари ақл,
Рахшоишбахши гавҳари ақл…

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Баъд аз он ҷудо шудем, аммо ҳамеша китобати вай ба ман меомад.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Дониш дар кутуб, доност дар гӯр.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Китобомӯзгори бемуздусипос аст.Вай ҳамсуҳбатест миёни пӯсткашидаю кораш ниҳонӣ, ривоятҳои хомӯшона дорад ва ҳар лаҳза ба ту хирадмандӣ мебахшад.

Алишери Навоӣ

***

Хало, худ раҳо кун ту рози сухан,
Зи анҷоми дебоча нав кун сухан!

НизомииГанҷавӣ

***

Баёзаш дар гузориш нест мавсуф,
Ки дар Бардаъ саводаш нест маъруф!

НизомииГанҷавӣ

***

Зи дасти гиря китобат наметавонам кард,
Ки менависаму дарҳол мешавад мағсул.

Саъдии Шерозӣ

***

Китоб аз даст додан сустроист,
Ки ағлаб хуи мардум бевафоист.

Саъдии Шерозӣ

***

Оби шавқ аз чашми Саъдӣ меравад бар дастхат,
Лоҷарам, чун шеър меояд, сухан тар мешавад.

Саъдии Шерозӣ

***

Абёт аз сафина чу симоб шуд равон,
Таҳрир аз саҳифа чу хуноб шуд равон.

Сайидои Насафӣ

***

Сари савдои кас набуд маро,
Ҷуз кутуб ҳамнафас набуд маро.

КамолиддиниБиноӣ

***

Илм сайд омаду китобат қайд,
Беҳ, ки дар қайд баста бошад сайд.

КамолиддиниБиноӣ

***

Ки мусоҳиб бувад гаҳу бегоҳ,
Роҳафзои ҷону роҳати дил,
Ҳарчи дилхоҳи туст, аз ӯ ҳосил,
Инчунин ҳамдами латиф кӣ дид,
Ки на ранҷа диҳад, на ранҷонид.

Камолиддин Биноӣ

***

Маснавиро масҳару машҳур деҳ,
Сурати амсоли ӯро рӯҳ деҳ.

Ҷалолиддини Румӣ

***

Ғоратгари маонии маҷмӯаи Камол
Дуздида, ҳар чӣ ёфт сухан, дар ҷарида буд!

Камоли Хуҷандӣ

***

Мавлиду маншаъ мабин дар хоки Ҳиндустон маро,
Назму насрам бин, ки дар оби Хуросон омадаст.

Авҳадиддини Анварӣ

***

Хурда бар гуфтаи Шоҳин натавонанд гирифт,
Нуктадонон, ки дам аз донишу фарҳанг заданд.

Шамсиддини Шоҳин

***

На сер ояд аз ганҷу дониш касе,
На кам гардад, ар з-ӯ бибахшӣ басе!
Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ куҷост,
Киро ганҷи дониш бувад, подшост!

Асадии Тӯсӣ

***

Китобам, дафтарам, таълими хатти «ҷим» -и абруям,
Баёзам, абҷадам, машқам, саводам, мистари ишқам.
Камоли Ҳисорӣ

***

Ҳофизи Абру дар мусаннафи хеш оварда…

«Равзат - ус-сафо»

***

Пайваста китоби ахбор ва қисас ва таворих мутолиа кардӣ.

«Маҷмаъ-ул-ансоб»

***

Китоб як рукни муҳими тамаддуни башарӣ ва ҷузъи ҷудонопазири зиндагии инсон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

***

Пас агар аз пешаҳо чунин ки гуфтам, толиби илме бошӣ, парҳезгору қонеъ бошу илмдӯст… ва дерхобу зудхез ва ҳарис ба китобату дироса[1] ва мутавозеу номалул аз кор ва ҳофизу муқаррари[2] калом ва мутафаҳҳиси[3] сирру мутаҷассиси[4]асрор ваилмдӯсту мутаққарриб[5] ва ба ҳурмат ва андар омӯхтан ҳарисубешарм ва ҳақшиноси устоди худ.Ва захиракардаи ту бояд, ки китобҳою аҷзоъ[6] ва қаламу қаламдон ва маҳбарату[7] корду қаламтарош ва монанди ин чизҳо ба ту бувад ва ҷуз аз ин дигар дили ту ба чизе баста набошад ва чи бишнавӣ,ёд гирифтан ва бозгуфтан ва камсухану дурандеш бош ва тақлид розӣ мешавад, ки ҳар толибилме, ки бад-ин сифат бувад, зуд ягонаи рӯзгор гардад.

Унсурулмаолии Кайковус.

Ва андар кутуби порсиён чунон аст, ки вайду ҳазор сол зиндагонӣ ёфтааст.

---

[1]Дироса-китоб хондан, илмомӯзӣ

[2] Муқаррар ул-такрор

[3] Мутафаҳҳис-ҷӯянда, ҳискунанда

[4] Мутаҷассис-ҷустуҷӯкунанда

[5] Мутақарриб-наздикон

[6] Аҷзоъ-дафтар

[7] Маҳбарат-сиёҳӣ, ранг

«Таърихи Наршахӣ»

Сад хона китоб хондию нест ба ёд,
Бояд, ки китобхона дар сина бувад!

Тошхӯҷаи Асирӣ

… Тамоми ҳаёти одамӣ дар китоб дарҷ ёфтааст. Одамон, қабилаҳо, давлатҳо аз миён рафтанд, вале китоб боқӣ монд ва аз авлод ба авлод гузашт. Дар китоб таълим, ҷиҳатҳои муҳталифи ақлу хирад ва дилро ба ҳаяҷоноваранда, воқеоти бузурги ҳаёти ҷамъиятӣ, ки одатан онро таърихи умумиҷаҳонӣ меноманд, сабт гаштааст. Аммо китоб акси хушку холии ҳаёти гузашта нест. Вай маҷмӯаи ҳуҷҷатҳоест, ки тавассути он моро ба ҳаёти имрӯза ва ҳақиқату кӯшишҳо, ки дар натиҷаи азобу машаққатҳо ва баъзан хунрезиҳо ба даст оварда шудаанд, хубтар шинос менамояд. Китоб барномаи оянда аст. Биёед, китобро дӯст ва азиз донем.

Александр Иванович Герцен

Китоб аз ҳама муъҷизаҳое, ки инсоният дар роҳи бахту саодат ва тавоногии худ офаридааст, шояд муъҷизаи аз ҳама мураккабу бузургтар бошад…

Максим Горький

***

Дӯст медорам туро, эй ҳамдами ҷонам, китоб,
Аз саҳар то шом ман чун ошиқон хонам китоб.
Аз ту мегирем моён дарси илму маърифат,
Аз ту шоду хуррамам, эй марҳами ҷонам китоб.
Ман туро чун модари худ мекунам ҳурмат мудом,
Аз сарат то охират сад барҳо хонам китоб.

Гулчеҳра Сулаймонӣ

***

Як китоби хуб беҳтар аз як хазинаи бузург аст.

***

Китоб-сарчашмаи дониш аст.

***

Китоб-калиди илму дониш аст.

***

Китоб-ғизои маънавист.

***

Ганҷ магир, китоб бигир.

## БУЗУРГОНДАР СИТОИШИ ДОНИШВА ИЛМ

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

***

То ҷаҳон буд аз сар одамфароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

***

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад,
Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост,
Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост …
Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,
Биёбӣ зи ҳардонише ромише.

Абулқосими Фирдавсӣ

***

Ҳунарманд бо мардуми беҳунар
Ба фарҷом ҳам хок дорад ба сар,

Валекин аз омӯхтан чора нест
Кӣ гӯяд, ки донову нодон якест?

Абулқосими Фирдавсӣ

***

Ба дониш бувад мардро обрӯй,
Ба бедонишӣ, то тавонӣ,мапӯй,
Ба коре, ки зебо набошад касе,
На бояд, ки ёд оварад з-он басе ,
Ки худро бад-он хира расво кунад,
Ва гарчанд кирдори воло кунад.

Абулқосими Фирдавсӣ

***

Зи дониш дари бениёзӣ бичӯй,
В-агарчанд аз ӯ сахт ояд ба рӯй.

Абулқосими Фирдавсӣ

***

Чунин гуфт, к-ин пири донишпажӯҳ,
Ки чандин сухан гуфт пеши гурӯҳ …

Абулқосими Фирдавсӣ

***

Ба гуфтан далеру тавоно бувад.

Абулқосим Фирдавсӣ

***

Шунида суханҳо фаромӯш макун,
Ки тоҷ аст бар фарқи дониш сухун,
Ҳар он кас, ки дониш фаромӯш кунад,
Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.

Абулқосими Фирдавсӣ

***

Биёрой дилро ба дониш, ки арз,
Ба дониш бувад чун,бидонӣ, биварз.

Абулқосими Фирдавсӣ

***

Зи чизе, ки ҳаргиз надиду шунид,
Ба дониш биёвард онро падид.

Абулқосими Фирдавсӣ

***

Бале, ҳикмат он аст пеши ҳаким,
Ки бар роҳи дониш шавад мустақим.
Ба нури дили пок ҳикматпараст
Барад рай ба ҳар чиз аз инсон, ки ҳаст…

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Нахуст аз касби дониш баҳраваршав,
Зи чаҳлободи нодонӣ бадар шав…
Вале по сӯи дониш неҳ дар ин роҳ,
Ки илм омад фаровон, умр кутоҳ.
Наёбад ҳеҷ кас умри дубора,
Ба илме рав, к-аз онат нест чора.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Чист зарри ноб-рангин гашта хоке з-офтоб.
Ҳар кӣ кард афсар зи зарри ноб, хокаш бар сар аст.
Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гадо,
Дар бараш дил бахри дониш, ӯ шаҳи баҳру бар аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Чу дониш ба сӯи кuниш раҳбар аст,
Куниш мояи дониши дигар аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Тавозӯъ кун онро, ки донишвар аст,
Ба дониш зи ту қадри ӯ бартар аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Дилатро ба донишварӣ дор хуш,
Чу донистӣ, он гоҳ дар кор кӯш.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Лек донад он кӣ худ донишвар аст,
К-ин қарор андар сарои дигар аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Ба таълими нокас забон кам кушой,
Ки таълими ӯ нест донишафзоӣ.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Санг дар дасту мор бар сари санг -
Не зи дониш бувад сукуну даранг.

Саъдии Шерозӣ

***

Ҷаҳондидаю донишандӯхта,
Сафаркардаю сӯҳбатомӯхта …

Саъдии Шерозӣ

***

Мушкиле дорам, зи донишманди маҷлис бозпурс:
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?

Ҳофизи Шерозӣ

***

Бозмеҷуст дар вилояту шаҳр,
Хабар аз мардумони донишвар.

Хусрави Деҳлавӣ

***

Ҳавасе будаш аз дилафрӯзӣ,
Дар чӣ, дар кори донишомӯзӣ!

Хусрави Деҳлавӣ

***

Чун Шоҳзодаро ба ақлу ба рой,
Донишомӯз диду размкушой…

Низомии Ганҷавӣ

***

Далеру сухангӯю донишпараст,
Ба тиру ба шамшер густохдаст.

Низомии Ганҷавӣ

***

Сухангӯи пешина–донои Тӯс,
Ки ораст рӯи сухан чун арӯс…

Низомии Ганҷавӣ

***

Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист!
Дониш талабу бузургӣ омӯз!
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз
Ҷое, ки бузург боядат буд,
Фарзандии ман надорадат суд…

Низомии Ганҷавӣ

***

Ба дониш шод гардӣ аз дилу ҷон,
Ки бедониш бувад ҷовид ҳайрон.

Носири Хисрав

***

Ба дониш гарою дар ин рӯзи пирӣ
Бурун афкан аз сар хумори шабона.

Носири Хисрав

***

Марг чаҳласту дониш зиндагӣ.

Носири Хисрав

***

Дафтар зи касе бувад, ки хонад,
Нодон вараку сабақ чӣ донад.

Бадриддин Хилолӣ

***

Донишо, чун дареғам ой аз он-к
Бе баҳоӣ, валек аз ту баҳост.
Бе ту аз хоста мабодам ганҷ,
Ҳамчунин зарвор бо ту равост.

Шаҳиди Балхӣ

***

Касе к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,
На ӯ боз монад, на омӯзгор.
Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану бофтан.

Абӯшакури Балхӣ

***

Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,
Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.
На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар аст он кӣ донотар аст.

Абӯшакури Балхӣ

***

Чу пухта шавад, талх ширин шавад,
Ба дониш сухан гавҳарогин шавад.

Абӯшакури Балхӣ

***

Сипоҳ андаку раъю дониш фузун,
Беҳ аз лашкаркаши бераҳнамун.

Абӯшакури Балхӣ

***

То бад-он ҷо расида дониши ман,
Ки бидонам ҳаме, ки надонам.

Абӯшакури Балхӣ

***

Чи некӯ сухан гуфт донишфазой,
Бад-он, к-ат на кор аст, камтар гарой.

Абӯшакури Балхӣ

***

Барнаёяд ба муроди дили ман як нафасам,
То хирад дод ба ман мансаби доноиро.

Махфӣ

***

Магӯ чизе, ки дар дониш нагунҷад,
Хирад ӯро ба як ҷав барнасанҷад.

Фахриддини Гургонӣ

***

Гӯшт бар говарз накӯтар,
Зинати мард донишасту ҳунар.

Абулмаҷиди Саноӣ

Ҳар кӣ дорад донишу ақли тамиз
Аҳли ақлу илмро дорад азиз.

Фаридаддини Аттор

***

Зи мо донодилон маънӣ наҷӯянд,

Димоғошуфтагон ошуфта гӯянд.

Убайди Зоконӣ

***

Эй дода таноби дониш аз даст,
Байни ману ту таноб бигсаст.

Шамсиддини Шоҳин

***

Чаро в-арна донодили ҳушёр
Кунад шеваи шоирӣ ихтиёр.

Шамсиддини Шоҳин

***

Шикастам шишаи узровариро,
Кушудам сар хуми донишвариро.

Нозими Хисравӣ

***

Доништеғе буранда бошад,
Ҳам ҷондеҳу ҳам кушанда бошад.

Абулқосими Лоҳут ӣ

***

Ҳар кӣ нахонад, чӣ донад?Ва ҳар кӣ надонад, чӣ тавонад.

***

Дониш чароғи ақл аст.

***

Шояд ки андар ҷисме бувад ва шояд,ки васфи ақлӣ бувад, он илм илмибарин аст.

Абӯалӣ ибни Сино

***

Ва садо шуд, ки илми инчунин ҳолҳо ё илми табист ё илми риёзӣ.

Абӯалӣ ибни Сино

***

Ва сеюм, илми ҳайат ва ниҳоди олам ҳоли сурати ҷунбиши осмонҳо ва ситорагон…боз намуда ояд.

Абӯали ибни Сино

***

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дархост илм.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Илм касир омаду умрат қасир,
Он чӣ зарур аст, ба он шуғл гир.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

То бувад ҷон даруни тан, зинҳор
З-иқтисоби улум даст мадор!
Ба тани хастаю ба мӯи сафед
З-иктисоби фунун машав навмед!
Пирию заъфро баҳона масоз,
Бош дар касби илм дар такутоз.
То ба он дам, барнаёмад ҷон,
Тарки касби камол ҳаст зиён.

Камолиддини Биноӣ

***

Он кӣ дар касби илм ранҷ барад,
Ранҷ набвад, ки пай ба ганҷ барад.

Камолиддини Биноӣ

***

Эй бародар, ба касби илм гарой,
Пой бар ҷаҳл неҳ, ба илм дарой.
Маърифат ҷуз ба илм натвон ёфт,
В-ин сифат ҷуз ба илм натвон ёфт.

Камолиддини Биноӣ

***

Ҳаст илм он чӣ боқию абад аст,
Ҳар чӣ ҷуз илм об дар сабад аст!

Камолиддини Биноӣ

***

Ҳам забонро фасоҳат аз илм аст,
Ҳам баёнро малоҳат аз илм аст.

Камолиддини Биноӣ

***

Илм барҳамдиҳандаи захри зиндагӣ ва нурбахши наҷот аст.

Камолиддини Биноӣ

***

Илм чандон ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.

Саъдии Шерозӣ

***

Кас наёмухт илми тир аз ман,
Ки маро оқибат нишона накард.

Саъдии Шерозӣ

***

Ман ҳам аз касби илм хурсандам,
Лек бо мақсадест пайвандам,
К-аз усули мадориҷи ҳикмат,
Оламеро барорам аз ғафлат.

Абдулқодири Бедил

***

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд.
Фӯлод ба оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,
Бе илм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.

Абдулқодири Бедил

***

Илм, к-аз баҳри хизмат омӯзӣ,
Ҳосилаш ранҷ дону бад рӯзӣ.

Абулмаҷди Саноӣ

***

Илми бокор судманд бувад,
Илми бекор пойбанд бувад.

Абулмаҷди Саноӣ

***

Илм дорӣ, зи кас мадор дареғ,
Дар дили ташнагон бибор чу меғ.

Рукниддини Авҳадӣ

***

Муфтии шаръ, ки аз рӯи ту манъам фармуд,
Зоҳир он аст, ки дар илми назар доно нест.

Камоли Хуҷандӣ

***

Чи таҳзибу ҳикмат, чи илми калом,
Зи ҳар як варо буд иззи тамом.

Шамсиддини Шоҳин

***

Ҳикмати назарӣ ба се қисм шавад: аввалро илмимобаъдат-табиа хонанд, дуввумро илми риёзӣ, саввумро илми табиӣ хонанд.

Насириддини Тӯсӣ

***

Савод мояи илм асту илм-айни ҳаёт,
Ҳаёт агар талабӣ, ҳаст дар сарои савод.

Абулқосими Лоҳутӣ

***

Илм хоҳӣ, такрор кун,
Ҳосил хоҳӣ, шудгор кун.

***

Илме, ки ба роҳи рост набарад, гумроҳист.

***

Мояи бузургӣ илму адаб аст, на аслу насаб.

# Ф А С Л И 2. ДАСТХАТҲОИ БЕНАЗИР, ХАТТОТОН ВА САҲҲОФОНИ ГУЛДАСТ

## ДАСХАТҲОИ БЕНАЗИРИ НИЁГОН

Дастҳатҳо доим ҷустуҷӯ мешаванд. Қисме аз дастхатҳо, кидар пӯст менавиштанду баъди муддате онротозамекарданд вадастхатидигар сабт менамуданд, ба нестӣ рафтаанд.

Дастхат китоби чопӣ нест.Дастхатро агар аз даст бидиҳанд, онро барқарор кардан номумкин бувад. Мегуянд ки бисёр осори ниёгон пурра нестанд. Ҳиссае аз онҳо дастрас шудаасту бас. Кӣ гуфта метавонад, ки бо иллати задухурдҳои Искандари Мақдунӣ, арабҳо, Чингизхон чӣқадар дасхатҳои нодир барбод рафтаанд?

Аз ҳудудҳои Машриқзамин берун шудани дасхатҳои ниёгон ҳам бесабаб нест. Ин ба тариқи тороҷгарӣ, тӯҳфагузорӣ, хариду фурӯши тоҷирон ва ғайра алоқаманд аст.

Солҳои 1871-1877 дар Туркистон маъракаи дасхатғундорӣ гузаронида шуд. Бо амри Генерал-губернатори Туркистон К.П.Кауфман дастхатҳои зиёдеро ҷамъ карда, ба Россия фиристода буданд.

Амири Бухоро ҳам дар навбати худ соли 1913, арафаи ҷашнгирии 300-солагии ҳукмронии оилаи Романовҳо ба подшоҳ Николаи IмаҷмӯиN калони дастхатҳои форсию тоҷикиро ҷамъ карда, фиристода буд.

Соли 1915 шарқшинос В. А.Иванов ба Бухоро сафар карда буд. Ӯ дар ин ҷо дастхатҳои нодирро ҷамъоварӣ кард. Ҳоло дар шӯъбаи Санкт-Петербургии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои ИҶШС бо унвони «Коллекцияи Бухороӣ» иборат аз 1057 ҷилд дастхатҳои арабӣ, форсӣ ва туркии коллексияи ҷамъовардаи шарқшинос В.А.Иванов нигоҳ дошта мешавад. Нусхаҳои дастхатҳои ниёгони моро имрӯз дар китобхонаю осорхонаҳои калонтарини ҷаҳон, ба мисли китобхона ва осорхонаи Британияи Кабир (Лондон), китобхонаи ҷамъиятӣ-шоҳии Осиё (Лондон), китобхонаҳои Хиндустон-офис, Фаронса (Париж), Вена,Миср, Коҳира, Теҳрон, китобхона ва осорхонаи Олмон, осорхонаи Краков (Полша) ва ғайра дарёфт кардан мумкин аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин муассисае, ки ба ҷамъ овардани осори хаттии гузаштагони адабиёти классикии тоҷику форс машғул шудааст, Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосими Фирдавсӣ(ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) мебошад.

Моҳи марти соли 1933 Институти илмӣ-таҳқиқотии назди Комиссарияти маорифи халқи Тоҷикистон ба ин китобхонаи навбунёд як силсила дастхатҳоро супорида буд. Дар бунёди ҳамин дастхатҳо кормандони китобхона минбаъд ҷустуҷӯйи дастхатҳо ва китобҳои чопи сангиро идома доданд.Ҳоло захираи дастхатҳои китобхонаи мазкур беш аз 2250 нусхаро дар бар мегирад. Тазкираҳо, баёзҳо, фарҳангҳои гуногуни тасвирӣ, дастхатҳо роҷеъ ба илмҳои таъриху тиб, ҳуқуқшиносию ҷуғрофӣ ва дигар соҳаҳо, ки аз қадим ба мо расидаанд, такомули таркибии луғавии забони адабӣ, бойигарии фарҳанги маънавии мардуми тоҷикро давра ба давра инъикос менамоянд. Бисёрии ин дастхатҳо дар натиҷаи ҷустуҷӯҳо ба даст омадаанд ва қисмати дигар, ба мисли дастхатҳои Исмоил бинни Ниёзулмулк «Таъбири Султони»-ро Саидҷонови Хуҷандӣ 10-уми июли соли1957, «Таърихи фирӯзшоҳӣ»-и Зиёвиддини Бараниро Шарифмахсум Дустмуҳаммади Бухороӣ1-уми августи соли 1957, «Анвори Суҳайлӣ»-иКамолиддин Ҳусайн бинни Алӣ ал-Воиз ал-Кошифиро Азиз Султонови Қурғонтеппагӣ 22-уми сентябри соли 1957, «Силсилаи-уз-Заҳаб»-иАбдураҳмони Ҷомиро Маҳмудҷон Муҳаммадиеви Бухороӣ 22-уми июли соли1958, «Табақот уш-Шуаро»-иМуҳаммад бини ал-Ҳасан ал-Астарободиро Абдулхоҷа Ғафурови Андиҷонӣ2-уми июни соли 1962 ба захираи дастхатҳои китобхона супоридаанд.

## ТАВСИФИ МУХТАСАРИ ҚИСМЕ АЗ ДАСТХАТҲОИ КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

«Таърихи Табарӣ» аслан ба забони арабӣтаълиф шудааст.Санаитаълифоташ маълум нест. Онро соли 963 вазири давлатиСомониён Мир Абӯалӣ бинни Муҳаммад Балъамӣ ба забони тоҷикӣ гардонида, ба асар иловаҳо дохил кардааст. Аз ҳамин ҷиҳат таҳқиқотчиён «Таърихи Табарӣ»-ро ба Балъамӣ ҳам нисбат медиҳанд. Садаи XVI Ваҳиди Балхӣ«Таърихи Табарӣ»-ро ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда буд.

Тарҷимаи франсавии «Таърихи Табарӣ» дар ҳаҷми чаҳор ҷилд солҳои1867-1874 дар Париж, матни арабиаш дар ҳаҷми понздаҳ ҷилд солҳои1879-1901 дар Лондон (Англия) интишор гардидааст. Якчанд чопи сангии «Таърихи Табарӣ» солҳои 1879 ва 1916 дарҲиндустон ба табъ расида буданд.

Нусхаи «Таърихи Табарӣ», ки дар захираи Китобхонаи миллии Тоҷикистон маҳфуз аст, аз рӯи хату навъи коғаз ва нусхабардориаш ба садаи XIV тахмин шудааст. Ин нусха бо хатти насх нусхабардор шуда,сарлавҳаҳои матн бо хатти сулс навишта шудаанд.

«Таърихи Табарӣ» дар бораи таърихи улуми Осиёи Миёнадавраҳои пешазисломӣ ва баъди он маълумот медиҳад.

Муаллифи «Таърихи Табарӣ» Абуҷаъфар Муҳаммад бинни Ҷарир ат-Табарӣ (соли таваллудаш 838, вафоташ 922), қонуншинос, донишманди «Қуръон» ва муаррихи барҷастаи замони худ буд. Ӯ асарҳои «Тафсир-ул-Қуръон», «Тазҳаб-ул-осор», «Ихтилоф-ул-фиқҳо», «Ақоид» ва «Хамса»-ро низ таълиф кардааст.

Абулқосим Ҳасан бинни Исҳоқ ат-Тӯсӣ машҳур ба Абулқосими Фирдавсӣ (соли таваллудаш 934, вафоташ 1020), достонҳои «Шоҳнома», «Юсуф ва Зулайҳо» ва бисёр шеърҳои лирикӣ эҷод кардааст. Фирдавсии бузург барои эҷоди «Шоҳнома» беш аз ними умри худро масраф намуд. Ӯ ба навиштани «Шоҳнома» тақрибан солҳои 975-976 шурӯъ карда, таълифи онро соли 994 анҷом додааст. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ аз чаҳор қисмат–муқаддима, мифология, васфи корнамоии паҳлавонон ва воқеаҳои таърихӣ иборат мебошад.

Бо гуфтаи Абулқосими Фирдавсӣ«Шоҳнома» дорои 60 ҳазор байт буда, 120 ҳазор мисраъро дар бар мегирад. Бо ривояти муҳаққиқон адади нусхаҳои қаламии достон зиёд ва аз ҷиҳати миқдори байт гуногунанд. Баъзе агар 40 ҳазор байт дошта бошанд, қисме аз нусхаҳо то 80 ҳазор байт, яъне 160 ҳазор мисраъро дар бар мегиранд. Агар баъзе нусхаҳо кӯтоҳ бошанд, гоҳе ба матни аслӣ байтҳои илҳоқӣ ба теъдоди то 20 ҳазор байт илова шудааст.

Нусхаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз рӯи хатту коғазаш нимаҳои дуввуми садаиXVI ва ибтидои садаи XVII нусхабардорӣ шудааст. Хаташ настаълиқи зебо. Сарлавҳаҳои матн бо санъаткориҳои нафис оро ёфтаанд. Бисёр сафҳаҳо минотурҳои дилчасп доранд.

***

«Сияри Шариф» дастхатест,ки аз тараккуфи Одам то Ҳотам, сабабҳои пайдоиши одам ва сифатҳои хоси ӯ, ба ҳаёт омадани Муҳаммад ва хислатҳои хоси ӯ, даъвати хилофати Муҳаммад барои тарафдории дини ислом, тохтутозҳо ба Мовароуннахр ва дигар кишварҳо ҳикоят мекунад. «Сияри Шариф» бо ҳусни хатти зебои настаълиқ соли 1872 нусхабардорӣ шудааст. Перомуни матн бо зарҳал ҷадвалбандӣ шудааст. Оғози ҳар қисм (шаш қисм) лавҳаҳо бо зарраҳои тилло афшон ёфтаанд. Муаллифи «Сияри Ша-

риф»Мавлоно Муиниддини Ҳиравӣ (соли таваллудаш 1486, вафоташ1556) мебошад.

Профессори университети Рим Анджело Пьемонтезе аз захираи китобии китобхонаи миллии Флоренция нусхаи «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсиро дарёфт мекунад, ки он санаи 12-уми апрели соли 2012-ум нусхабардорӣ шудааст. Андозаи дастхат 47,5х30,5 сантиметр мебошад. Чи тавре,ки ӯ муқаррар кардааст, «Шоҳнома» 400 сол қабл дар дасти хонанда будааст.

***

Соли 833-и ҳиҷрӣ(баробар ба солҳои 1429-1430 милодӣ) дар китобхонаи Бойсангур Мирзо нусхаи нодири «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсиро ба дастраскарда буд. Нусхаи мазкур намоёнтарин санъати баландтарини ҳунари ороиши китоб аст. Ин нусха дар замони мо дар китобхонаи салтанати собиқи Эрон дар ҷузъи «Нафоӣ ва Захоир»(таҳти рақами 4752) нигаҳ дошта мешавад.

***

Абӯалӣибни Сино дар Аврупо бо номи Авитсенна машҳур аст. Ӯ соли 980-ум дар деҳаи Афшона (Лаглака)-и ноҳияи ҳозираи Рометани Бухоро таваллуд ёфтааст васоли 1037-ум дар синни 57 солагиаш дар Ҳамадон фавтидааст. Номи илмии ӯ Шайхурраис, номи худаш Ҳусейн ва номи падараш Абдулло ибни Синост. Бахшида ба ҳаёти Абӯалӣ ибни Сино дар китоби Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ривоятҳо хеле хуб сайқал ёфтаанд. Абӯалӣ ибни Сино ҳанӯз дар синни ҳаждаҳсолагӣ ҳамаи илмҳои замона, аз ҷумла тибро омӯхта буд. Ӯ донишманди гуногунҷабҳа - файласуф, табиб, шоир ва арбоби сиёсӣниз буд.

Мутафаккири бузурги халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино асарҳои зиёде эҷод кардааст ва аз онҳо бархе ба рӯзҳои мо расидаанд. Дар китоби Моҳирхӯҷа Султонов «Аҳамияти рисолаи саргузашт дар омӯзиши аҳвол ва осори Ибни Сино» нисбат ба кори ӯ рақамҳои ҷолибе оварда шудаанд. Ӯ менависад, ки«Дар бораи осори Ибни Сино байни муаллифони манбаъҳои асримиёнагӣ ва таҳқиқоти асрҳои баъдинаю муосир ихтилофи ақида ҷой дорад. Онҳо миқдори осори ӯро ба ин тариқ муқаррар кардаанд: Ибни Кифтӣ-48, Абдулҳасани Байҳақӣ-39, Ибни Усайбиа-45,К.Броккельман-250, А.Деҳхудо-100, М.Баҳоваддинов-300ё 274, С.Айни-77, Саиди Нафисӣ-479, А.Мирзоев-200, Р.Хошим-276,Герман Лей-107, Коноватӣ-276,Ю.Н.Завадовский-169, Шарафуддини Сомӣ-77, Забеҳулло Сафо-238ва амсоли он…Дар ин маънӣ рӯйхати комилтарин

аз Саиди Нафисӣ мебошад...Ба ақидаи Саиди Нафисӣ, ки миқдори осори Ибни Синоро таҳқиқ намудааст, 456 асари ӯ ба забони арабӣ ва 23-тоба забониформсии дарӣ таълиф ёфтааст».

«Ал-қонун фи-т-тиб»-и Абӯалӣ ибни Сино китоби бузургтарини соҳаи илми тиб мебошад ва дар олам шӯҳрати калон пайдо кардааст. «Ал-қонунфи-т-тиб»соли1473 дар Милан ва ҳамон сол дар нуқоти мухталифи олам 15 маротиба, соли 1593 матни арабиаш дар Рим ва садаи XV дар шаҳрҳои гуногуни олам 16 маротиба, садаи XVI 20 маротиба ба забони бисёр халқҳо интишор гардидааст. «Ал-қонун» аз панҷ китоб иборат аст:

<u>Китоби якум</u> – ба фанни тиб, вазифаҳои он, сабаби ба вуҷуд омадани касалиҳои гуногун,воситаҳои паҳн гардидани бемориҳо, табобати онҳо, воситаҳои нигаҳдории тандурустӣ бахшида шудааст.

<u>Китоби дуввум</u> –ба олами набототи шифобахш бахшида шуда, дар он дар бораи 810 намуди дорувориҳо, хусусият ва тарзи истифодаи онҳо сухан меравад.

<u>Китоби саввум</u>–дар бораи пайдоиши бемориҳо дар узвҳои алоҳидаи организми ташхис ва табобати ин касалиҳо маслиҳатҳои муфид медиҳад.

<u>Китоби чаҳорум</u> – дар хусуси касалиҳои умумӣ, таб, табобати ҷароҳатҳо ва ғайра ривоят мекунад.

<u>Китоби панҷум</u> – дар хусуси тайёр кардани доруҳои мураккаб маълумот медиҳад.

***

Донишманди бузург Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ соли 917-ум милодӣ дар шаҳри Кот (маркази қадимаи Хоразм) таввалуд ёфта, соли 1048 фавтидааст. Ӯ оид ба номҳои табиатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ ва дигар илмҳо 150 асар таълиф кардааст. Дар офаридани китоби тиббии«Китоб-ус-Сайдана»ӯ беш аз якумин ҳазор адабиёти илмиро истифода намудааст. Дар ин асар номи 250 муаллиф хотирнишон шудаанд. Дар китоби тиббии «Китоб-ус-Сайдана» 4500 номгӯи наботот, ҳайвонот, маъданҳо (1100-тои онҳо номҳои тоҷикӣ доранд) сабт ёфтаанд.

Даснатвиси тарҷимаи форсӣ«Китоб-ус-Сайдана» дар осорхонаи Британияи Кабир (Лондон) таҳти рақами ОЧ 5849 нигоҳ дошта мешавад.

***

Китоби «Ҳудуд-ул олам мин ал-Машриқ ило ал-Мағриб» («Ҳудуд олам аз Машриқ то Мағриб») соли 983-уми милодӣ дар вилояти Ҷузҷони соҳили чапи дарёи Ҷайҳун ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф шудааст.Муаллифаш маълум нест.

«Ҳудуд-ул-олам» 909 сол аз назарҳопиҳон буд. Касе аз вуҷуд доштани он тасаввуроте ҳам надошт. Тасодуфан ва бо мадади Абулфазли Гулпойгонӣ ном муллои зуфунуни Бухороӣ«Ҳудуд-ул-олам» рӯ зад.Баъди дарёфти китоб Абулфайзи Гулпойгонӣ5-уми октябри соли 1892 ба шарқшиноси Санкт-Петербург нома мефиристад вааз дарёфти дастхати «Ҳудуд-ул-олам» хабар медиҳад. Баҳори соли 1893 ба туфайли ҳамин нома шарқшинос А.Г.Туманский ба Бухоро меояд. Абулфазли Гулпойгонӣ дастхатро ба ӯ тӯҳфа мекунад. «Ҳудуд-ул-олам» ба шарқшинос хеле хуш омад. Ӯ ин китобро китоби бемислу нодир донист.

Пеш аз инқилоби октябр академик В.Бартолд ва шарқшинос А.Г.Туманский бахшида ба ин асари муҳим мақолаҳо интишор карда буданд. Вале ба «Ҳудуд-ул-олам»боз омад накард. Соли 1920 А.Г.Туманский фавтид. Дасхат ниҳон шуд.Баъдтар ҳамсари марҳум, ки дар Станбул (Туркия) истиқомат дошт, ба воситаи яке аз рӯзномаҳо ба сокини Фаронса (Париж), шарқшинос Владимир Минорский хабар дода буд, ки«Ҳудуд-ул-олам» дар сандуқи ман аст. Сабаби бори дигар пайдо шудани «Ҳудуд-ул-олам» ҳамин хабар шуд. Пас «Ҳудуд-ул-олам»ба Париж гузашт ва онро Владимир Минорский ба Санкт-Петербург баргардонид.

«Ҳудуд-ул-олам» баъдан дар шаҳри Теҳрон (1935), ба забони англисӣ дар шаҳри Лондон (1937) ва бо ташаббуси Манучеҳри Сутуда дар шаҳри Теҳрон (1962) бори дуввуминтишор гардид.

«Ҳудуд-ул-олам» асари ҷуғрофӣ мебошад. Дар вай шакл, ҷасомату тақсимоти замин, баҳру дарё ва ҷазираҳо, кӯҳу биёбонҳо, регзорҳо инъикос ёфтаанд. Дар онандар ноҳияти Осиёи Миёнаи қадим, Русия, Тибет, Хуросон, Араб, Рум, Шом, Судом барин шаҳрҳо низ сухан меравад.

Ҳоло нусхаҳои «Ҳудуд-ул-олам» дар хазинаи Китобхонаи миллии Тоҷикистонва китобхонаи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ маҳфузанд.

***

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (соли таваллудаш 1414, вафоташ1492) мутафаккир, шоир ва донишманди бузурги садаи XV ба ҳисоб меравад. Бештари асарҳои ӯ оид ба ахлоқ, фалсафа, тасаввуф, тасфир, фиқҳ, сарфунаҳви забони арабӣ, арузу қофия, муси-

қӣ, тарҷумаи ҳол ва ғайра навишта шудаанд. Асарҳои адабияш аз назму наср иборат буда, ба шакли жанрҳои гуногунанд. Аз Абдураҳмони Ҷомӣ ба замони мо девонҳои «Фотиҳат-уш-шубоб» (1479), «Воситат-ул-иқд» (1480), «Хотимат-ул-ҳаёт» (1492), асари насрии «Баҳористон» (1487), маснавиҳои ҳафтгонаи «Ҳафт авранг» ва дигар асарҳояш расидаанд.

Соли 1970 шӯъбаи дасхатҳои китобхонаи Университети давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ дасхати АбдураҳмониҶомӣ «Муаммои кабир»-ропайдо карда буд. Ин дастхат 200 сол дар хонадони Бибисорои Самарқандӣ нигоҳдорӣ шудааст. Соли 1914 Бибисорои 95 сола ба наберааш Абдурасул гуфтааст, ки«Ман акнун пир шудам, ба ту китобе, ки аз бобокалонат мерос мондааст, медиҳам. Онро эхтиёт кун. Ин китоби устоди шоиронаст». Абдураҳмони Ҷомӣ «Муаммои кабир»-родар синни 33-солагиаш, яъне соли 1452 таълиф кардааст.

***

Амир Низомиддин Алишери Навоӣ (соли тавалудаш 1441, вафоташ 1501), мутафаккир ва шоири барҷаста, шогирд ва дӯсти наздики Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Алишер Навоӣ«Чаҳор девон»,«Майдони балоғат»,«Хамса», маснавии «Лисон-ут-тайр»,«Панднома», «Чиҳил ҳадис», «Девони фонӣ», «Маҷолис-ул-нафоис»,«Муншоот», «Муҳокимат-ул-луғатайн», «Маҳбуб-ул-кулуб» ва асарҳои дигар эҷод кардааст.

Ҳоло дар китобхонаи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ яке аз девонҳои шоир таҳти рақами 2223 нигоҳ дошта мешавад. Ин достонибе мислу монанди хазина мебошад. Ҳотамкориҳо, нақшу нигори зарҳалин, ҳусни хатти ҷамил, санъати наққошию саҳҳофии вай ҳамто надорад. Маълумотҳои анҷомии дастхат шаҳодат медиҳад, ки девонро давраи дарҳаёт будани Алишери Навоӣ хаттоти бузург Султон Алии Машҳадӣ солҳои 1492-1493 бо хатти настаълиқ нусхабардорӣ кардааст.

Девони дигари Алишери Навоӣ бо ҳусни хатти ҳамин хатот соли 1465 дар варақҳои шоҳӣ, бо ислимкориҳои беназир анҷом ёфтааства ҳоло он дар Китобхонаи давлатии ба номи Сальтиков-Шедрин (ҳоло Китобхонаи миллии ФР)-и шаҳри Санкт-Петербург мебошад.

***

Муаллифи дасхати «Таскират-ул-авлиё» Шайх Фаридаддин Муҳаммад Аттор (соли вафоташ тахминан 1230-1234) мебошад. Мегӯянд, ки ӯ гӯё 121 сол умр дидааст ва мероси адабиаш аз 114 то 190 номгӯй мебошад.

Аз Аттор мансавиҳои «Асрорнома», «Илоҳинома», «Пандномa», «Хусравнома»,«Мантиқ-ут-тайр»,«Девони қасоид», ғазалиёт ва чанде аз асарҳои дигари ӯ ба мо расидааст.

«Тазкират-ул-авлиё» ягона китоби насриест, ки аз Аттор ёдгор монда. Ин асар соли 1220 дар ду қисм навишта шуда, аз намунаҳои хуби насри форсу тоҷик ба шумор меравад. «Таскират-ул-авлиё» маноқиби суфия ва мақоми ахлоқи 75 нафар аз машоихи тариқатро ба сирати онҳо (яъне, аз шарҳи ҳоли Ҷаъфар бинни Муҳаммад Содиқ то Имом Муҳаммад Боқир) инъикос намудааст. Китоби мазкурро соли 1418 Ҳофизи Алоф дар Шероз ба номи Султон Иброҳими Мирзо (писари Шоҳрух Курагон) ба назм кашида, номи онро «Валинома» ниҳодааст.

Нусхаҳои «Тазкират-ул-авлиё», ки охирҳои садаи XVIII ва ибтидои садаи XIX нусхабардорӣ шудаанд, дар шӯъбаи дастхатҳо ва китобҳои нодириКитобхонаи миллии Тоҷикистон маҳфузанд.

Нусхаи кадимтарини «Тазкират-ул-авлиё»(соли нусхабардориаш 1286) дар Китобхонаи донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ ва нусхаҳои дигари вай дар китобхонаҳои шаҳрҳои Тошканд ва Берлин нигоҳдошта мешаванд.

Яке аз асарҳои машҳури Аттор «Мантиқ-ут-тайр» (соли нусхабардориаш 1483-1487) дар Осорхонаи санъати метрополитени Амрико маскан ёфтааст.

***

Мирзо Улуғбек (соли тавалудаш 1394,вафоташ 1449) аз овони ҷавонӣбо китобҳо камол меёфт. Ӯ ҳамроҳи бобояш Амир Темур дар юришҳои ҳарбӣ аз китобхонаи «юришӣ» мунтазам истифода мебурд. Осори бузургон ба ҷаҳонбинӣ ва эҷоди асарҳои минбаъдаи ӯ кумак мерасонданд. «Ҷадвали ситорашиносӣ»-и Мирзо Улуғбек беҳтарин асаре буд аз кашфи кайҳонӣ, ки олимони дунёро ба ваҷм меовард. Мирзо Улуғбек дар ин ҷадвал нуқтаҳои 1018 ситораро нишон дода, дар илми ситорашиносӣ муваффақиятҳои барҷаста ба даст овардааст. «Ҷадвали ситорашиносӣ»-и Мирзо Улуғбек рӯзҳои мо ҳам моҳияти худро гум накардааст. Нусхаи нахустини вай соли 1456 ба Ҳирот гузашт. Онро бо амри Алишери Навоӣ нусхабардорӣ карданд. Ҳоло нусхаҳои форсию арабии ин асар дар китобхонаҳои калонтарини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва

китобхонаҳои Берлин, Париж, Оксфорд, Кембриҷ, Ватикон, Коҳира мавҷуданд.

***

Аҷаб осори парокандае. Оиди дастхатҳои ғарибу пароканда номзади илми филалогӣ Э.Шодиев навиштааст, ки«Авазмуҳаммад Нозили Хуҷандӣ (1790-1878) зиёда аз ҷиҳил сол дар Қуқандзиндагӣ кардааст. Ба рӯзҳои мо чаҳор нусха девони ӯ расидааст. Яке дар дасти сокини шаҳри Душанбе Саидумар Султонов, дуввумин дар дасти сокини шаҳри Қӯқанд Аскархон Акбаров, саввумин дар дасти аъзои колхози ба номи В.И.Ленини ноҳияи Ӯзбекистони вилояти Фарғона Абуғаффор-ота ва чаҳорумин дар китобхонаи шахсии яке аз сокинони шаҳри Самарқанд мебошанд. Девони Нозили Хуҷандӣ даҳ ҳазор мисраъ ғазал, махаммас, қасида, мустаҳзод, мувашшаҳ, маснавӣ, рубоӣ ва марсияро дар бар мегирад».

## ХАТТОТОНИ ЗАРРИНҚАЛАМ

Хушнависӣ савияи баланди дониш, машқи мунтазам, таҳамул, покизакорӣ, истеъдод ва нисбат ба хатту қалам меҳру муҳаббати хаттотро талаб мекунад. Эҷоди хатти хос ва санъати хаттотӣ на ҳунари ҳар кас аст.

Мисли хатти арабӣхатеро бо иннавъҳои рангба ранг пайдо кардан маҳоласт. Яке мегӯяд, ки хатти арабӣ 30 навъ аст ва дигаре мегӯяд ба 50 навъ мерасад.

Дасхатҳои қадима муайян менамоянд, ки хатҳои настаълиқ, насх, сулс, ларза, товусӣ, сунбулӣ, мусаввар, шаҷарӣ, офтобӣ, сарвӣ, райҳонӣ ва дигар хатҳо бо санъати баланди хаттотӣ эҷод шудаанд.

Хаттотони хушнавис ба дастуру омилҳо такя карда, аз устодони худ–хаттотони номвар сабақ мегирифтанд.

Дар гузашта бисёр рисолаҳо, аз ҷумла «Ҷомеъ-ул-хутут»-и Исҳоқхон, «Рисолаи ҳуруф ва хутут»-иШукруллоҳи Қарабоғӣ, «Мадад-ул-хутут»-и Миралии Ҳиравӣ, «Одоб-ул-машқ»-и Миримоди Қазвинӣ, «Рисолаи хат»-иСултон Алии Машҳадӣ, «Фавоид-ул-хутут»-и Дарвешмуҳаммади Бухороӣ, «Расм-ул-хат»-и Маҷнуни Чапнавис таълиф шудаанд ва ва дар таълими хаттотӣ мавқеи сазовор гирифтанд.

Хаттотон пеш аз шурӯи навиштан тараддуд медиданд ва ҷаҳд мекарданд, ки осори навиштанашон бенуқсу зебо, ҷолиби таҳсину лаззати дидагон бошад. Аз ин рӯ, онҳо қоғазҳои хушсифат– зардчаи абрешимин, нахудранги абрешимин, зардчаи шарқӣ, зардчаи

самарқандӣ, қуқандӣ, мисрӣ, ҳаррангаичойдорӣ,сиёҳидон, меҳрак, мистар,рангҳои сиёҳу кабуд, сабзу зангор, ҷӯшаҳои сурх, най-қалам, қаламтарош, қаламдон, қаламкат ва ин қабил анҷому асбобҳоро тайёр мекарданд.

Дастхатҳои қадимаро бикшоед, бӯи атрогине ҳис мешавад. Ин сабаб дорад. Ривояте ҳаст, ки хаттотон ба сиёҳӣ, ҷушаҳои сурх моддаҳои хушбуйиро омехта карда менавиштанд.

Хатти арабӣ дар роҳи такомули худ хаттотони бешумореро ба миён овард.Зумрае аз ин хаттотон ба мисли Ибни Мукла, Абӯалӣ Муҳаммад, Алӣибни Ҳилол (Ибни Бовоб), Миралии Хаттот, Султон Алии Машҳадӣ,Камолиддини Беҳзод, Абдулҷамил Котиб, Муломирзои Бухороӣ, Маҳдихони Забёнӣ,Мирзоабдуллои Савдо, Мирзокамар котиби Бухороӣ, Мирзоабдулфаттоҳ Котиби Забёнӣ, Абдураҳмони Хоразмӣ ва писарҳои ӯ Абдураҳим ва Абдукарим хаттотони маъруфу шинохтаи замони худ буданд. Асарҳои навиштаи ин хаттотон хеле хуб ва устокорона бо навъи хатҳои зеботарин– настаълиқ, насх, таълиқи шикаста ба табъ расидаанд ва нақшу нигори ҳайратангезе доранд. Унвонҳо, лавҳаҳо, перому-ни матн, миёнаҳои матни саҳифаҳо бо ҷушаҳои сурх, ранги сабзу кабуд ва зарҳал нигорину ҷадвалбандӣ шудаанд. Асарҳои шоиро-ну мутафаккирони бузург Абурайҳони Берунӣ, Форобӣ, Абӯалӣибни Сино, Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ Алишери Навоӣ, Мирзо Улуғбек ва бисёр дастхатҳои дигар бо ҳусни хатти зебо, ислимкориҳо ва санъати афшони дилошӯб анҷом ёфтаанд.

***

Охирҳои моҳи июли соли 1977 олими тоҷик Аҳрор Мухторов аз шаҳри Уротеппа (ҳозира Истаравшан) дастхатеро бо унвони «Таъдил ал-ҳайат-ал фалак» («Муқаррар кардани гумбази фалак») дарёфт карда буд. Ин дастхат осори олими садаҳои миёнагӣ Убайдулло бинниМасъуд аст. Онро дар шаҳри Самарқанд соли1447 хаттоти номӣ Абдулло Боязид бо хатти насх рӯбардор кардааст.Абдулло Боязид хаттоти шоистаи дарбори Мирзо Улуғбек буд. Ӯзабони арабиро хуб медонист. Мирзо Улуғбек ба хаттоти пурҳунар боварӣ дошта, мегуфтааст, ки китобҳои душворфаҳми ситорашиносиро ӯ бо ҷадвалҳо, суратҳои геометриаш бояд рӯбардор бикунад.

***

Абдулқодирхоҷаи Пишакбоз-Маҳдихони Бухороӣ (соли вафоташ 1900) аз ҷумлаи хаттотони бузургии замони амир Музаффархон буд. Номи ӯ бештар бо дастхати «Қитъаот»маъруф аст. Маҳдихон қитъаоти зиёди хаттотони мутақадиминро ҷамъ овар-да, дар ин роҳ давлати маврусии падарро дареғ надошт. Маҳдихон ва писари ӯ Мирзо Абдулфаттоҳ қисми зиёди умри худро ба хаттотӣ ва ҷамъ овардани силсилаи «қитъаот» сарф карда буданд. Мирзо Абдулфаттоҳ мисли падар ба машқи хат ва гирд овардани нусхаи«қитъаот» машғул буд ва хаттоти моҳиризамони амир Абдулаҳадхон ва амир Олимхон ба шумор мерафт.

Ба дасхати «Қитъаот»-и Маҳдихони Бухороӣ намунаи «Қитъаот»-и хаттотони давраҳои гуногун-Яҳёхоҷаи Қуқандӣ, ШоҳМаҳмуди Ғуфрулло, Нуриддин Маҳдуми Самарқандӣ, Муҳҳамад Хайруллои Рангинқалам, ал-Ҳусайнӣ, Абдулқодирхоҷа, Хоҷӣ Абдулваҳҳобхоҷа, Муҳаммад Юсуф, Муҳаммад Фоҳир, ал-Муншӣ, Мирзо Абдулвоҳид, Мулло Абдулраҳим, Муҳаммад Ниёз, Мулло МуҳаммадФозили Бухороӣ, Саримсоқ, Мирзо Қурбони Шаҳрисабзӣ, Муҳамад Амин ва дигарон дохил гардиданд. «Қитъаот»-и Маҳдихон солҳои 1816-1935 дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Қуқанд таълиф ва рӯбардор шудааст. Хаташ насталиқи ҳархелаи зебо, гирдогирди саҳифаҳо ва дохили матнбо рангҳои гуногун ҷадвалкашида, навъи қоғазаш ҳам рангбаранги ғафсу нафиси истеҳсоли Осиёи Миёнагист.

***

Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Хатлонӣ (Соли таваллудаш 1880, вафоташ 1918) яке аз олимони зуфунун, шоир, наққош ва хаттоти маъруфи нимаи дуввуми садаи XIX ва ибтидоисадаи XXмебошад. Аз мероси адабии ӯ254 ғазал, 19 мухаммас, 1 мусаддас, 4 марсия, 97 рубоӣ, 13 манзумаи таърихӣ бахшида ба қасрҳои гуногун, қалъаҳо ва тӯю маракаҳои шахсони ҷудогонаи Кангурт, Қаротегин ва Ҳисор, 9 мактуби манзум, манзумаҳои «Василат-ун-наҷот», «Дабистони иброт», «Таърихи ҷуда», рисолаи таърихии«Мунтахаб-ул-ахбор фи Табақот-ус-салотин», маснавии «Комде ва Мадан» ва рисолаи «Ашколи ҳутути исломия» боқӣ мондаанд. Осори Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайн дар «Куллиёт»-аш ҳанӯз соли 1913 интишор гардида буд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки фақат қисмати назмии он ба 13100 мисраъ мерасад.

Аз рисолаи «Ашколи хутути исломияи»-и Ҳоҷи Муҳаммад Ҳусайн дар хусуси намудҳои гуногуни хат ва маҳорати забон баҳсу ривоятҳо мекунанд. Дар ин асар 63 навъи хати арабӣ-сулс, ёқу-

тӣ, насх, куфӣ, риқоъ, моҳӣ, гулзор, нохунӣ, настаълиқи ҷалӣ, таълиқ, шикастаи таълиқ, настаълиқи таъфӣ, исрор, Қуръони Бухороӣ,Қуръони Кашмирӣ, ғуборӣ ва ба мисли онҳо намуна оварда шудаанд. Ин хатҳо бо маҳорати олиихаттотӣ навишта шудаанд.Намунаҳои хатҳои номбурда нишон медиҳанд, ки Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайн ба хушнависӣ меҳру муҳаббати беандозае доштааст. Ӯ дар рисолааш ҳарфҳои ҷудогонае кашидааст, ки ҳар яки онҳо аз навиштаҳои майдаю мураккаб-ҳуруфҳои аҷоибу зебо ба вуҷуд омадаанд. «Ашколи ҳутути исломия» соли 1906 дар шаҳри Бухоро ба қалами худимуаллиф таълиф шуда, матнаш баъзан ба забони арабӣ омадааст. Қоғазашғафси шарқӣ ва замонавии нафис мебошад.

***

Қорӣ Масеҳои Тамҳиди Самарқандӣ (1891- 1776) дар растаи Мирзопӯлоди Самарқанд зиндагӣ мекард. Мардуми Самарқанд ӯро ҳамчун шоир, нависанда, таърихшинос ва хаттоти соҳибистеъдоди замон мешинохтанд.

Асари Қорӣ Масеҳои Тамҳид «Самария» аз хусуси топографияи таърихии Самарқанд ва перомуни он ривоят мекунад. «Самария» аз ёздаҳ бобу хотима иборат аст. Муаллиф дар асари худ гуфтааст, ки«… аломатҳое, ки дар таъини мазороти он соҳиби китоби «қандия» зикр кардааст, дар ин замон он аломатҳо ва нишонаҳо маҳв гашта ва лавҳаҳо низ нобуд шудааст. Ин мухлис баъд аз тафтиши бисёр нишонаҳои эшонро маълум карда, ғубори остони эшонро ба дидаи худ тутиё кардааст, мехоҳанд, ки аломатҳо ва нишонаҳои мазороти эшонро дар ин китоб таъмин намояд ва он чӣ аз аҳволоту мақомоти эшонро, ки маълум кардааст, дар аснои таъини мазороти эшон зикр кунад…».

«Самария» соли 1957 таълиф шуда, бо қалами худи муаллиф тааллуқ дорад ва дар шаҳри Самарқанд анҷом ёфтааст. Навъи хаташ настаълиқи зебо мебошад. Дар саҳифаҳои 87 ва 91 панду насиҳатҳои Қорӣ Масеҳои Тамҳид ҷой дода шудаанд.

…Девони Манучеҳри Домғонӣ-муалифаш Абулнаҷм Аҳмади Домғонӣ мутахаллис ба Манучеҳрӣ (соли вафоташ 1102), шоири замони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ мебошад. Дар девони Манучеҳрӣ қасоид, мусамматот ва рубоиёти ӯ гирд оварда шудаанд. Девони Манучеҳрӣ соли1947 аз ҷониби Қорӣ Масеҳои Тамҳиди Самарқандӣ рӯбардор шудааст. Сарлавҳаҳои ин асар дар ду сутун бо ранги сурх навишта шудааст. Ҳусни хаташ настаълиқи бемисл аст.

## БУЗУРГОН ДАР СИТОИШИ ХАТ ВА ХАТТОТӢ

Бидон, эй писар, ки агар дабир бошӣ, бояд, ки бар сухангуфтан қодир бошӣ ва хатти некӯ дорӣ ва таҷовузкардан дар хат одат накунӣ, то моҳир шавӣ…

Унсурмаолии Кайковус

***

Шуд насххати ёқут, акнун ҳама раъноён
Таълими хат аз лаълат гиранд ба мактабҳо.

Абдураҳмони Ҷомӣ

***

Он кас, ки ба лавҳу хат напардохт,
Ҳаргиз сияҳ аз сафед нашнохт.

Бадриддини Ҳилолӣ

***

З-ин ҳуруфат шуд хирад борикрес,
Насх мекун, эй адиби хушнавис.

Ҷалолиддини Румӣ

***

Хатти тарсову ихтирои хунуд
Ҳамчунон тоби гесӯи мақсуд.

Абдулқодири Бедил

***

Сабо саводи чаманро чу нусха карда бар об,
Ба гул намуд, ки бингар хатти равони маро.

Хусрави Деҳлавӣ

***

Бе ҷома шарифӣ, аз он ки ҷонат
Маъруф ба хат аст, не ба ҷома.

Носири Хусрав

***

Маро бар ошиқон дода яке маншури солорӣ,
Ки тумораш гули зард асту мижгон аст варроқаш.

Манучеҳрӣ

***

То рикои макрамат гашт аз хатти сулсаш равон,
Рубъи маскуни ҷаҳонаш зери фармон омадаст.

Авҳадиддини Анварӣ

***

Расад зи гуфтани наъти ваю навиштани ӯ
Ба фаркадон зи шараф шоиру Варроқ.

Ломеӣ

***

Кашида найи килки ман дар сухан
Хатти насх дар нусхаҳои кӯҳан.

Ҳотифӣ

***

Ҳар навишта ба як хондан арзад.

Абулфазли Байҳақӣ

***

В-ар аз фиқҳ дармонам, оям ба мактаб,
Нависамхатти насху сулсу рикой.

Афзалиддини Ҳоқонӣ

***

Ақли хурдадони тарроҳон баъд аз мушоҳидаи он хатти насху бутлон ба мутақаддимин фан кашидӣ.

Садри Зиё

***

Баёзи гардани ӯ дастро зи кор барад,
Баёзи хушқалам аз даст ихтиёр барад.

Соиби Табрезӣ

***

Дигар дабири ҳумоюнхате, ки гоҳи рақам
Ниҳад зи хушқаламӣ бар рухи аторуд хол.

Аҳмади Дониш

***

Эй хомаи тухикмату эъҷознавис,
Чун ту набувад ҳеҷ касе living. 

Ҳар гаҳ рақами авфи касон бинвисӣ,
Сархатти ғубори мо дар оғоз навис.

Муҳаммад Ҳусайни Хатлонӣ

***

Мардуми  бисёре пеши ӯ меомаданд ва аз он ҷумлаМавлоно Маъруфи хаттот бо ӯ ихтилоти тамом мекард.

«Равзат-ус-сафо»

***

Он ҷаноб … бо масоили аксари улум ошноӣ дошт ва хатти насх ва сулс ва рикоӣ хуб навиштӣ.

«Таърихи Фариштa»

***

Ҳусни хат беҳ зи ҳусни дилдор аст,
Ҳамчу моҳе, ки дар шаби тор аст.

***

Агар хоҳӣ шавӣ хушнавис,
Бинавису бинавису бинавис.

***

Хат навиштан фазилату ҳунар аст,
Хондани хат зиёда муътабар аст.
Ҳар ки аз ин  ду кор бехабар аст,
Батар аз гову зишттар зи хар аст.

## САҲҲОФОНИ ГУЛДАСТ

Китобҳоеҳастанд, ки асрҳои зиёд дар хизмати мардуманд ва қимати худро то ҳанӯз гум накардаанд. Мазмун, ҳолати хаттӣ, саҳҳофӣ онҳоро азалӣ доштанд ва китобҳое буданд, ки мазмуни хира, саҳҳофии хароб доштанду мисли ғубори даргузар нопадид рафтанд.

Санъати саҳҳофӣна камтар аз санъати хаттотию наққошист. Зебу зиннати одам хулқу одоби покиза ва сару либоси озода аст. Либос гуфтааст, ки«ту маро таҳ бидор, ман туро шаҳ медорам». Зебу зиннати китоб мазмуни баланд, қоғази аълосифат, муқоваи мустаҳкаму ороста –санъаткориҳои хуби саҳҳофист.

Санъати саҳҳофӣаз замони қадим, аз замоне, ки одамон асбобу анҷоми навиштан меҷустанд ва навиштаҳоро ба тартиб меоварданд, шурӯъ шудааст. Баъди ихтироъкориҳои зиёд аввалин китобҳое, ки ба китобҳои ҳозира шабоҳат доштанд, тахминан садаи якуми милодӣ ба вуҷуд омадаанд. Он китобҳо аз тахтачаҳои чӯбини суфташуда тайёр карда мешуданд.

Одамони қадим барои навиштан аввал рӯи тахтачаҳо муми сафед месоиданд. Сипас тахтачаҳоро хушк мекарданду бароиранг-

убор маҳлул месохтанд ва бо қалами филизин рӯи тахтачаҳо сабт меоварданд. Баъдан тахтачаҳои навишта, чун саҳфаҳои ҳосилшуда,ресмонбанду зайли китоб саҳҳофӣ мешуданд.

Санъати саҳҳофӣ махсусан замони салтанати Темуриён- садаи XIV хеле инкишоф ёфта буд. Саҳҳофони шариф ба мисли муаллифони асарҳо, хаттотон,наққошону ҷӯяндагони илми адаб қадру қимати китобро аз ҳама авлотар медонистанд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки муқоваи дастхатҳо бояд нигорину хушсифат бошанд ва осори бузургон асрҳо боқӣ бимонанд. Саҳҳофон баъди анҷоми ҷузъбандӣ ба ҷузъҳо ҷомаи ҷамил мепӯшонданд. Ба муқоваи дастхатҳо, ки аз картони ғавс сохта мешуданд, пӯсти ошхӯрдаи ҳайвонот ва ин қабил пӯстҳои пурбардошт мекашиданд.

Барои муқоваи дастхатҳо рангбарангу дилкаш буданд. Бахши аксари дасхатҳо муқоваи қирмизӣ, зангорӣ, сурх, қаҳваранг, зайнабӣ ва пистаранг истифода мешуданд. Саҳҳофон муқоваи дастхатҳоро бо зару зевар, ёқуту сангҳои гаронбаҳо, меххои нигиндори пурҷило, сурати дасхатҳои буттаю наргис, гулу булбул, шукуфа ва баҳор, гулу парвона, тиру камон ва муқоваро бо ранги сурху перомуни онҳоро бо ранги зарду зангор, сиёҳу лоҷвард оороиш медоданд. Муқоваро бо маътои хоса ва чармҳои ранга шерозабандӣ мекарданд.

Силсилаи дастхатҳоиКитобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосими Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) бо номи бисёр устодонисанъати саҳҳофӣ алоқаманд аст. Онҳо аз ҷониби Мавлоно Зотии Лорӣ, Ишрати Қаландар, Рамазони Наботӣ, Мулло Муҳаммад Ҳодии саҳҳоф, Мирсаид бинни Мирхоҷаи саҳҳоф, Мулло Абдураззоқи саҳҳоф, Мулло Исмати саҳҳоф, Мулло Маҷиди саҳҳоф, Хоҷа Ҳошими саҳҳоф, Мулло Зиёвиддини саҳҳоф, Маҳмуд Шоҳи саҳҳоф, Муҳаммад Солеҳи саҳҳоф, Қорӣ Мунир, Неъмати саҳҳоф, Мулло Муҳаммад Наими саҳҳоф, Мулло Мансури саҳҳоф, Муҳаммад Тариқи саҳҳоф, Муҳаммад Шодии саҳҳоф, Мулло Мири саҳҳоф ва дигарон саҳҳофӣ шудаанд.

Бо туфайли ҳамин санъаткориҳои беназири саҳҳофони гулдаст буд, ки инъомоти бузургони гузашта садаҳою ҳазораҳоро тай намуда, дар хазинаҳои умумимардумӣ сарпаноҳ ёфтаанд ва ба наслҳои имрӯзу ояндахизмат хоҳанд кард.

Собиқ корманди Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, марҳум Назира Кароматуллоева дар мақолааш (1981) баъзе луғат ва истилоҳот оид ба китобшиносӣ, китобхонашиносӣ, аз ҷумла оид ба асбобу анҷоми саҳҳофӣ, ҷузъбандӣ ва дигар овардааст: дӯбандӣ истилоҳест мавриди ҷузъбандӣ истифодашаванда. Гуфтанд:

Ду навъ ояд тариқи ҷузъбандӣ,
Яке якбандию дигар дубандӣ.

Пероза – як навъ торкашӣ, ки дигар ақиби китоб мавриди ҷузъбандӣ ба рӯи латтаи пушти китоб кашида мешавад.

Гуфтаанд: … Бигирӣ бахри пероза китобаш,
Ки баъд аз ин ҳамин бинам савобаш.
Бидорӣ боз пероза ҳама фард,
Ки зич оянд дар шероза, эй мард.
Бидон з-онгаҳ, ки пероза бибандӣ,
Ва шероза дигар гуна бибандӣ.
Бигир инро салаф пероза гӯянд,
Пас аз итмоми ин шероза гӯянд.

Тата – навъи афшонест, ки тавассути асбоби қилидум сохта шудааст. Онро ба маҳлули тилло ғутонда, аз рӯи сафҳои оҳор бо пошондани маҳлули тилло анҷом меёбад.

Гуфтаанд: … Ба қоғазҳои рангин соз оҳор,
Барои таттаву афшон нигаҳ дор.
Зи тарсимҳои ноёб аст афшон,
Ба тата қатраҳо созанд афшон.
Зи думи асп мӯе чанд бояд,
Бурида гашта чор ангушт бояд.

Дастхатҳоро бубинед хеле зебо, бо маҳорати баланд ҷадвалбандӣ шудаанд. Ин мисраҳо ба он касоне бахшида шудаанд, ки дар ҷадвалкашии сафҳаҳои дастхатҳо маҳорат доштаанд:

Каш се хатро қариби якдигар,
Дар тилло хаттти охирин бартар.
Гӯшаҳо кун нишон ба чор дуруст,
То кашӣ рӯбарӯву пушт ба пушт.
Ончи мобайни ин ду хат шояд,
Камтар аз пушти корд мебояд.
Дар миёни ҳам ду хат бувад авло,
То нагардад баёзҳо ҳама ҷо.
Баъд аз он мӯҳракаш, макун таксир,
То тавонӣ кашиданаш таҳрир.
Каш ду таҳрир дар ду хат авло,
Пас се таҳрир каш хати уҳро.

Чун миёнро кунӣ Мусанно ҳам,

Чор таҳрир бояд онро ҳам.
Кунҷҳо магзарон зи якдигар,
Ҷаҳд кун то ниҳанд сар ба сар.
Дар миёна ду хати аввал каш,
Лоҷуварде, навбадаш марғаш.
Ҳаст пайваста он ду хат ба миён,
Дар миён низ лоҷуворд бирон.
Боз порёни он ду хати дигар,
Хатти зарин бикаш, ва з-ин магзар.

**ДОНИСТАН ХУБ АСТ**

Ибни Хайён Ҷобир (соли таваллудаш тақрибан 721, Тӯс – соли вафоташ тақрибан 815, Хуф) олим, қомусшиноси асримиёнагии форсу тоҷик. Ӯ оид ба химия, тиб, ситорашиносӣ, математика, оптика ва фалсафа беш аз 500 асар таълиф кардааст. Ҳоло 85 номгин асарҳо мавҷуданд. Аз асарҳои Ибни Хайён бахусус асарҳои кимиёвии ӯ «Китоб-ус-сабъин» («Ҳафтод китоб»), «Китоб-ул-мизон» («Китоби тарозу»), «Китоб-ур-раҳма» («Китоби шавқат») дар Шарқ ва Ғарб машҳур буданд.

***

Абумуашшар Ҷаъфар ибни Муҳаммад Балосӣ қариб 100 сол умр дида, соли 886 фавтидааст. Ӯ аз маъруфтарин мунаҷимон, олими қарни 1Х ба шумор мерафт. Баъдан ӯ барои азхуд кардани донишҳои илми нуҷум мепардозад ва дар ин соҳа қариб чил асар эҷод менамояд.

***

Абӯзайди Балхӣ (850-934) ҷуғрофияшинос, ситорашинос, табиб ва забоншиноси форсу тоҷик муаллифи 60 асари илмӣ мебошад. Аз ҷумла ӯ «Китоб оид ба фазилати илми риёзиёт», «Китоби сарфу наҳв», «Ҳудуди фалсафа», «Китоби салоҳии бандаҳо ва ҷонҳо», «Китоб оид ба он чӣ саҳеҳ аст аз аҳкоми нуҷум», «Китоби нодир дар бораи як қатор фанҳо»-ро таълиф кардааст.

***

Фаробӣ Абӯнаср Муҳаммад Тарҳон (873, Фароб-950, Димишқ) олми қомусшинос, файласуфи Шарқи Наздику Миёна мебошад. Бино ба гуфтаи муҳаққиқон ӯ 160 асар офаридааст. Фаробӣ оид ба асарҳои Арасту метафизика, этика, риторика, софистикаро тавсиф карда, масъалаҳои фалсафӣ-назарии худро баён намудааст ва имрӯз асарҳои ӯ «Китоб-фил-ақл-ис-сағир», «Китоб-ул-бурҳон», «Мусиқа ва кабир» ва дигар ба мо маълуманд.

***

Донишманди бузург Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунӣ (Соли таваллуд 973, шаҳри Кот-маркази қадимаи Хоразм-вафоташ соли 1048, Ғазна) оиди илмҳои табиатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, тиб ва ғайра аз 130 то 180 асар таълиф кардааст, ки аз ҷумла 70 асараш ба илми ситорашиносӣ бахшида шудааст. Дар офаридани китоби тиббиаш «Китоб-ус-Сайдана» адабиёти зиёда аз якуним ҳазор сол таърих доштаро истифода бурдааст. Дар асар номи 250 нафар муаллифон номбар ва 4500 номгӯи набототу ҳайвонот, маъдан ва хосияти онҳо тасвир шудаанд, ки 1100-тои онҳо дорои номҳои тоҷикӣ мебошанд. Дастнависи ба забони форсӣ тарҷумашудаи «Китоб-ус-Сайдана»-и ӯ дар осорхонаи Британияи Кабир (Лондон) таҳти рақами ОЧ 5849 нигоҳ дошта мешавад.

***

Хонандагон ба асарҳои нависандагони барҷастаи Фаронса Александр Дюма ва Оноре де Бальзакшиносанд. Оё медонед, ки ин бузургон  чанд асар таълиф кардаанд?

Александр Дюма 68 солу 4 моҳу 12 рӯз умр дидааст. Аз ин 8 моҳу 19 рӯз дар Россия буд. Александр Дюма 477 асар таълиф кардааст. Яке аз асарҳои ӯ«Хотираҳои ман» ном дорад, ки вай аз 22 ҷилд ва ҳар ҷилд аз 300 саҳифаи чопӣ иборат мебошад. Оноре де Бальзак бошад, қариб 100 раман ва новеллаҳои зиёд ба вуҷуд оварда буд.

***

Ҳукуматдорони подшоҳии Россия бо ҳар баҳона пеши роҳи эҷодии нависандаи бузург Л.Н.Толстойро мегирифтанд. Ӯро доим таъқиб мекарданд. Ҳоло дар архивҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ 1180 ҷузвгирҳои муҳрдори вазоратҳо, идораҳои ҷудогона маҳфузанд. Дар ин ҷузвгирҳо барои манъи асарҳои Л.Н.Толстой ҳар

гуна фармонҳо, амру дастурҳо, маълумотҳои дорои мухри махфӣ дӯхта шудаанд.

...Баъди фавти Л.Н.Толстой (7ноябри соли 1910) дар осорхонаи шахсии ӯ қариб 50 ҳазор мактуб ёфт шудаст. Мактубҳои нависанда 30 ҷилдро ташкил доданд ва ба мунтахаботи 90 ҷилдаи ӯ дохил гардиданд.

Романи «Ҷанг ва сулҳ»-и Л.Н.Толстой 559 персонаж дорад. Ҳар кадоме аз ин персонажҳо бо хислату рафтори хоси худ ба якдигар монанд нестанд. Прототипи қаҳрамони роман Василий Денисовро нависанда дар романаш бо номи Денис Давидов ҷой додаст. Денис Давидов шоир, нависандаи ҳарбӣ, иштирокчии фаъоли ҷангҳои партизании муқобили лашкари Наполеон буд.

***

Тарас Григорьевич Шевченко (соли таваллудаш 1814, фавташ 1861) 47 сол умр дид. Фаъолияти адабии ӯ хеле пурмаҳсулу бобаракат буд. Тарас Григорьевич Шевченко 1100 номгӯй асар таълиф кардааст.

***

Владимир Ивановия Дал тартибдиҳандаи луғати тавсирист. Ғайр аз ин ӯ 145 повест, маҷмӯаи ҳикояҳо, 160 маводи таърихӣ барои маҷмӯаи «Фурсати дамгирии малоҳон», 62 маводи таърихӣ барои ҳамин маҷмӯа шеърҳои зиёд навишта ва беш аз ҳазор афсонаро ба субут расондааст.

***

Нависанда Жорж Сименон 1903 дар шаҳри Льёже (Белгия) таваллуд ёфтааст. Соли 1989 дар Лозани (Шветсария) фавтид. Жорж Сименон бо номи шахсияш 218 роман, бо номҳои мустаори адабиаш (17 ном) 200 роман ва 1500 повест, ҳикояҳои ҷолиб таълиф намудааст. Жорж Сименон истеъдод, қудрати тавонои табиӣ дошт. Ӯ дар зарфи 7 - 15 рӯз ва ё то як моҳ романи саркардаашро анҷом медод. Асарҳои Жорж Сименон ба забонҳои 55 миллати 39 мамлакати олам, бо теъдоди 500 миллион нусха интишор гардидаанд. Нависанда дар бораи комиссари полис - Мегрэ 80 роман навиштааст. Романҳои Жорж Сименон хонданибоб буда,аз рӯи онҳо 52 кинофилм, 211 филми телевизионӣ ба навор гирифта шудаанд. Дар ин филмҳо 22 нафар актёрон нақши қаҳрамони романҳо-Мегреро иҷро намудаанд.

***

Англисзан Урусу Блюм дар синни 91 солагӣ фавтид.Урусу Блюм 560 роман навиштааст. Асари нахустини ӯ роман-афсона «Паланг» ном дошт ва онро нависанда соли 1990-ум дар синни ҳафтодсолагиаш нашр карда буд.

***

Романнавис ва ношир Никола Ретиф де Ля Бретони (1743-1806) муаллифи 203 роман буд. Нависанда 152-тои ин романҳоро ҳеҷ гоҳ таълиф накардааст. Лекин аз ҷониби вай ба вуҷуд овардани ҳамаи романҳояш аз ҳақиқат холӣ нест. Зеро Никола Ретиф аксари романҳояшро дар матбаа тайёр мекард. Ӯ романҳояшро рӯи коғаздар як вақт нонавишта, эҳсосоту андешаҳояшродар матбаа бо ҳуруф мечинд.

***

Нависандаи Япон Куинг-те-Бакин ба таълифи романи бисёрҷилдааш соли 1852 шурӯъ карда буд. Ӯ романро соли 1892 анҷом дод. Роман 106 ҷилдро дар бар мегирифт. Ҳар ҷилди роман ҳазор саҳифа дошт. Дар ҳар саҳифа 30 қатор сатр ва ҷамъи ҷилдҳо 3 миллиону 180 ҳазор сатр доштанд. Ҳамаи ҷилдҳои роман 32 миллион калимаро ташкил медод. Андозаи вазни романба 60 килограм мерасад.

***

Владимир Иванович Даль тартибдиҳандаи луғати тафсирии русӣ мебошад. Ғайр аз ин Даль 145 повест ва бисёр ҳикояҳо, 160 маводи таърихӣ барои маҷмӯаи «Фурсати дамгирии маллоҳон», 62 маводи таърихӣ барои маҷмӯаи «Фурсати дамгирии сарбозон», шеърҳои зиёд навиштааст ва беш аз ҳазор афсонаро ба сабт расонидааст.

***

Ақиқо ном япондухтар дар синни 16- солагиаш нобино шуд. Ӯ баъди заҳмати зиёд дар зарфи 16 сол барои қориён бо ҳуруфоти Брейли (ҳуруфоте, ки бо ангушт мутолиа мешавад) луғати англи-

сию япониро тартиб дод. Луғати Акиқо 71 ҷилд ва ҳамаи ҷилдҳо 13 ҳазор сафҳаро ташкил намуд.

***

Нависанда ва таърихшиноси Эквадор Хосе Румасо «Парусия» ном достони фалсафии манзумашро 13 сол навишта, онро соли 1886 анҷом дод. Достон аз 7 ҷилд иборат буд. Дар ҳар як ҷилд ҳазор мисраъ шеър ҷой гирифтааст.

***

Нависандаи франсавӣ РоменРоллан соли 1935 ба ИҶШС сафар карда буд. Ӯ ҳангоми дар Китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В.И.Ленин буданаш қуттиеро тӯҳфа кард. Номи онро ниҳон дошт ва хоҳиш намуд, ки тӯҳфаро баъди бист сол бикшоянд.Кормандони китобхона хоҳиши Ромен Ролланро ба ҷо оварданд. Тӯҳфаи ӯро баъди бист сол кушоданд. Тӯҳфа дастхати Ромен Роллан буда, бар ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва воқеоти то соли 1919-ро дар бар мегирифт. Ин дастхат ба махзани китобии китобхона зам шуд.

***

Дар Британияи Кабир (Лондон) иштирокчиёни ҷамъияти «Шекспирдӯстон» хабари ғалатиеро интишор сохтанд ва дар он гуфта мешуд, ки«дар ҷаҳон тахминан 800 ҳазор мухлисонеанд, ки бо мадади даромади асарҳои Шекспир зиндагӣ мекунад. Онҳо аз ин асарҳо илҳом мегиранд ва бо туфайли ин асарҳо кор мекунанд. Инҳо шекспиршиносон аз зумраи нависандагон, бастакорон, актёрон, тарҷумонҳо,ноширон ва фурӯшандагони китобҳо мебошанд.

***

Бобоюнус Худойдодзода (1870-1946) дар деҳаи Косатароши ҷамоати Садаи-Бардаи ноҳияи Балҷувони вилояти Кӯлоб таваллуд ёфтааст. Падару модари ӯ ҳофизу ҳофиза ва бадеҳагӯй буданд. Бобоюнус камол ёфт. Шоири халқӣ ва достонсарои номӣ шуд. Ӯ шеърҳои бешумореро навишта, зери оҳангҳои рангбаранги достони «Гуруғлӣ» равон мекард. Бобоюнус зиёда аз 150 ҳазор мисраъ достони «Гуруғлӣ»-и машҳурро аз ёд медонист. Ӯ ин достонро хеле бо шавқу завқ, бо оҳангҳои дилпазир месароид. Аз ин ҷиҳат шоири номвари тоҷик Мирзо Турсунзода ҳанӯз соли 1937 гуфта

буд, ки«Бобоюнус энсиклопедияи фолклори тоҷик, шоири барҷастаи бадеҳагӯ мебошад».

***

Нависандаи маъруфи Олмон Леон Фейхтвангер (1884-1958) соли 1935 менависад, ки«Нависанда Л.Ф. охирҳои садаи XIX дар шаҳри Мюнхени Бавария таваллуд ёфтааст. Пас, ба ӯ омӯзгорон аз 211 соҳаи мустақили илм дарс гуфтаанд.

Нависанда барои аз хотир берун кардани 172-тои ин соҳаҳо 19 сол кӯшиш кард. Солҳои таҳсил омӯзгорони ӯ 14203 маротиба номи Платон, 22614 маротиба номи Фридрихи бузургро такрор намуданд. Онҳо боре номи Карл Марксро нагуфтанд.

Нависанда Л.Ф. 14 сол вақти худро дар мактабҳои таълими умумӣ, донишгоҳҳои Берлин, Мюнхен гузаронд. Ӯ дар хизмати ҳарбӣ 5,5 сол, асирӣ 17 рӯз ва дар Мюнхен 11 сол буд. Боқии ҳаёт озод.

Солҳои нашъунамоёбӣ қомати нависанда Л.Ф. 1 метру 65 сантиметр, вазнаш 61 килограм, 29 дандон дошт. Чанд тои дандонҳояш ба пеш баромада. Мӯи сараш ғафсу малланамо ва ба чашмонаш айнак гирифта мегашт. Шиновари хубу раққоси ӯҳдабаро, дилбохтаи чой. Ба нӯшокиҳои шаробӣ, қаҳва ҳавас надошт. Дар ҳаёташ як бор соҳиби хона ва як бор хонаашро сахт тагурӯ гардондаанд.

Нависанда Л.Ф. шаш бор соҳиби молу мулки зиёда буд. Дар бисоташ 28 асари дастнавис, 10248 нусха китоб, 1 мошинаи сабукрав, 1 гурба, 2 сангпушт, 9 тубаки гул, 4212 адад чизу чораи дигар дошт. Ҳамаи чизу чораҳояшро гитлерчиён нест ва ғорат карданд.

Нависанда Л.Ф. як бор соҳиби зан ва як бор духтаракеро аз ғарқшавӣ раҳо дод. 11 драма навиштааст. Чаҳор романи нависанда дар Олмон бо теъдоди  527 ҳазор нусха интишор гардид.

Нависанда Л.Ф. китоби Гитлер «Муборизаи ман»-ро омӯхт. Дар вай 164 ҳазор бор вайрон кардани қоидаҳои сарфу наҳвӣ, услубиро ташхис намуд. Нависанда Л.Ф.-ро таъкиб мекарданд. Фашистон 20 асари ӯро ба таври тантанавӣ сӯзонданд ва онҳоро мардумони Олмон чун заҳр эълон намуданд».

***

«Изҳори самимии хонуми ҳамболин» ном повестро амрикозан Адели Гариссон таълиф кардааст. Адели Гариссон соли 1957 дар синни 82 солагӣ фавтида буд. Повести ӯ аз ҷиҳати интишор

дар таърих ҷои аввалро соҳиб аст. Вай бар иловаи яке аз ҳафтаномаҳои Амрико 41 сол интишор гардидааст.

***

Китоби нависанда И.Вайслингер бо унвони «Ҳақиқати муттасил» соли 1726 чоп шуда буд. Вай 618 саҳифа дошт. Аҷибаш он аст, ки 470 саҳифаи ин китобро муқаддима пур кардааст.

***

Волтер ном нависандаи хориҷӣ дар як вақт якчанд китоб менавишт. Ӯ асарҳои нонавиштаашро ном ба ном рӯи миз мегузошт ва аз чӣ сар карданашро намедонист. Бо ҳамин Волтер ба кайфияташ нигоҳ мекарду корашро давом додан мегирифт…

***

Бисёр шоирону нависандагон тахаллуси адабӣ доранд. Нахустин шахсе, ки ба тахаллус асарҳо таълиф кардааст, ин комедиографи Юнони Қадим Аристофан (қариби солҳои 450-384 пеш аз милод) мебошад. Тахминан аз чиҳил асари мазҳакавии Аристофан ёздаҳ то боқӣ мондаанд.

***

Нависандаи бузурги тоҷик Садриддин Айнӣ (1878-1954) шеъри аввалини худро соли 1895 навишта, онро «Гули Сурх» номида буд. Сипас, Садриддин Айнӣ асарҳои аҷоиберо ба мисли «Шароҳаи инқилоб», «Ғуломон», «Ҷалладони Бухоро», «Одина», «Дохунда», «Марги судхур», «Каромати Мирзодомулло», «Ёддоштҳо» ва ғайраҳо таълиф намуд.

***

Нависандаи франсавӣ Жюл Верн дар замони худ бахшида ба соҳаҳои гуногуни дониш картотека тартиб дода буд. Картотекаи Жюла Верн зиёда аз 20 ҳазор барга (карточка)-ро дар бар мегирифт. Ба ақидаи донишмандон аз ин картотека замони мо ҳам муассисаҳои илмӣ бибояд ҳасад бибаранд.

***

Ин воқеа дар Саксония рӯй дода буд. Фаъолияти нависанда Иобаста Вайсбордт омад накард. Ҳаҷвномаи ӯ ба амалдорон хуш наомад. Нависандаро ба суд доданд. Мувофиқи ҳукми суд Иобаста ба азоби сахт дучор шуд. Ӯ миёни ҷомеа чорзону зада нишаст. Саҳифаҳои ҳаҷвномаашро, ки хеле бешумор буданд, то охир хурда соф кард.

***

Васиятнома равшан набуд. Ҳеҷ кас ба кушодани лифофаҳо ҷуръат накард. Болои ҳар кадоми лифофаҳо навиштаҳо сабт буданд: «То рӯзи бистсолагии фавтам накушоед–Томас Ман». Вассалом.

Лифофаҳои Томас Манн дар архиви давлатии мактаби олии техникии Цюрих бист сол эҳтиёт шуд. Баъди ин муддат хазинадор, профессор Вислинг бо иштироки нотариус лифофаҳоро кушод. Аз чаҳор лифофаи Томас Ман 32 дафтар, китобча ва рӯзномаҳо баромаданд. Навиштаҷоти дафтарҳо ба вазъияти Мюнхени солҳои 1918-1920, навиштаҷоти рӯзномаҳо ба воқеъоти 15-уми марти соли 1933 то 29-уми майи соли 1955 дахолат доштанд. Дар ин навиштаҳо ҳукуматро ба даст овардани Гитлер, сӯзондани Рейхстаг, аз тарафи Гебельс сӯзондани китобҳои беҳтарин, бадарға ва ё нобуд кардани озодфикрону мулоҳизаҳои дигари нависандаи Олмон сабт ёфта буданд.

***

Анри Дюран ном нависандаи франсавӣ пули ҳаққи қалами гирифтаашро гум кард. Ҳодиса ба интишор сохтани асари навбатии ӯ алоқа дошт. Зеро асари охирини Анри Дюран «Аз кисабурон эҳтиёт бошед!» номдошт.

***

Нависандаи маъруфи франсавӣ Франсуа Рабле муаллифи китоби «Гаргантюа ва Пантагрюэль» мебошад. Ӯ васиятномаи аз ҳама кӯтоҳ тартиб додаст, ки матнаш чунин аст: «Ман ҳеҷ чиз надорам, қарздорам, боқимондааш аз они хешу таборон».

***

Ин ҳодиса ягона нест. Одам ба чунин қудрат ноил аст. Баъзан илҳому дониши модарзодӣ аз эҳтимол холӣ нест. Англисзан Урусу

Блюм ҳам нахустинроманашро дар синни ҳафтсолагиаш интишор сохта буд. Замони мо боз як нависандаи хаёлотнавис (фантастик) ба миён омадааст. Мегуянд, ки аз рӯи иттилооти рӯзномаҳои Британияи Кабир нависандаи хаёлотнавис Алекс Уильями англис ҳафтсола мебошад. Ӯ оид ба роботҳо роман таълиф кардааст. Романи Алекс Уильям бо таҳриру ислоҳи сарфу наҳв интишор шуда, зуд ба фурӯш рафтааст.

## ФЕҲРИСТНАВИСОН

Феҳрист тавсироти ҳастии дастхатҳо, тафсироти китобҳои чопӣ ва маводи матбуоти даврӣ аст. Феҳристҳо аз рӯи вазифаи худ мазмуни ҳар асар, ҷилдҳои давомдор ва маводи матбуоти давриро соҳа ба соҳа мураттаб месозанд. Дар феҳристҳо тарзу усулҳои таълифот на ба мисли таълифи асарҳои бадеӣ мебошанд ва дар онҳо персонажҳо дида намешаванд. Феҳристҳо тарзу қоидаҳои ҷудогонаи ба худ хос доранд. Онҳо маълумоти мухтасари ҳар китоб, материалҳои матбуоти давриро инъикос менамоянд. То садаи XVII феҳристро ба маънии ҳозира «Китобхона», «Нишондиҳанда», «Репертуар», «Каталог» меномиданд. Калимаи библиография (феҳрист) миёнаи садаи XVII шӯҳрат ёфт ва маънии луғавии вай бо лафзи юнониёни қадим «Библио - китоб», «Графо- навиштан» аст.

Замони қадим дар мавриди афзоиши номгӯи китобҳо, ба вуҷуд омадани китобхонаҳо ва барои ба низом овардани китобҳо феҳристнависӣ расм шуда буд.

Аввалин феҳристнавис олим ва шоири Юнони қадим Каллимах (солҳои 310-240 то милод) китобдори китобхонаи Искандарӣ буд. Каллимах беш аз 800 асари таърихӣ, сарфу наҳвӣ, назмӣ таълиф кардааст. Вале асарҳои ӯ ба рӯзҳои мо нарасидаанд. Онҳо аз рӯи маъхазҳо маълуманд ва баъзе порчаҳои онҳо боқӣ мондаанд. Хизматҳои бузурги Каллимах дар он аст, ки ӯ дар асоси хазинаи китоби китобхонаи Искандарӣ феҳристи китобҳои онро мураттаб сохт ва феҳристи 120 ҷилдаро ба вуҷуд овард. Каллимах дар феҳристаш на танҳо рӯйхати китобҳоро гирд овард, балки ӯ дар хусуси муаллифони ин китобҳо маълумоти равшану мукаммал дода буд.

***

Владимир Измайлович Межов (1831-1894) бисёр феҳристҳо тартиб додааст. Асарҳои ӯ «Феҳристи таърихи рус» аз II ҷилди дорои 100 ҳазор тафсироти феҳристӣ, «Адабиёти ҷуғрофӣ, ҳисобот, этнографӣ» аз 9 ҷилди дорои 85 ҳазор тафсироти феҳристӣ иборат мебошанд. Дар ҳамаи асарҳои В.И.Межов беш аз 400 ҳазор китоб, материалҳои матбуоти даврӣ тафсир шудаанд, ки ин ҷустуҷӯи бардавом, меҳнати пурмашаққати феҳриснависро талаб мекунад. Дар навбати худ яке аз асарҳои бузурги В.И.Межов «Маҷмӯаи Туркистон» мебошад, кион620 ҷилдро ташкил медиҳад. В.И.Межов 416 маҷмӯаро дар зарфи солҳои 1867-1887 тартиб додааст. Таҳияи «Маҷмӯаи Туркистон» идома дошт. Баъди фавти ӯ ҷилдҳои минбаъдаи онро Н.В.Дмитриевский ва А.А.Семенов ба субут расонидаанд. Ҷилди охирини «Маҷмӯаи Туркистон» соли 1916 анҷом ёфта буд. Ҳоло дар Китобхонаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи А.Навоӣ) 591 ҷилд ва дар Китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В.И.Ленин (ҳоло Китобхонаи давлатии ФР-и ш. Москва) 29 ҷилди он нигоҳ дошта мешаванд.

Дар «Маҷмӯаи Туркистон» асосан аз маводи матбуоти даврии тоинқилобии Туркистон истифода шудааст. Маҷмӯаи материалҳои таърихӣ, иқтисодӣ, этнографӣ, ҳаёти мадании кишвари Туркистон, аз ҷумла хонигарии Хева (Хоразм), аморати Бухоро ва мамлакатҳои Шарқи ҳамсояро дар бар мегирад.

***

Нимаи садаи XIX Михаил Дмитриевич Хмиров дар Санкт-Петербург зиндагӣ мекард. Ӯ 42 сол умр дидааст. Таърихшинос М.Д.Хмиров дар зарфи 20 сол бисёр маҷаллаю рӯзномаҳои 110-солаи Россияро ҷустуҷӯ ва харид мекунад. Пас аз онҳо материалҳои камёбу муҳимро бурида мегирад. Материалҳоро дар ҷузъгирҳо соҳа ба соҳа мураттаб месозад ва аз ҳисоби ин материалҳо 1288 албом тартиб медиҳад. Байни ин албомҳо албомҳое низ мебошанд,ки ба давраи ҳукмронии Пётри I, фаъолияти адабии А.С.Пушкин ва дигар олимон, шоирон, нависандагон, ҳаёти фарҳангиютаърихии Россия бахшида шудаанд.

Ҷустуҷӯҳо ва заҳмати М.Д.Хмиров беҳуда масраф намешуданд. Азбаски амсоли ин албомҳо дида намешуд, дар минбаъда онҳо комёбу нодир дониста шуданд.

Соли 1873 дар шаҳри Москва осорхонаи таърихӣ кушода шуд ва ин албомҳодар он ҷой гирифт. Баъдан вай ба китобхонаи мустақили давлатии таърихӣ-оммавӣ табдил ёфт, ки асоси захираи китобии онро китобҳо, албомҳои М.Д. Хмиров ташкил намуданд.

***

Номзади илми филология Абдуллоҷон Юнусов аз ибтидои соли 1959 инҷониб мудирии бахши дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири Китобхонаи миллии Тоҷикистонро ба ўҳда дорад.

Абдуллоҷон Юнусов дар ин хазина ба ҷамъоварӣ, ҳифз ва таблиғи осори ниёгон хеле ва хеле саҳмгир мебошад. Ин марди маъруф дар тўли солҳои хизмат 500 мақолоти илмию оммавӣ ва ахборӣ роҷеъ ба кори китобхона ва таблиғи китоб интишор кардааст. Солҳои мухталиф ў бештар аз 30 феҳристи калонҳаҷму хурдро ба табъ расонидааст. Инҳо қариб 35 ҳазор китобу мақолоти матбуоти давриро дар бар мегиранд. Абдуллоҷон Юнусов ҳанўз соли1965 бо ҳамкории корманди китобхонаи мазкур Р.О. Талман (марҳум) феҳристи «Рўдакӣ»-ро тартиб дода буд. Солҳои баъд феҳристҳои тартибдодаи ў, ба мисли «Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ-форсии китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ», феҳристҳои адабиёт бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти адабии Абулқосим Фирдавсӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Аҳмади Дониш ва бузургони дигар низ ба табъ расиданд.

***

Якумин осори чопии ҷаҳонӣ маҷмўаи афсонаҳои динии ҳиндуён «Алмоси Сутра» шинохта шудааст. «Алмоси Сутра» аз шаш варақ иборат буда, ба забони хитоиҳо низ тарҷума шуда буд. Онро ихтироъкори Чин Ван Чи II-уми маи соли 868-уми милодӣ дар тахтачаҳои чўбин интишор карда буд. Ван Чи рўи муқоваи «Алмоси Сутра» суратҳои буддоиҳоро сабт кардааст.

***

Маълумотҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд,ки китобҳо дар тахтачаҳои чўбин хеле инкишоф ёфта буданд. Аз ибтидои садаи XI сар карда, дар зарфи 80 сол ҳунармандони Корея «Маҷмўаи калони нигоришёфта»-ро, ки оназ 6 ҳазор ҷилд иборат буд, ба вуҷуд оварданд. Баъдтар дар Корея «Маҷмўаи муқаддаси нигоришёфтаи буддоиҳо» паҳн гардид. Барои бавуҷуд овардани ин асар қариб 80 ҳазор тахтачаи чўбинро истифода кардаанд. Ҳоло қисме аз ин асар дар ибодатхонаи буддоии Пхенян маҳфузаст. Пас кореягиҳо аз кандакориҳои чўбин ба ҳуруфрезии физилин гузаштанд.

***

Таҳқиқотчиён равшан сохтаанд, ки яке аз китобҳои аввалини бо ҳуруфоти физилин тайёршуда ба замони мо расидааст. Вай 75 сол қабл аз ихтирои Иоган Гутенберг чоп гардида буд.

***

Замонҳои қадим дар кишварҳои Осиё дар тахтачаҳои суфта сабт гардондани ҳуҷҷатҳо, номаҳо, китобҳо расм шуда буд. Боре мавриди гузаронидани ҳафриёт археологҳо аз Тӯпроққалъаи Хоразм ҳуҷҷати дарбории ҳокимро дарёфт карда буданд. Ҳуҷҷати мазкур дар тахтачаи дастадор бо навиштаҳои номаълуми қадима анҷом ёфта буд.

***

Нoff ширу арманиҳо Акоп Мегапарт соли 1512 чопи китобҳои арманиро оғоз карда буд. Акоп Мегапарт бори аввал дар Венетсия «Парзатумар» ном китоби арманиҳоро интишор сохтааст. Аз чопи ин китоб сар карда, то соли 1920 дар олам 460 чопхонаҳои арманиҳо вуҷуд доштанд.

***

Шоир ва донишманди маъруфи Украина Оғатангел Кримский (1871-1941) таҳқиқотчии адабиёти араб, форсутоҷик ва турк буд. Оғантангел Кримский осори шоирони тоҷик, аз ҷумла соли 1895 порчаҳоро аз осори Саъдии Шерозӣ, соли 1896 порчаҳоро аз достони «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва соли 1922 маҷмӯаи калонеро, ки силсилаи шеърҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ, Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саноӣ, Авҳадиддини Анварӣ, Абӯмансури Дақиқӣ ва дигаронро дар бар мегирифт, ба забони украинӣ тарҷума ва интишор намуда буд. Шогирди ӯ Е.Ребрик кори устоди худро давом дод ва соли 1931 асари Садриддин Айнӣ «Одина»-ро аз тоҷикӣ ба забони украинӣ баргардон кард.

***

Соли 1957 яке аз шумораҳои маҷаллаи «Курьер»-и ЮНЕСКО ба мавзӯи «Олами китобҳо» бахшида шуда буд. Дар ин шумора рақамҳои ҷолибе оварда шудаанд: Ҳар сол дар дунё қариб 5 миллиард китоб интишор мешавад. Агар ба ҳисоби миёна ғафсии ҳар

китоб 2 сантиметр бошад, пас китобҳои интишоршудаи ҳарсоларо дар як қатор бичинанд, андозаи дарозии ин китобҳо ба 100 ҳазор чақрим расиданаш мумкин аст.

Вале китобҳо якхела нестанд. Дар чанде мамлакатҳои ҷаҳон ҳаҷми миёнаи китобҳо муқаррар шудаанд. Масалан дар Итолиё, Монако, Шветсария китобҳо 100 саҳифагӣ, Дания 60 саҳифагӣ, Ливан ва Африқои Ҷанубӣ 51 саҳифагӣ, Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, Канада, Норвегия, Германия, Финландия 49 саҳифагӣ, Голландия 33 саҳифагӣ, Исландия 17 саҳифагӣ муйян шудааст. Мувофиқи тавсияи ЮНЕСКО асарҳои на камтар аз 48 саҳифаи чопӣ китоб номида мешаванд.

ЮНЕСКО таҳти унвони «Индекси тарҷума» китоберо таълиф кардааст. Дар саҳифаи 1181-уми ин китоб асарҳои тарҷумашудаи даҳсоли охир саддаи XX таҳлил шудаанд. Дар зарфи даҳсола ҳолати тарҷумаи китобҳо ба забонҳои гуногун чунинанд: таърихи асосии қаҳрамонони филмҳои мултипликатсионии Мукки – Маус – 284, асарҳои В.И.Ленин – 276, Агата Кристи – 262, «Таврот»-и муқаддас– 219, асрҳои баччагонаи Жюл Верн – 205, бародарон Грим – 161, Андерсен – 149, асари хуфиягии Конан Дойл «Шерлоки Холмс»– 205, асарҳои рӯҳонии калони католикҳои Рим – 198, Карл Маркс – 123, осори адабии Шекспир – 123, Л.Н. Толстой – 98, Диккенс– 78, Балзак – 70, Хемингуэй – 64, Маркес – 62, М.Горкий– 50 маротиба тарҷума шудаанд.

***

Асарҳои В.И.Ленин 11500 номгӯйро дар бар мегиранд. Ин асарҳо солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ (1918-1984) 17052 маротиба ба 125 забони мардумони ИҶШС ва хориҷӣ бо адади 653 миллион нусха ва асари ҷудогонаи ӯ «Як қадам ба пеш, ду қадам ба ақиб» 171 маротиба бо адади 10 миллион нусха интишор шудаанд.

***

Мувофиқи маълумотҳои моҳи январи соли 1989-и Палатаи Умумииттифоқии китобҳо дар давраи Ҳокимияти Шӯравӣ асарҳои Александр Сергеевич Пушкин 3205 маротиба бо адади умумии 407 миллиону 259 ҳазор нусха, ба 107 забони мардумони ИҶШС ва хориҷа интишор шудаанд.

***

Қаблан дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соле бо теъдоди 2 миллиарду 500 миллион нусха китобҳо интишор мешуданд. Аз соли 1988 сар карда ин рақамҳо пайваста паст шудан гирифтанд. Соли 1989 дар мамлакат бо теъдоди 2 миллиарду 200 миллион ва соли 1990 бо теъдоди 2 миллиард нусха китоб интишор гардид.

***

Ин муассиса аз ҳамаи он муассисае, ки ба захираи китоб, хизматрасонии китобхонон, хариду фурӯши китоб дахлдоранд, фарқ мекунад. Вай китобхона, анбор ва мағозаи савдои китоб нест, валедар захираи китобии худ ҳамаи нусхаҳои чопӣ-китоб, брошюра, дастурҳои библиографӣ, корҳои таҳқиқотӣ, маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, варақаҳои суратдор, лавҳаҳо, даъватномаҳо ва амсоли онҳоро, ки дар матбааҳо чоп мешаванд, барои абад нигоҳ медорад. Ин муассисаро Палатаи китобҳо меноманд.

Бо мақсади эҳёи библиографияи давлатӣ ва нигаҳдории маҳсулоти чопии ҷумҳурӣ моҳи октябри соли 1935 бо қарордоди Шӯрои Комиссарони халқии ҶШС Тоҷикистон Палатаи давлатии китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта буд. Дар ибтидо ба ин қасри навбунёди китобҳо аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон 900 нусха китоб, солонаи маҷаллаҳо, рӯзномаҳоро оварданд, кионҳо ба таҳкурсии маҳсулоти чопии палата асосгузошт.

Палатаи давлатии китобҳои ҷумҳурӣ минбаъд бо хазинаи бузурги тоҷикон табдил ёфт. Дар даврони ИҶШС зиёда аз 12,5 ҳазор нусха маҳсулоти чопӣ хазинаи палатаи китобҳоро ғанӣ мегардонд ва аз соли 1922 инҷониб дар ин хазина беш аз 2,5 миллион нусха маҳсулоти чопӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Онмаҳсулоти чопие, ки дар матбааҳои ҷумҳурӣ интишор мешавад, як нусхагӣ ба тариқи ройгонба палатаи китобҳо дохил мегардид. Дар ин ҷо нашрияҳои чопии солҳои аввал бо ҳуруфоти арабӣ, рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик»низ нигоҳ дошта мешаванд.

## ФАСЛИ 3. НАШРИЯҲОИ ЧОПӢ (ТАҚВИМҲО, АТЛАСҲОИ ҶУҒРОФӢ ВА РӮЗНОМАЮ МАҶАЛЛАҲОИ КӮҲАН)

### НАШРИЯҲОИ ЧОПӢ

Китоб мӯъҷизаи бузурги тарбия ва тараққиёти ҷамъият аст. Китоб тафаккур, дониш, образу ғояҳои олии инсониро аз насл ба насл мебарад. Одамон маҳз бо қироати китоб ғояҳои пешқадам, ба мисли инсондӯстӣ, дӯстии халқҳоро аз худ мекунанд ва шуурнокии ахлоқию маънави онҳоро инкишоф медиҳанд.

Нашри чопӣ дар сурати ба вуҷуд омадани китобҳо, афзоиши талаботи одамон ба китоб, сабук кардани азияти нусхабардории дастӣ, чопи бештари нусхаҳо, фароҳам омадани шароити мусоиди чопӣ -  пайдоиши коғаз бевосита алоқаманд аст.

Садаи VI-уми милодӣ дар Хитой бори нахуст матни китоб ва суратҳои онро дар тахтачӯб кандакорӣ кардаанд ва пас матн, суратҳоро рӯи коғаз гузарондаанд.

Пас, садаи У111дар Хитой чоп кардани китобҳо бо усули ксилографӣ шурӯъмешавад. Соли 1050-ум пешавари дигари Чин (Хитой) Би Шен аз тахтачаҳои сафолин асбоби ҳуруфчиниро ихтироъ карда буд. Садаи XIII дар Хитой ба ихтирои қолибчаҳои чопкунии физилин мегузаранд ва соли 1392 кореягиҳо дар қолибчаҳои физилин гузаронидани матни китобҳоро низ аз худ карданд.

Солҳои 1400-1445 ихтироъкори олмонӣ (Германия) Иоган Гутенберг (1400-1468) қолибҳои фузулини мутаҳаррики чопкуниро ихтироъ намуд. Иоган Гутенберг варақа ва брошюраҳои чудогонаро навбати аввал дар дастгоҳаш чоп мекард ва пас ӯ ба чопи китоби «Таврот»-и калон мегузарад. Ӯ дар дастгоҳаш чопи «Таврот»-ро се солидома медиҳадва ниҳоят онро соли 1451 ба итмом мерасонад.

Ҳамин буд ихтирои дастгоҳҳои аввал ва ҳамин буд шаклу усулҳои чопӣ, ки баъдтар дар Аврупо паҳн гардид. Китобчопкунӣ соли1468 дар Чехославакия ва Швецария, солҳои 1470 дар Фаронса, 1473 дар Венгрия, 1474 дар Испания, 1476 дар Полша ба вуҷуд омадааст. Китобҳои чопии аввалинро, ки то соли 1501 чоп шудаанд, инкунабула меноманд. Инкунабула ба маънои лотиниаш гаҳвораи солҳои кудакӣ номида мешавад. Китобҳои аввалини чопӣ чандон ба рӯзҳои мо нарасидаанд. Баъзеи онҳо,ба монанди«Ахбороти Нюнбергии олам», «Алқонун»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Таврот» ва чанде китобҳои дигаре, ки дар дастгоҳи чопии Иоган  Гутенберг чоп шудаанд, ба мо маълуманд.

Дар натиҷаи ба вуҷуд омадани дастгоҳҳои озмудашудаи китобчопкунӣ пайдоиши чопхонаҳои нав авҷ гирифтанд ва то охири садаи XV дар 246 нуқтаи аҳолинишину шаҳрҳои Аврупо зиёда аз 1000 чопхона ба кор даромаданд, ки баъзеи ин чопхонаҳо то 24 дастгоҳи китобчопкунӣ доштанд.

Китобчопкунӣ дар Россия ба мобайнҳои садаи XVI рост меояд. Тахминан соли 1553 дар Москва чопхонаи аввалин ба кор шурӯъ карда буд. Ин чопхона китоби «Инҷил»-ро аз чоп баровард ва баъди 12 сол дар натиҷаи сӯхтор корхона барҳам хурд. Пас боамри Ивани XV дар шаҳри Москва чопхонаи дигаре кушода мешавад. Ҳоло дар назди он биное, ки чопхона ҷой мегирифт, ҳайкали нoшири якуми рус Иван Федоров гузошта шудааст. Дар ҳамин

чопхона Иван Федоров ба ёрдамчии худ Петр Мстиславес 1-уми апрели соли 1563 ба чиндани ҳуруфи китоби «Апостол» сар карда буд. «Апостол» баъди як сол–якуми марти соли 1564 пурра аз чоп баромад. Ин нашрия намунаи аввалини санъати китобчопкунии рус ба шумор меравад. Санъати чопи «Апостол» нисбат ба чопи дигар китобҳои пешина,номи ноширон ва соли чопашон номаълум, фарқи калон дошт. «Апостол» бо ҷӯшаҳои сурху ранги сиёҳ дар қоғази хушсифат интишор ёфта, бо нақшунигори хуб саҳҳофӣ шудааст.

Минбаъд дар давлати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ барои вусъат додани нашри чопӣ диққати ҷиддӣ дода шуд. Чопхонаҳои пуриқтидор ба вуҷуд омаданд ва онҳо бо дастгоҳҳои серҳаракати чопкунӣ таҷҳизонида шуданд.

Шумораи нашрияҳо аз рӯи ададИ номгӯйи китобҳо ин тавр мебошад:

Садаи XVI – 50
Садаи XVII – 1000
Садаи XVIII– 15000

Садаи XIX ва саршавии садаи XX-500000. Соли аввали ташкилёбии Ҳокимияти Шӯравӣ дар мамлакат 7 ҳазор номгӯй китобу брошюраҳо бо адади қариб 70 миллион нусха интишор гардида буд. Дар зарфи то соли 1987 дар ИҶШС зиёда аз 65,6 миллиард нусха китобу брошюраҳо бо 165 забон, аз ҷумла 92 забони мамлакатҳои хориҷӣ интишор шуданд.

Дар ҳамон давра дар ИҶШС зиёда аз 219 нашриёт кор мекард. Ин нашриётҳо соле 80 миллион номгӯй китобу брошюраҳоро бо адади 2,5 – 2,8 миллиард нусха интишор менамуданд.

Вазъияти китобчопкунӣ дар Туркистони пешазинқилобӣ хеле вазнин буд. Дар ин кишвар нашри чопӣ нисбат ба дигар мамлакатҳо дер суратгирифтааст.Соли 1868 дар Тошканд аввалин чопхона кушода шуд, ки асбобу анҷоми онро аз маркази Россия овардa буданд. Дар ин чопхона нахустин китоби олими ҳайвонотшинос Н.А.Северцев интишор шуда буд, ки он «Хотираҳо оиди кишвари кӯҳпора» ном дошт.

Охирҳои соли 1870 дар шаҳри Хева (Хоразм) чопхонаи тарзи литографӣ (чопи сангӣ) ба кор шурӯъ кард. Дар ин чопхона аввалин маротиба асарҳои Алишери Навоӣ «Хамса», Муниси Хоразмӣ «Девони Мунис» ва «Девони Розӣ» чоп шуданд. Солҳои баъдина дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Қуқанд чопхонаҳо кушода шуданд ва нашриёти давлатии Осиёи Миёна ташкил ёфт. Баъдтар ин нашриёт, яъне соли 1924 ба забонҳои ӯзбекӣ бо адади 296 ҳа-

зор, қазоқӣ 104 ҳазор, туркманӣ 29 ҳазор, тоҷикӣ 9 ҳазор, қирғизӣ 8 ҳазор нусха китобҳоро интишор намуд.

Дар Тоҷикистон ҳамин солҳо чопхона вуҷуд надошт ва аз ҳамин сабаб китобҳои тоҷикӣ дар Самарқанд, Санкт-Петербург, Бухоро ва Қазон чоп мешуданд.

Аввалин дастгоҳи чопиро Абулқосим Лоҳутӣ бо ароба соли 1924 аз Самарқанд ба Душанбе овард ва ҳамроҳи аробакаш онро аз лой бароварданд.

Моҳи октябри соли 1925 «Нашриёти давлати Тоҷикистон» ташкил мешавад. Ин нашриёт солҳои 1925-1926 аз 35 ҷузъи чопӣ, 8 номгӯй иборат китобҳоро интишор карда буд. Соли 1980 фақат нашниёти «Ирфон», «Маориф» ва «Дониш» 590 номгӯи китобро бо теъдоди 4 миллион нусха ва аз рӯи баъзе маълумотҳои соли 2007 нашриётхои «Адиб», «Ирфон» , «Маориф ва фарҳанг» ва ҶС «Матбуот», СИЭМТ 237 номгӯи китобҳоро бо теъдоди 1млн. 87 ҳазор нусха интишор карданд…

## ТАҚВИМИ РӮЗҲОИ ТАЪРИХӢ

Инро ҳафриётҳо собит кардаанд. Одамон дар мавзеи Ачинскии Сибир 18 ҳазор сол қабл, дар мавзеи Гонсии Украина 12-17 ҳазор сол қабл, наздикии баҳри миёназамин 9-10 ҳазор сол қабл аз тақвими рӯзҳои таърихӣ истифода бурдаанд. Тақвимҳои номбурда ба ҳаракати моҳ ва офтоб  мансуб буданд.

***

Боре археологи Булғор Стефан Чохаджиев дар маҳалли Слатини Кюстендия ҳафриёти археологӣ мегузоранд. Он ҷо ӯ асбоби сафолини ба уту монандро пайдо кард. Дар танаи бозёфт навиштаҳои рах-рахи азҳамҷудо мушоҳида шуд. Маълум гардид, ки бозёфт таърихи ҳафтҳазорсола доштааст. Дар вай аломатҳои ҳаракати 360 рӯзу дувоздаҳ моҳ сабт шуда буд.

***

Тақвими рӯзҳои таърихии мардумони Рум ҳам маълум аст. Вай ба соли 354-уми милодӣ таалуқ дорад.

***

Дар Россия аввалин тақвими рӯзҳои таърихӣ соли 1709 чоп ва дастраси умум гардида буд.

## АТЛАСҲОИ ҶУҒРОФӢ

Дар осорхонаи Британияи Кабир (Лондон) атласи подшоҳ Карли 2 маҳфуз аст. Андозаи вай 176х97 сантиметр буда, зебу зинати аҷоиб дорад. Барои тайёр кардани муқоваи он пӯст, чити гулдор, сангҳои қиматбаҳо, нуқра, устухони фил истифода шудаанд.

Аввалин харитаи ҷуғрофӣ соли 2500-уми пеш аз милод тартиб дода шуда буд. Онро харитакашҳои дунёи қадим аз лой сохта буданд. Ҳоло ин харитаи кӯҳан дар осорхонаи Стамбул (Туркия) нигоҳ дошта мешавад.

***

Дар китобхонаи давлатии Берлин (Олмон) атласи «Курфюристаи бузург» нигоҳ дошта мешавад. Атласи мазкур 300 сол қабл тартиб дода шуда буд. Андозаи баландии он 2 метру 70 сантиметр, бараш 1 метру 70 сантиметр ва вазнаш 125 килограм мебошад. Атласро ҳокими мулкдори Бранденбург Фридрих Вильгельм ба ҳоким Насусский Иоган Марис тӯҳфа карда буд.

***

Якумин харитаи моҳро 350 сол қабл Галлилео Галлилей тартиб дода буд. Ӯ барои мушоҳидакорӣ телескопии оддитаринро истифода бурдааст ва тавассути он ӯдар рӯи харита якчанд минтақаи олами ҳастии моҳро қайд карда тавонист. Ҳоло дар атласи нави тарафи дигари моҳ қариб 500 ном қайд шудаанд.

***

Дар китобхонаи кишваршиносии Ростови лаби-Дон атласи нодире нигоҳ дошта мешавад. Ин атлас аз рӯи лоиҳаи Петри I ба сохтмони наҳри байни дарёҳои Волга ва Дон бахшида шудааст.

Аввалин атласи ҷуғрофии генералии империяи умумироссиягиро ҷуғрофишинос ва харитакаш Иван Кирилов тартиб дода буд. Ин атлас соли 1734 интишор гардидааст.

***

Ноширони матбааи «Росток»-и Олмон ғайринашри китобҳои муқаррарӣ ба интишор намудани китобҳои кӯчак мароқ зоҳир на-

мудаанд. Онҳо чанд сол қабл силсилаи китобҳои кӯчаки ҷуғрофиро интишор карда буданд. Ноширони матбаа «Атласи ҷаҳонӣ»-ро моҳирона ва бо сифати оростаи саҳҳофӣ ба табъ расондаанд. «Атласи ҷаҳонӣ» 26 харитаи ранга дорад ваандозааш ба 7х6,8 сантиметр баробар аст.

## РӮЗНОМАЮ МАҶАЛЛАҲОИ КӮҲАН

Садаи I-уми пеш аз милод императиори Рим Юлий Сезар фармуд, ки илоҷи эълон кардани ҳуҷҷатҳои сенатро ҷустуҷӯ бикунанд. Амри Юлий Сезар сабаб шуд, киихтироъкорон рӯйи тахта гулганҷ молиданд ва дар он сабти ҳуҷҷатҳои сенатро қарор доданд. Боин усул ҳуҷҷатҳои сенат эълон шуданд. Ин рӯзномаи аввалин ба шумор мерафт.

***

Калимаи «Газета» бори нахуст дар Венетсия (Итолиё) ба вуҷуд омадааст. Бо лафзи итолиёӣ «Газета» номи тангачаи хӯрдакак мебошад. Дар Итолиё газета бори аввал дар варақҳои кӯчак интишор мегардид. Одамон ин варақҳоро бо тангачаҳо мехариданд. Пас варақҳои ҳаррӯза бо унвони тангача «Газета» паҳн гардид.

***

Газетаҳо дар Олмон бо унвони «Авизо» ва «Релясион» (1609), дар Белгия бо унвони «Ньюве тийдиген» (1605) ва дар Фаронса«Ла газетта» интишор ёфта, бо тангачаҳо харида мешуданд.

***

Дар Рассия рӯзномаи аввалинро «Куранты» меномиданд. Рӯзномаи «Куранты» то садаи XVII дар варақҳои дароз-дароз дастнавис мешуд. Давраи ҳукумронии Петри I якумин рӯзномаи чопии Россия соли 1709 бо унвони «Ведомости» аз 200 то 4000 нусха интишор мегардид.

Дар Россияи подшоҳӣ ҳамагӣ 856 рӯзнома интишор мешуд. Аз рӯи маълумотҳои соли 1989 дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шумораи рӯзномаю маҷаллаҳо ба 10 ҳазор номгӯй расида буданд.

***

Замони ҳукумронии Вильгельм (Олмон) рӯзномаи императорӣ дар ҳаҷми 10 нусха ба табъ расида, танҳо дастраси аъзоёни император мегардид. Рӯзномаи императорӣ ахбороти охирини ҷаҳониро, ки ҳамон рӯз бо мадади телеграфи махсус гирифта мешуд, зуд дар сафҳаи худ ҷой медод.

***

Таърихи журналистикаи Перу ба воқеоти аҷибе алоқаманд аст. «Ориенте» ном рӯзномаи ин давлат дар шаҳри Пуэрто Макдональдо ҳафтае ду маротиба интишор меёфт. Соли 1915 рӯзнома қоғази муносиб наёфт. Ҳамин сабаб шуду кормандони рӯзнома баяк қарор омаданд ва рӯзномаро дар матои абрешимин интишор намуданд.

***

Қувваҳои опозитсионии Чили, ки зидди диктатураи хунта мубориза мебурданд, рӯзномаи ҳармоҳаи «Резистенсиа демократика»-ро чоп ва паҳн менамуданд.Рӯзнома 20 саҳифа дошт. Андозаи ин саҳифаҳо ба 3х4,5 сантиметр баробар буданд. Рӯзномаи мазкурро дар қуттии гугирд ҷой додан мумкин буд.

***

Боре рӯзномаи англисии «Обсервер»номаи ғалатӣ гирифт. Муаллифи нома изҳор медошт, ки«Ҷанобон! Хабари дар рӯзномаатон дарҷёфта маро ба ваҷд овард. Гап дар болои песаи ҷаноби Самуэл Бекетти «Нафасгирӣ» меравад. Песаи олиҷаноб. 30сония давом мекардааст. Ягон иштироккунанда ва диалогнадоштааст. Хабарро қироат кардам. Илҳомам рӯ зад. Зуд рангу борро ба тоб овардам. Ба даст мӯқалам гирифтам. Сурат кашидам. Ба сурати кашидаам ҳоҷати чорчӯба нашуд. Сурати кашидаам «Шамол» ном дорад. Узр мехоҳам. Андозаи сурати кашидаам ҳамагӣ 50 миллиметр аст.

***

Маҷаллаи аввалини чопӣ– маҷаллаи адабӣ-академии Шведсия мебошад варақамаш соли 1645 интишор шуда буд.

***

Маҷаллаи аввалини Россия бо унвони «Комментарии Санк-Петербургской Императорской Академии наук» соли 1728 интишор гардида буд.

***

Аввалин маҷаллаи русӣ барои баччагон соли 1785 пайдо шудааст ваонро «Детские чтение для сердца и разума» меномиданд.

* * *

Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ бо ҳуруфи форсӣ таҳти унвони «Бухорои шариф» соли 1911 дар шаҳри Бухоро ба табъ расидааст.

Рӯзномаҳои тоҷикии дигар бо унвонҳои «Шӯълаи инқилоб» (1919), «Овози тоҷик» (1927) ва «Роҳбари дониш» (1928) бо ҳуруфи форсӣ дар шаҳри Самарқанд интишор шудаанд ва онҳо имрӯз дар шӯъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири Китобхонаи миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.

## Ф А С Л И 4. КИТОБХОНАҲО – САРВАТИ БУЗУРГИ МАЪНАВӢ

### САРВАТИ БУЗУРГИ МАЪНАВӢ

Китобхонаҳо сарвати бузурги фарҳангию маърифатӣ, илмию хизматрасонӣ мебошанд. Онҳо дар захираҳои худ ҳазорҳо, миллионҳо нашрияҳои чопӣ, дастхатҳои қадимаро оид ба ҳамаи соҳаҳо нигоҳ медоранд ва барои истифодаи одамон онҳоро омода месозанд.

Владимир Ильич Ленин тадбирҳои ба омма дастрас намудани китоб, вусъат додани кори китобхонаҳоро зарур ва ба мавридмедонист. «Владимир Ильич, -менависадАнатолий Луначарский, - ба китоб… аҳамияти калон медод. Ӯ аз рӯзҳои аввалини инқилоб ба масъалаи китобхонаҳо низ диққатиҷиддӣ медод. Баъди гирифтани Қасри зимистонӣ (Бошишгоҳи ҳукумати муқувватии буржуазӣ) шаби дуввум, тахминан соатҳои 4 ё 5, баъд аз он ки маро ба вазифаи комиссари маориф таъин карданд, ӯмаро ба канор бурда гуфт:Ба китобхонаҳо ман диққати махсус медиҳам. Шумо бояд болои ин масъала кор бикунед, ба китобхонаҳо диққат бидиҳед… Китобхонашиносонро даъват намоед… Китобро зуд дастраси омма гардонидан лозим».

Владимир Ильич Ленин китобхонаҳоро ҳамчун муассисаҳои бузурги мардумию ҷамъиятӣ медонист. Зиёда аз 270 мақола, маъ-

рӯзаю нутқҳо, мактубу телеграммаҳо, қайдҳою ислоҳоти ба лоиҳа-ҳои кори китобхонаҳо бахшидаи ӯбарномаи бузург аст.

Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар мамлакати Шӯроҳобарномаи ленинии тараққиёти китобхонаҳо амалӣ гардид. Маҷмӯю доираи кори онҳо инкишоф ёфт. Агар соли 1914 дар Россия подшоҳӣ 14 ҳазор китобхонаҳои дорои 9 миллион китоб мавҷуд бошад, пас баъди инқилоби Октябр дар мамлакат шумораи китобхонаҳо (1987) ба 329 ҳазор, адади захираи онҳо ба 4, 7 миллиард нусха китоб расид.

***

Китобхонаҳо бо мисли китобҳои қадима таърихи тулонии аҷоибу ғароиб доранд…

Миёнаҳои садаи гузашта ба сарварии археологи англис О.Лэйярд пойтахти Ассирияи қадим-Ниневия (соҳили дарёи Даҷла) ҳафриёти археологӣ гузашт. Дар ин ҷо археологҳо китобхонаи дорои 22 ҳазор китобро дарёфт карданд. Инҳо китобҳое, ки бо хатти мехӣ дар тахтачаҳои сафолин таълиф ёфта буданд. Баландию бари ин тахтачаҳо 32х 32 сантиметр ва ҳар кадом 2,5 сантиметрӣ ғафсӣ дошт. Маълум гашт, ки китобҳои сафолин 2600 сол зери ҳуҷраҳои валангор хоб будаанд. Таҳқиқотҳои саҳеҳ собит карданд, ки қисме аз китобҳо таърихи панҷҳазора доранд. Байни онҳо китоби «Таърихи подшоҳии Ашшурбанипал» ва достони нодири ҷаҳонии«Достони манзум дар бораи Гилгамеш» мавҷуд буданд. Китобхонаи Ниневия ба давраи подшоҳии Ашшурбанипал (2600 сол қабл) нисбат дода шудааст.

***

Нимраҳаи байни шаҳродон Халеб ва Хома (Сурия) вайрона-ҳои маркази тиҷоратию сиёсии Эблииқадим воқеъ гардидааст. Ҳангоми кофтуков археологҳо аз вайронаҳои Эбл китобхонаи до-рои 15 ҳазор китобро дарёфт карданд. Ин китобҳо ҳам дар тахта-чаҳои сафолин бо хатти мехӣ таълиф шудаанд. Таҳқиқотчиён пай-доиши китобхонаи Эблро ба 4200 сол таалluқ донистаанд.

***

Дар қисми Шимолии Сурия (сарзамини Туркия) хетҳо зинда-гонӣ мекарданд. Ҳазорсолаҳо боз аз ному нишони хетҳо дарак набуд. Соли 1907 олими олмонӣ Г.Винклер дар сурати гузарони-дани ҳафриёти археологии мавзеи Богазке (аз Анкара 145 чақрим)

китобхонаи хетҳоро пайдо карда буд. Дар ин ҷо зери валангорҳо 10 ҳазор китоб ёфт шуд. Китобҳо дар тахтачаҳои сафолин бо хатти мехӣ таълиф ёфта буданд. Вале дар ин ҷо кори ҷустуҷӯ анҷом наёфт. Ҳафриёти археологӣ давом кард. Баъди даҳсолаҳои минбаъда аз харобаҳои Богазке боз 6 ҳазор китобҳои сафолин ёфт шуданд. Таҳқиқотҳо муайян карданд, ки садаи XII пеш аз милод пойтахти давлати хетҳо дар натиҷаи сухтор батамом нобуд шуда буд ва номи бисёр муаллифону китобҳои ёфтшударо онҳо муайян намуданд. Яке аз китобҳои ин китобхона «Дастуруламали аспарварӣ» ном дошта, аз 1000 сатр иборат мебошад. Санаи таълифоти вай қаблан 1400 соласт.

***

Чандин солҳо пеш бостоншиносон қасри Фиръавн (Миср)-ро ҷустуҷӯ карда буданд. Онҳо дар гӯшае тахтасангеро диданд,ки дар болои вай навиштаҷоти «Дорухонаи ҳаёт» сабт ёфта буд. Бостоншиносон тахтасангро бардоштанд. Ковокие падид омад. Онҳо оташдасте афрӯхтанд. Дохили ковокӣшуданд. Дар он ҷо паси ҳам ҳуҷраҳои пур аз равоқҳои китоб мушоҳида шуд. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки «Дорухонаи ҳаёт» ба давраи Рамаеси II мутааллиқ буда, 3000 сол пеш созмон ёфтааст. Навиштаҳои болои санг бесабаб набуданд. Мисриёни қадим китобхонаро на камтар аз дорӯ шифобахш медонистанд.

***

Соли 47-уми пеш аз милодва 273-уми милодӣ китобхонаи Искандарӣ (Мисри Араб) дар натиҷаи задухурдҳоибеамон сӯзонда шуд ва баъдан барқарор гардид. Соли 415 бошад китобхонаро руҳониёни насронӣ батамом нест карданд ва ҳоҷати барқарор гардонидани он намонд. Лӯлакитобҳои вайро тӯли шаш моҳ дар чаҳор ҳазор танӯри ҳаммомҳои шаҳр барқарор карданд.

***

Пергам солҳои 284-133 пеш аз милод ҳамчун давлати мустақил 150 сол вуҷуд дошт. Замони подшоҳии Евмани IIПергам аз ҳар ҷиҳат ба дараҷаи баланд нашъунамо ёфта буд. Дар шаҳри Пергам китобхонаи бузург вуҷуд дошт. Захираи китобии вай асосан дар «Пергамент» (пӯсти гову гӯсола, меш) таълиф ёфта буданд. Пас императори Рим Марк Антони ба китобхонаи мазкур соҳиб шуд ва онро ба Рим кӯчонд. Баъдтар - соли 31-уми пеш аз

милод император осори нодири мардумони Пергамро ба маликаи Миср Клеопатра тӯҳфа мекунад. Дар натиҷа аз 200 ҳазор лулакитоби китобхонаи Пергам нишоне боқӣ намонд.

***

Садаи I-уми пеш аз милод дар назди ибодатхонаҳои Рими қадим кушодани китобхонаҳо анъана шуда буд. То садаи V-уми милодӣ шумораи онҳо ба 30 адад расиданд. Аммо ин китобхонаҳо фақат ба доираи маҳдуди хизматрасонии бошандагони ибодатхонаҳо ва ғуломдорони донишманд сару кор доштанд.

***

Китобхонаи Институти дастхатҳои қадимаи Матенадаран (Ереван) ба номи Месроп Маштос садаи V-уми милодӣ ташкил ёфтааст. Дар ин китобхона 17 ҳазор дастхати қадима ва 100 ҳазор ҳуҷҷатҳои бойгонӣ (архивӣ) гирд оварда шудаанд. Аз ҷумла 11 ҳазораш дастхатҳои арманӣ мебошанд. Дар захираи китобхона асарҳои олимон, таърихшиносон, солноманависони садаи V-уми милодӣ арман-Корюн, Лазар Парбесы, Егише, Мовсес Хоренасы, Агафонгель,Фавстос Бузанд, тарҷумаи «Воқеанома», «Таърихи калисо»-и муаррихи юнонӣ Евсевий Кесарийский (264-340), ки қадимтарин осори тарҷумавӣ мебошанд,низ маҳфузанд. «Таърихи калисо» солҳои 416- 420 аз суриёнӣ ва баъдтар «Воқеанома» аз юнонӣ ба арманӣ тарҷима шуда буданд.

***

Китобхонаи амири Бухоро Нӯҳ ибниМансур бузургтарин китобхонаи замони худ буд. Захираи китобии вайро дар зарфи 200 сол ҷамъ оварда буданд. Дастхатҳои китобхона ба давраҳои хеле қадим тааллуқ доранд. Вале соли 999-уми милодӣ қарахониҳо ба Бухоро ҳуҷум оварданд ва шаҳрро хароб карданд. Китобхонаи амир Нӯҳ ибни Мансурро низ пурра сӯзонданд.

***

Мегуянд, ки Муғул чун оҳанги Бағдод кард,нахуст дар сари роҳаш китобхонаи нафиси Исмоилиёнро барбод додва онгоҳ дар Бағдодкитобхонаи хулафои аббосиро тороҷ кард ва китобҳоро

даста-даста ба Даҷла ба ҳадде рехт, ки садде дар миёни об ба вуҷуд омад.

***

Ин воқеа ибтидои садаи XX дар резишгоҳи дарёи Арис–Сирдарё ба вуқуъ омада буд. Он рӯз дар онҷо рамаи чӯпони қазоқ Нурмагамбет мечарид. Саг аккосзанон ва бо шиддат дар пастхамии хомаҳо ба ҷондоре дарафтод. Онҷо ӯ сурохиеро бидид ва ҳис кард, ки саг пушти ҷондоре ба сурохӣ даромадааст ва аз онҷо дур нарафт. Баъди чанд муддате сари хоколуди саги чӯпонӣ намудор шуд. Саг хаш-хашзанону нолон китоби чарминеро бадар овард. Ҳамин тариқ китоби чармин солҳои зиёде дар дасти Нурмагамбет монд ва баъдтар мавриди кӯчокӯч китоб нобуд шуд.

Гап бар болои шаҳри Утрори қадима меравад. Китоби чармин ҳам аз ҳаминҷо ба даст омадааст.

… Ҳанӯз соли 1903 археологи маъруфи рус А.Черкасов дар Утрори қадим ҳафриёти археологӣ гузаронда буд. Ӯ аз рӯи маҳазҳо муқаррар карда буд, ки охирҳои садаи XII китобдори китобхонаи Утрор аз авлоди Сунак Ҳисомиддин дар рӯзҳои муҳосираи Утрор китобҳоро дар ҷои эътимоднок пинҳон доштааст. Аммо он солҳо экспедисияи хурди археологии А.Черкасов китобхонаи Утрори қадимро ёфта натавонист. Археологҳо аз Утрор фақат тиру туфанг,пораҳои шамшер, сару либоси ҷангӣ пайдо карда буданд.

… Утрори қадимӣ наздикии резишгоҳи дарёи Арис -дар Сирдарё садаи I-уми милодӣ бунёд ёфта, вай ба ҳайати давлати Хоразм дохил мегардид. Утрор маркази калони тиҷоратӣ буд ва китобхонаи азиме дошт. Соли 1219 урдуи Чингизхон Утрорро ба хок яксон кард. Дертар харобаҳои Утрорро регзори Сирдарё покиза пӯшонд.

***

Садаи X-уми милодӣ аз бисёр кишварҳо донишмандон ба пойтахти Мовароуннахр–Бухорои Шариф меомаданд. Он давра Бухоро ба маркази илму тамаддун табдил ёфта буд. Шаҳрҳои Самарқанд, Марв, Урганҷ, Фарғона ваБалх ҳам хеле пешқадам буданд. Садаҳои X-XIII дар ин шаҳрҳо китобхонаҳои дарбории назди мадрасагӣ вуҷуд доштанд. Баъдтар урдуи Чингизхон, феодалҳои ҷоҳил китобхонаҳои ин шаҳрҳо, аз ҷумла китобхонаҳои масҷиди ҷомеи Азиззиё, мадрасаи Маъруф-ул-Мулк, хобгоҳи дарвешони шаҳри Марвро нест карданд.

***

Муаррих Насавӣ оиди китобхонаи хоразмиён ривоят менамояд, ки«Садаи XIII сардори хоҷагии қасри Урганҷ (пойтахти Хоразм) Шаҳобиддини Хевагӣ аз ҳисоби худ китобхонаи калоне сознон дода буд, ки ин гуна китобхона ҳеҷ гоҳ дида нашудааст».

***

Нимаи дуввуми садаи XV дар шаҳри Ҳирот китобхонаи дарбории писари Амир Темур–Шоҳрух шӯҳрати калон дошт. Ба ин ҷо барои аз китобҳо баҳрабардорӣ кардан илмҷӯён аз кишварҳои Эрону Мовароуннаҳр меомаданд. Дар ҳузури китобхона чиҳил нафар хаттотон, наққошон ва саҳҳофони моҳир ба нусхабардориидастхатҳо, нақшу нигорбандӣ васаҳҳофӣ машғул буданд.

***

Ҳаёти фарҳангии шаҳри Самарқанд дар давраи ҳукмронии Мирзо Улуғбек (1409-1449) нашъунамо ёфта буд. Мирзо Улуғбек перомуни худ донишмандону ҳунармандони номиро гирд оварда, ба равнақи илм, адабиёту санъат,бунёди расадхона, китобхона ва дигар иншоотҳо ҳиссагузорӣ мекард.

Аз рӯи иттилои маъхазҳо дар Самарқанд китобхонаи мӯҳташами дарборӣ вуҷуд доштааст. Дар ин китобхона асарҳои Платон, Птоломей, Аристотел, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ва китобҳои дигар соҳаҳои дониш мавҷуд будааст.

27-уми октябри соли 1449 Мирзо Улуғбек бо кирдори писари ҷафокораш Абдулатиф аз дасти Аббос ном шахсмақтул шуд. Ҳамон рӯзи фоҷиа буд, кикитобхонаи дарбории Мирзо Улуғбек ғайб зад. Ҳеч кас сиру асрори онро надонист. То ҳанӯз олимон, муаррихони самарқандӣ ин китобхонаро ҷустуҷӯй мекунанд. Таҳқиқотчиён дар ин хусус ривоятуақидаҳои ҳархела доранд. Ба фикри А.Э.Хатимов гӯё китобхонаи Мирзо Улуғбек дар наздикии ҳазрати Башоро ниҳон бошад. Аммо А.М.Бeлениский ин тахминро беасос мешуморад. Профессор Б.Розенфельд бошад, бо ду хулоса сухан меронад. Ӯ мегуяд, ки китобҳои Мирзо Улуғбек дар дасти мардум аст. Бо таври дигар мегуяд, ки китобҳои Мирзо Улуғбек дар перомуни ёдгориҳои этикии Самарқанд эҳтимол ни-

ҳон бошанд. Қисми дигаре гумонбаранд, ки Алӣ-Қушчӣ дастхатҳоро бо худ бурдааст.

Марҳум Фахриддини Маъруфи китобдӯст аз зумраи маърифатпарварони Самарқанд дониста мешуд. Ӯ солҳои 1960 мудири шӯъбаи шарқшиносии китобхонаи Донишкадаи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ буд. Он солҳо мо бо ӯ мусоҳиб гашта будем. «Гузашта,- мегуфт Фахриддини Маъруфӣ, -одамони беномус китобҳою китобхонаҳоро нест карданд. Ман бисёр дастхатҳои қадимаро қироат мекунам ва ба ҳар навиштаҷот диққат медиҳам. Хона ба хона дастхатҳои қадимаро мекобам. Дар хусуси китобхонаи Мирзо Улуғбек ягон маълумоти тозае нест. Ҳар касе дар хусуси ин китобхона шунидаашро ривоят мекунад. Ривоятҳо ба Алӣ-Қушчӣ дахл доранд. Зеро ӯ китобдори китобхонаи дарбори Мирзо Улуғбек буд. Ӯ баъди фавти Мирзо Улуғбек маҷбур шуд, ки гурезад.

Ба фикри ман Алӣ-Қушчӣ дар вазъияти бошитоб бо худ хона-хона китобҳоро аз Мовароуннаҳр берун бурда наметавонист. Боварӣ ҳаст, ки ӯ китобҳоро дар ягон ҷое пинҳон кардааст. Магар дар шаҳр ва ё боғоти Самарқанд? Касе намедонад».

***

Шаҳри Мая (Амрикои Марказӣ) соҳиби китобхонаи боҳашамат буд. Соли 1549 гурӯҳи сарбозон роҳиби Испанӣ Диего де-Ланда шаҳри Маяро ишғол намуданд. Сарбозон ба ибодатхонаи шаҳр зада даромаданд ва бо амри Диего дастхатҳои китобхонаро ба майдон бароварда оташ заданд. Дар натиҷаи чунин қабоҳат аз мероси адабии мардумони Мая фақат се нусха дастхат боқӣ монд.

***

Дар Андалусия (Испания) Ибни Носир ном шахс китобхона бунёд карда буд. Бино ба гуфтаи Ибни Халдун дар ин китобхона 400 ҳазор ҷилд китоб маҳфуз будаст.

Дар Қоҳира бошад, Азизуллоҳ китобхонаи «Хизонат-ул-кутуб»-ро созмон додааст, ки вай дорои 100 ҳазор ҷилд китоб будаст.

***

Дар шаҳри Гейтингени Олмон китобхонаест бе мислу нодир. Захираи китобии вай ҳамагӣ 5373 нусха дастхатро дар бар меги-

рад. Ин дастхатҳо ба замонҳои хеле қадим мансубанд ва ҳамаи дастхатҳо дар барги дарахти нахл таълиф шудаанд.

***

Дар шаҳри Амритсари Ҳиндустон бинои бошукӯҳе ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Бино аз санги мармар бунёд ёфта, бо зарҳалу мис нақшу нигор шудааст. Дар ин бинои бошукӯҳ китобхона ҷой дода шудааст. Вале захираи китобии вай аз як нусха китоби муқаддас иборат мебошад.

***

Дар Британияи Кабир (Лондон) китобхонаи ғалатӣ вуҷуд дорад. Вай соли 1926 бо номи фаъолзани ҳаракати занони Англия Милисенти Фосет созмон ёфта буд. Ҳоло китобхона дорои беш аз 20 ҳазор ҷилд китоб мебошад. Ҷамъи захираи китобии он ба фаъолияти наҷибонаи занони номвари ҳамаи қитъаҳои олам бахшида шудааст.

***

Соли 1974 дар шаҳри Нораки Ҷумҳурии Тоҷикистон китобхонаи «Дӯстии халқҳо» созмон ёфта буд. Захираи китобии вай аслан аз асарҳои бо соядаст (автограф) асос ёфтааст. Ба ин китобхонашоиру нависандагон М.Шолохов, К.Симонов, К.Қулиев, Г.Марков,М.Танк,Э.Межелайтис, М.Турсунзода аввалин шуда асарҳои худро фиристонда буданд. Ташаббускори ин китобхона муҳаррири маҷаллаи «Дружба народов» Сергей Алексеевич Баруздин буд, ки қариб шаш ҳазор китобҳои китобхонаи шахсиашро ӯ ба ин махзан тӯҳфа карда буд.

Дар байни китобҳои бо соядасти китобхона асарҳои ходимони намоёни давлатии мамлакатҳои гуногун, ба мисли Индира Гандӣ (Ҳиндустон), У.К.Кекконен (Финландия), шоирону нависандагони хориҷӣ Ян Козак, Андрей Плавка (Чехословакия), Камен Калчев, Галина Лида (Булғория), Х.Зинка,Ш.А.Дойнаш (Руминия), Ярослав Ивашкевич (Полша), Д.Радо (Маҷористон), Велия Бош, Э.Г. Мансера (Венесуэла), Ганс Бауман, Вилли Ферман (Олмон) ва дигарон маҳфузанд.

***

Китобҳо чӣ зарар доранд? Бубинед, китобҳоро чӣ гуна маҳв сохтаанд. Дар давраи инқилоби соли 1905 ҳукуматдорони Россияи подшоҳӣ 49 миллион китобро оташ задаанд.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) фашистони гитлерӣ зиёда аз 100 миллион захираи китобии китобхонаҳои оммавиро нест ва ғорат карданд. Онҳо 82 ҳазор мактабҳои ибтидоию миёнаро валангор ва тороҷ намуданд. Пеш аз сар задани ҷанг ҳамаи ин мактабҳо соҳиби китобхонаҳое буданд, ки ҳар кадом аз 2 то 25 ҳазор нусхагӣ китоб доштанд. Фашистон тамоман ва ё қисман 334 донишкадаҳои олиро низ вайрон карда, қисми зиёди китобҳояшро несту ғорат намуданд. Онҳо китобхонаҳои шаҳрӣ, вилоятии Смоленский (дорои 646 ҳазор нусха китоб), оммавӣ-давлатии Украина (дорои 300 ҳазор нусха китоб), донишкадаи Киев (дорои Iмиллиону 300 ҳазор нусха китоб), китобхонаҳои шаҳри Каленин (564 ҳазор нусха китоб), инчунин китобхонаҳои вилоятии Ростовро сӯзонданд. Фашистон дар Украина бештар аз 4 миллион китобро ғорат намуданд ва 320 ҳазор нусха китобҳои китобхонаи Академияи илмҳои Украина, 700 ҳазор нусха китобҳои китобхонаи донишкадаи Воронежро ба Олмон бурданд. Дар шаҳрҳои Орёл фашистон китобхонаҳои марказии бачагонаи дорои 20 ҳазор нусха китоб, ба номи А.С.Пушкин дорои 25 ҳазор нусха китоб, ба номи Тургенев дорои 22 ҳазор нусха китобро ғорату оташ заданд. Фашистони гитлерӣ бинои китобхонаи вилоятии Орёл ба номи Н.К.Крупскаяро ба қароргоҳи ҳарбиён табдил доданд. Захираи китобии он ва китобхонаи техникии роҳи оҳани Орёлро ғорат карда, ба Олмон бурданд.

## КИТОБХОНАҲОИ НОМВАР

Китобхонаи оммавию давлатии ордени Байрақи Сурхи Меҳнатдори Санкт-Петербург ба номи Салтыков-Щедрин (ҳоло Китобхонаи миллии ФР) соли 1795 созмон ёфта, 14-уми январи соли 1814 ба хизматрасонии хонандагон шурӯъ карда буд. Соли 1932 китобхона номи Салтыков-Щедринрогирифт. Дар фаъолияти китобхона, аз ҷумла барои ҷамъ овардани осори нодир ва нигоҳдории он арбобони илму фарҳанг И.А.Крылов, А.Х.Востиков, В.В.Стасов, библиографҳои номии Россия В.С.Сопиков, В.Г.Анастасевич ва В.И.Межов саҳмгузорӣ кардаанд.

Боигарии бузурги китобхонаи мазкур дар он аст, ки вай захираи азими осори қадимаро нигоҳ медорад ва онро манзури табақаҳои гуногуни хонандагон мегардонад. Мувофиқи маълумотҳои соли 1980 дар захираи китобии ин китобхона тақрибан 22 миллион нусха китоб, аз ҷумла 1 миллиону 300 ҳазор китоб ба забони

мардумони ИҶШС, 375 ҳазор дастхат, беш аз 121 ҳазор харитаю нақша ва атласҳои ҷуғрофию кайҳонии садаҳои XV-XX маҳфузанд. Дар ин китобхона лӯлакитобҳои Мисри қадим (садаи X-и пеш аз милод), лӯлакитобҳои юнонӣ (садаи II-уми милодӣ), дастхати «Остромирово Свангелис» (солҳои 1056-1057), китобҳои чопии Аврупои Ғарбӣ то соли 1500, «Апостол»-и чопи Иван Федоров (соли 1564), «Ал-қонун»-и Абӯалӣ ибни Синои чопи Рим (соли 1593), китобҳои чопии Венетсия (садаҳои XV-XVI), Голландия (садаҳои XVI-XVIII), асарҳои классикони форсу тоҷик–Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хисрав, Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ, китобхонаи файласуфи Фаронса Вольтер (иборат аз 6814 нусха китоби Екатеринаи II харида), китобҳои чопии давраи Петри I, нашри аввалини асарҳои А.С.Пушкин, Карл Маркс, Фридрих Энгельс, Владимир Илич Ленин, китобхона ва бойгонии шахсии Плеханов ва ғара нигоҳ дошта мешаванд.

Китобхонаи мазкур дар таърихи худ борҳо зери хавфу хатар мондааст ва яке аз он хавф хеле мушкил ва таҳдидовар буд.

… Тирамоҳи соли 1812 Наполеон ба Москва ҳуҷум овард. Он вақт ба ҷойҳои бехатар кӯчондани мардуми Санкт-Петербург шурӯъ шуд. Захираи китобии китобхонаро ҳам аз хатар эмин доштан лозим омад. Ин вазифаро В.С.Сопиков (1765-1818) ҳамроҳи ҳамкасбон ба зимма гирифт. Китобхонаи Санкт-Петербург ба шаҳри Петрозаводск кӯчонида шуд. Наполеон ҷангро бохт вадар остонаи Москва қушунҳои ӯ торумор гардиданд. В.С.Сопиков аз Петрозаводск 3000 пуд китобро бе ягон талафот ба Санкт-Петербург баргардонд.

***

Николай Петрович Румянсев (1754-1826) сенатор, мансабдори олимартабаи ҳукумати подшоҳии Россия буд. Ӯ ба ҷамъ овардани китобҳои камёби этнографӣ, нумезматикӣ, нақошӣ ва илмии табиатшиносӣ шуғл дошт. Баъди фавташ аз ӯ 81 ҷевони дорои 28512 ҷилд китоб боқӣ монданд. Соли 1862 китобхонаи шахсии Румянсевро аз Санкт-Петербург ба Москва кӯчонданд ва онро дар бинои осорхона ҷой доданд. Дар асоси китобҳои Н.П.Румянсев ва тӯҳфаҳои шахсони дигар китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В.И.Ленин (ҳоло Китобхонаи давлатии ФР) таъсис ёфта буд. То арафаи инқилоби Октябр захираи китобии вай ба 1,2 миллион нусха китоб расида буд.

Мувофиқи қарори Ҳукумат 6-феврали соли 1925 китобхонаи Румянсев ба китобхонаи ба номи В.И.Ленин табдил дода шуд.

Китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В.И.Ленин (ҳоло китобхонаи давлатии Федератсияи Россия) дар ҳаёти ҷамъиятӣ, инкишофи кори китобхонаҳои мамлакат мавқеи бузург дошт. Дар захираи китобии вай аз замонҳои қадим то имрӯз ба 247 забони мардумони олам дастхатҳо, нашрияҳои чопӣ гирд оварда шудаанд. Дар шӯъбаи китобҳои нодири китобхона 330 ҳазор китобу маҷаллаҳо ва дар шӯъбаи дастхатҳои он 350 ҳазор нусха асарҳои қадима маҳфузанд. Дар ин даргоҳи илму дониш 14 ҳазор нусха китоб ба забони тоҷикӣ низ гирд оварда шудаанд.

***

Дар давраи шоҳигарии Карли VIII китобхонаи подшоҳии Фаронса ба вуҷуд омада буд. Соли 1377 ин китобхона 910 нусха дастхат дошт ва пас азИнқилоби бузурги Фаронса(соли 1781) вай моликияти давлатӣ эълон гардид ва ҳоло он китобхонаи миллии Фаронса номида мешавад. Захираи китобии вай (мувофиқи маълумотҳои соли 1985) 10 миллион нусха дастхатҳо, нашрияҳои чопиро дар бар мегирифт.

Китобхонаи осорхонаи Британияи Кабир (Лондон) соли 1753 созмон ёфта буд ва имрӯз он вазифаи китобхонаи миллиро ба ӯҳда дорад. Аз рӯи маълумотҳои «ЮНЕСКО» (марти соли 1985) захираи китобии китобхонаи мазкур 8 миллиону 750 ҳазор нусха дастхатҳо ва дигар нашрияҳои чопиро дар бар мегирифт. Дар китобхона 200 ҳазор дастхат ба забонҳои аврупоӣ, 38 ҳазор ба забонҳои мардумони Шарқ, 3 ҳазор лӯлакитобҳои дар папируси мисрӣ, юнонӣ ва лотинӣ таълифшуда, 250 ҳазор китобҳои чопӣ, 500 ҳазор харитаҳои ҷуғрофӣ ва 1 миллион нусха нотаҳо гирд оварда шудаанд. Соли 1980 сохтмони бинои нави китобхона шурӯъ шуда буд ва он аз рӯи нақша соли 1993 ба анҷом расонида мешуд. Хароҷоти умумии ин бинои мӯҳташам 157 миллион фунт стерлингро ташкил мекард. Китобхона солҳои тулонӣ дар 20 бинои аз ҳам ҷудои қитъаҳои гуногуни Лондон ҷойгир аст.

***

Китобхонаи оммавии шаҳри Нью-Йорки Штатҳои Муттаҳидаи Амрико соли 1895 таъсис ёфта, дорои 40 миллион нусхаҳои воҳиди нигоҳдории соли 1985, аз ҷумла 13 миллион нусха китоб аст. Вай дар шаҳри Нью-Йорк 82 шӯъба дошта, ҳар сол ба 1,5 миллион нафар толибилмон хизмат мерасонад.

***

Китобхонаи Конгресси Штатҳои Муттаҳидаи Америко ибтидои садаи XIX таъсис ёфтааст. Вай соли 1814 дар натиҷаи ба вуқӯъ омадани ҷанг аз тарафи сарбозон ва маллоҳони англис оташ зада шуд. Соли 1851 бошад, қисмати дигари боигарии китобхонаро боз оташ даркашид. Захираи китобии китобхона минбаъд, яъне охирҳои садаи XIX такмил ёфт. Ҳоло захира дар 57 толор ҷой гирифта, 19 миллиону 578 ҳазор нусха китоб ва дигар ҳуҷҷатҳои хаттию чопиро дар бар мегирад.

***

Мувофиқи маълумотҳои «Курьер ЮНЕСКО» (марти соли 1985) китобхонаи донишкадаи Говарди Кембриҷ (штати Массачусетс, ИМА) дорои 10 миллиону 620 ҳазор китоб, китобхонаи миллии Ҷумҳурии Халқии Хитой (Пекин) дорои 10 миллион нусха, китобхонаи донишкадаи Иелаи Нью-Хейвен (штати Коннектикут) дорои 7 миллиону 402 ҳазор нусха, китобхонаи ба номи А.М. Горький (Москва) дорои 7 миллиону 222 ҳазор нусха китоб мебошанд.

***

Китобхонаи миллии Тоҷикистон соли 1933 дар заминаи захираи китобии китобхонаи шаҳриипойтахт – шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) таъсис ёфта буд. Соли нахустини таъсисёбӣ захираи китобии он 37089 воҳиди нусхаҳои нигаҳдориро ташкил медод. Ҳоло ин маркази дониш қариб 7 миллион воҳиди нусхаҳои нигаҳдорӣ, аз ҷумла дорои дастхатҳои беназири садаҳои XIII-XIX, чопи сангӣ ва нашрияҳои чопӣ мебошад. Дар ин ҷо асарҳои бузургони адаби форсу тоҷик – Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,Низомии Ганҷавӣ, Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ,Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Умари Хайём, Бадриддини Ҳилолӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва дигарон, шумораҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» (соли 1924) ва маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ», асарҳои чопии М.В.Ломоносов (соли 1785), А.С.Пушкин (солҳои 1838-1841), Муллониёз Муҳаммадов «Таърихи Шоҳрухӣ» (соли 1885), Садриддин Айнӣ «Таърихи амирони манғития» (соли 1923), повести «Одина» (соли 1927) ва ғайра нигоҳ дошта мешаванд.

Китобхона барои бо адабиёти комёб қонеъ гардонидани талаботи хонандагон аз хазинаи эҳтиётии худ мунтазам истифода

мебарад. Китобхона дар ин ҷода бо бисёр китобхонаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравию дигар мамолики ҷаҳон, аз ҷумла Амрико, Англия, Ҳиндустон,Афғонистон,Эрон ва ғайра ҳамкорӣ дорад.

## КИТОБХОНАҲОИ ШАХСӢ ВА ДИГАР ШУҒЛҲО

Китобхонаҳои шахсӣ моликияти шахс аст. Қимати захираи китобии китобхонаҳои шахсӣ ба шуурнокӣ, эътиқод, касбукори ҳар соҳибкитоб вобастагӣ дорад. Соҳибони қисме аз ин китобхонаҳо бо андешаю пухтакорӣ захираи китобии худро созмон медиҳанд. Барои дарёфти китобҳои камёфт ба чандин мағозаҳои китобфурӯшӣ қадам ранҷа мекунанд вааз байни китобҳои бешуморякеро хоста мегиранд. Ин маъно дорад, ки мазмуни захираи китобии китобхонаҳои шахсӣ нисбат ба дигар китобхонаҳо дар пояи баланд меистад. Дар захираи ин китобхонаҳо китобҳои фалсафӣ (ахлоқ, мантиқ, нафосат), ҳар гуна қоммусу луғатҳо, дастуруламалу китобҳои касбӣ, бадеӣ ва ғайра ҷамъ оварда мешаванд. Ҳатто дар китобхонаҳои шахсӣ дастхатҳои қадима, китобҳои кӯчак, дастурҳои библиографиро пайдо кардан мумкин аст. Фонди китобии китобхонаҳои шахсӣ якхела нестанд. Баъзеи онҳо мукаммалан инкишоф ёфтаанд ва дигаре ба ягон соҳаи махсус нигаронда шудааст ва аз бисёр илмҳо маҳдуданд. Онҳо бояд ба шарту шароити хуби нигаҳдорӣ молик бошанд. Хуб мебуд, ки захираи китобӣ дар хонаҳои ғайри нишаст дар ҷевону рафҳо бо тартибу низом гузошта мешуданд. Барои дар ҷевонҳо, рафҳо дуруст ҷойгир кардани китобҳо ҷадвали таснифоти китобхонавию библиографиро истифода бурдан лозим аст. Масалан, дар ин ҷадвал агар шӯъбаи умумии санъат «85» бошад, қисмҳои таркибии вай ин тавр ҷудо мешаванд:

85.1. Санъати тасвирӣ ва меъморӣ.
85.2. Санъати мусиқӣ.
85.3. Санъати рақс (хореография), сирк, эстрада.
85.4. Санъати театрӣ.
85.5. Санъати кино.
85.6. Радио ва телевизион.
85.7. Санъати худфаъолиятии бадеӣ.

Ҷадвалро аз китобхонаҳои оммавии давлатӣ дарёфт кардан мумкин аст.

Масъалаи муҳими дигари китобхонаҳои шахсӣ бенуқсону тоза ва озода нигоҳ доштани китобҳо мебошад. Ин амал барои дарозумрии китобҳо муҳим аст. Барои дароз кардани умри китобҳо

ва ба тарзи аслиаш нигоҳ доштани онҳо чи корҳоро бояд бикунем? Ба ин суол бояд ҳаминро бигӯем, ки ҳеҷ набошад дар зарфи як сол ду маротиба китобҳоро бо чанггирак ё бо латтаи хушк тоза кардан лозим аст. Агар ҷевони китобмонӣ муддати дароз маҳкам бошад, пас намнокӣ бавуҷуд меояд ёба китобҳо таъсири намӣ мерасад. Агар хоҳед, ки чунин ногувориҳо сар назанад, ҳар сари чанд вақт шишаҳои ҷевонҳоро муддате кушода монед ва китобҳоро дар рафҳо озодона ҷойгир кунед.

Гурӯҳи дигари китобхонаҳои шахсӣ аз силсилаи китобҳои махсус иборатанд. Ҳар кадоме аз соҳибони чунин китобхонаҳо дилбохтаи ягон ҷузъи соҳаи таркибии китобҳо мебошанд. Китобхонаҳои шахсие ҳастанд, хазинаи китобии онҳо фақат аз дастхатҳои нодир ва ё китобҳои кӯчак, силсилаи адабиёти ёддоштию тасвириҳаёти одамони наҷиб ва дигар иборат мебошанд.

Дар таърих бисёр китобхонаҳои шахсӣ сабт гардидаанд. Онҳо дар раванди баландбардории сатҳи фарҳангию маънавӣ ва иттилоотии мардум саҳми босазое гузоштаанд ва то имрӯз махзани китобии онҳо дар китобхонаҳо ва осорхонаҳои бузурги ҷаҳон нигоҳ дошта мешаванд.

***

Ҳаёти фарҳангӣ, ободонии шаҳри бостонии Самарқанд дар даврони ҳукмронии Мирзо Улуғбек (ҳукмрониаш 1409-1449) хеле густариш ёфта буд. Мирзо Улуғбек донишмандону ҳунармандони номиро гирд оварда, ба равнақи илм, адабиёту фарҳанг, бунёди расадхона, китобхона ва дигар қасрҳои муҳташами шаҳри бостонӣ ҳисса мегузошт.

Махазҳо собит месозанд, ки дар ин макон ӯ китобхонаи нодири илмиро ташкил карда буд. Вай 15 ҳазор ҷилд китобро дар бар мегирифт. Дар он асарҳои Афлотун, Батлимус, Арасту, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абумансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯмуаттар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ, Абӯҷаъфар Муҳаммад бинни Ҷарир ат-Табарӣ ва дигар уламову шуаро маҳфуз буданд. 27 октябри соли 1449 Мирзо Улуғбек бо кирдори писари ҷафокораш Абдулатиф аз дасти Аббоси қотил кушта мешавад. Олимону муаррихон то кунун китобхонаи ӯро ҷустуҷӯ мекунанд, аммо ҷои ниҳонгоҳи онро намеёбанд. Дар ин бора ривоятҳои гуногун ҷо доранд. Ба ақидаи А. Э. Ҳатимов дастхатҳои китобхонаи Мирзо Улуғбек гӯё дар минтақаи Мақбараи Муҳаммад Башоро (Панҷакент) ниҳон аст. Аммо А. М. Беленитский ин ақидаро беасос мешуморад. Профессор Розенфелд баъзе

манбаъаҳоро ба асос гирифта, мегӯяд, ки дастхатҳои китобхонаи Мирзо Улуғбек дар дасти мардум аст ва ё дастхатҳо дар ҳудуди ёдгориҳои атиқаи Самарқанд ниҳонанд. Қисми дигари таҳқиқотчиён гумонбаранд, ки гӯё китобдори китобхонаи Мирзо Улуғбек Алӣ Қушчӣ китобхонаро бо худ бурдааст. Ба ақидаи мудири шӯъбаи шарқшиносии китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навои Фахридин Маъруфӣ «байни мардум баъзе ривоятҳо мавҷуданд, ки онҳо бештар ба Алӣ Қушчӣ мансубанд, зеро ӯ китобдори китобхонаи мазкур буд. Алӣ Қушчӣ баъди фавти фоҷиавии Мирзо Улуғбек маҷбур шуд фирор кунад. Ӯ дар вазъияти ногувор китобҳорофавран аз Мовароуннаҳр берун бурда наметавонист. Боварӣ ҳаст, киАлӣ Қушчӣ китобхонаро дар ягон минтақаи-қитъаи шаҳри Самарқанд пинҳон кардаст. Шояд дар атрофу акнофи ёдгориҳои меъморӣ ва ё боғоти беруни шаҳр – Боғи Майдон, Боғи Бланд, Равонак, Хаймар...».

***

ОлимифорсутоҷиквазирСоибмиёнаҳоисадаиХзиндагӣмекард. Соибдилбохтаикитобҳобуд. Китобхонаишахсииӯ 117 ҳазордастхатимасоилиилмифалсафа, риёзиёт, фиқҳ, нуҷумвадигарсоҳаҳородарбармегирифт. Соиб ҳар сари чанд вақт ба юришҳои ҳарбӣ мебаромад ва дар ҳар ҳолат ӯ аз китобҳо ҷудо намешуд. Китобҳоро бо худ мебурд. Барои дар юриш гирифта гардондани китобҳо беш аз 400 уштур побанди ин китобхона буданд.

Дар китобхонаи юришӣ Соиб дар каҷовахо дастхатҳоро соҳа ба соҳа ҷудо карда буд. Ҳар соҳа аз рӯи тартиби алифбоии муаллифон тафриқа доштанд. Сорбон вазифадор буд, ки ҳангоми ҳаракати уштурҳо назорат бикунад, то ки онҳо ҷои худро дигар накунанд. Ин тартиб ба Соиб имкон медод, ки ӯ бо зудӣ китобҳои лозимаро аз каҷоваҳо ёфта гирад.

***

Олими машҳур Д.И.Менделеев дар китобхонаи шахсиаш оид ба илмҳои кимиё, физика, кишоварзӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, нақлиёт ва адабиёти бадеӣ зиёда аз 20 ҳазор китоб ҷамъ оварда буд. Ба ғайр аз инҳо дар китобхонаи ӯ беш аз 600 нусха дастхат вамақолаҳои ӯ боқӣ монда буданд.

***

Дар Россияи пешазИнқилоби Октябр китобхонаи шахсии тоҷири Красноярск Геннадий Васильевич Юдин яке аз калонтарин ба шумор мерафт ва ӯ сӣ сол ба ҷамъ овардани китобҳо машғул буд. Дар тӯли ин солҳо ӯ ба маблағи 200 ҳазор сум китоб харид ва адади китобҳояшро ба 80 ҳазор ҷилд расонид. Дар хазинаи китобии китобхонаи вай китобҳо оид ба таърих, бостоншиносӣ, ҳуҷҷатҳои дастнавис бахшида ба табиати Сибир, нашрҳои аввалини асарҳои А.С.Пушкин, маҷмӯи пурраи маҷаллаҳои нодири саддаи XVIII маҳфуз буданд. Дар китобхонаи мазкур Владимир Ильич Ленин аз моҳи март то 30-уми апрели соли 1897 ва аз 11 то 20-уми сентябри соли 1898 қироат кардааст.

Ҳанӯз дар давраи ҷанги якуми империалистии ҷаҳон Г.В.Юдин китобҳояшро барои дар Россия нигоҳ доштан ба фурӯш мемонад. Ҳукуматдорони подшоҳӣ таклифи ӯро рад мекунанд. Пас ӯ китобхонаи шахсиашро ба китобхонаи Конгресси Штатҳои муттаҳидаи Амрико ба маблағи 40 ҳазор доллар мефурӯшад. Ҳоло дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз ин китобхонаи бузурги шахсӣ баъзе дастхатҳо боқӣ мондаанд. Г.В.Юдин баъди фурӯхтани китобҳояш боз ба ҷамъоварии китобҳо машғул шуд. Ӯ то фавташ (соли1912) боз 15 ҳазор нусха китоб ҷамъоварӣ намуд ва ин китобҳо соли 1920 ба китобхонаи шаҳри Красноярск супорида шуданд.

***

Сокини шаҳри Санкт-Петербург Александр Николаевич Неустроев (1825-1902) ба таври худомӯзӣ донишманд шуд. Ӯ дар таърихи библиографияи пешазинқилобӣ бо асараш «Ҷустуҷӯи таърихи нашрияҳои даврии Россия ва маҷмӯаҳои тасвири библиографӣ-хронологии солҳои 1703-1802» маълум аст.

Хизматҳои шоёни А.Н.Неустроев боз дар он аст, ки ӯ ҷамъкунандаи осори нодири гузаштагон ва ҳамзамонони худ аст. А.Н.Неустроев дар китобхонаи шахсиаш 70 ҳазор ҷилд китобҳоро гирд оварда буд ва баъдан ӯ ин китобҳоро ба тариқаи тӯҳфа ба китобхонаҳои Санкт-Петербург, Румянсеви (Москва) ва баъзе донишкадаҳо супоридааст.

***

Николай Александрович Рубакин 1-уми июли соли 1862 дар Ораниенбауми губернияи Санкт-Петербург таваллуд ёфтааст. Модари ӯ Лидия Перентьевна соли 1873 аз Ораниенбаум ба Санкт Петербург мекӯчад ва 22-уми октябри соли 1875 қисман ба пули

нақду қарз 600 ҷилд китоб мехарад. Ӯ китобхонаи шахсиашро созмон медиҳад ва захираи китобии он (соли 1900) ба 57 ҳазор ҷилд китоб мерасад. Ин китобҳо дар ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти минбаъдаи писари ӯ Н.А.Рубакин мавқеи муҳим мебозанд. Н.А.Рубакин аз овони наврасӣ ба мутолиаи китоб дилбохта буд. Дар синни 9-солагӣ рӯйхати асарҳои ояндаашро тартиб медиҳад. Ӯ ҳамин тавр номи асарҳояшро дар сурати омӯхтани маҷаллаи «Эпоха» хулоса кард. Соли 1871 (дар синни 9 солагӣ) луғати ҷуғрофиро тартиб дод ва дар луғат эзоҳ овард, ки онро дар асоси китобҳо, материалҳои маҷаллаҳо тартиб додааст. Ба чопи асарҳо ӯаз синни 13- солагиаш шурӯъ карда буд ва дар тӯли ҳаёташ 350 мақолаи илмӣ-назариявӣ, беш аз1000 тақризҳо(солҳои1928-1931) навишт ва дар матбуоти даврӣ чоп кард. 280 китобу брошюраҳои Н.А.Рубакин дар матбааҳои гуногун бо теъдоди калон ба табъ расиданд. Назоратчиёни подшоҳӣ 47 асари ӯро сӯзонданд ва 7 асарашро барои чоп иҷозат надоданд. Ғайр аз ин Н.А.Рубакин барои худомӯзон 15 ҳазор барнома, 20 феҳристи навъи тавсиявӣ ва «Дар байни китобҳо» ном феҳристи сеҷилдаро тартиб дод. Дар тартиб додани феҳристи «Дар байни китобҳо» Н.А.Рубакин 60 ҳазор китобро аз назар гузаронд. Рӯйхати 20 ҳазори ин китобҳоро дар асараш тасвир намуд.

Соли 1907 Н.А.Рубакин китобхонаи шахсии модараш, ки он солҳо ба 130 ҳазор ҷилд расида буд, ба тариқи тӯҳфа ба ихтиёри Иттифоқи маорифи Санкт-Петербург гузаронд. Азбаски Н.А.Рубакин зери назорати полисҳои ҳукумати подшоҳӣ буд, илоҷи рӯзгор наёфт ва соли 1907 дар хориҷа муҳоҷир шуд. Ӯ дар Лозан (Шветсария) зиндагӣ мекард.Минбаъд Н.А.Рубакин дар ин ҷо китобхонаи шахсиашро барпо намуд, ки вай дорои 100 ҳазор ҷилд китоб буд.

Н.А.Рубакин ҳамчун соҳиби китобхонаи шахсӣ тамоми фаъолияти худро баҳри хизматрасонӣ ба табақаҳои васеъи хонандагон нигаронда буд. Ӯ аз ҳисоби маблағи худ мунтазам ба хонандагон китоб мефиристонд ва барои тарзу усулҳои мутолиаи китоб ба онҳо маслиҳатҳо медод.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ китобхонаи шахсии Н.А.Рубакин мададгори асирон буд ва ба онҳо рӯҳан ёрӣ мерасонд. Дар ин давра ӯ қариб ба 10 ҳазор асир мукотиба дошт. Солҳои 1943-1944 зиёда аз 2 ҳазор асирон мунтаззам аз китобхонаи шахсии вай истифода мебурданд ва ба онҳо қариб 10 ҳазор китоб фиристода шуд.

Солҳо гузаштанд. Нишонаҳои пирӣ эҳсос шуданд. Саломатии Н.А.Рубакин вазнин гашт. Ӯ пеш аз фавташ ба чунин арз васият-

нома навишт:«Ман мемирам. Ҷасадам, китобҳоям, архивамро ба Ватанам ИҶШС бибаред...».

Н.А.Рубакин соли 1946, дар синни 84 солагӣ дар Шветсария фавтид. Васияти ӯро ба ҷо оварданд.

... Дар қабристони «Ново-Девичьев»-и ш.Маскав мадфанест, ки болои он китоби сангин гузошта шудааст. Қабати ин китоби сангин хокистари маҳрум Н.А.Рубакин ҷой дода шудааст. Соли 1948 китобхонаи шахсӣ ва 400 қуттӣ ҳуҷҷатҳои Н.А.Рубакин ба Маскав оварда ва дар яке аз толорҳои китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В.И.Ленин ҷой дода шуданд. Байни ҳуҷҷатҳо дастнависи романҳои Н.А.Рубакин «Виҷдони серқабата» ва«Оилаи Каиновҳо» ва дигар асарҳои ӯ мавҷуданд.

***

Соли 1910 рӯзномаи «Субҳи Россия» ахбори ғалатиеро интишор карда буд, ки дар оншуғли беинтиҳои миллионери амрикоӣ Ҷемс Калтон Юнг ҷамъ овардани китобҳо таъкид шудааст. Адади китобҳои китобхонаи шахсии ӯ ба 400 ҳазор нусха мерасид. Байни китобҳои Ҷемс китобҳои бо соядаст (автограф)-и шоирону нависандагон, аз ҷумла Л.Н.Толстой, А.Ф.Кани, А.Сунбери, М.Твен, А.Франц, Ф.Шпилгаген, мавҷуд буданд.

***

Китобхонаи шахсии нависанда Жорж Сименон ҳайратовар буд ва онба ягон соҳаи илму воқеоти китобҳо дахолат надошт. Ҷои шубҳа нест. Ҳамин гуна китобҳо ҳастанд. Нависанда барои ҷамъоварии ин қабил китобҳо эҳтиёт дошт. Ин баъди он ба вуқӯъ омад, ки Жорж Сименон 100 романашро анҷом дода, бахши дарёфти персонажҳо душворӣ мекашид. Ӯ қарор дод, ки китобхонаи махсуси шахсӣ созмон бидиҳад. Инак, Жорж Сименон оид ба телефонҳои шаҳрҳои дунё китобҳои маълумотдиҳандаи зиёдро гирд овард ва баъдан аз рӯи ин маълумотномаҳо номҳои хостаашро дар романҳояш истифода мебурд.

***

Бошандаи Итолиё Рио Казелли китоберо қироат карда, дилгир шуд. Пас ба хулоса омаду барои ҷустуҷӯи нусхаҳои дигари он китоб бирафт. Оқибат ӯ ҳамаи 10 ҳазор нусхаи ин нашрияро харида гирифт ва онҳородар китобхонаи шахсиаш нигоҳ дошт. Му-

аллифи китоби дилгиркунанда аз ҳодисаи чӣ гуна ба савдо рафтани китобаш воқиф гардид. Ӯ ба ҳаяҷон омад ва аз ҳуш бирафт.

***

Нависандаи англис Даниэл Дефо (1658-1731) сездаҳ соли ҳаёташро ба таълифоти романҳояш гузаронд. Байни романҳои садаи XVII-и англис Даниел Дефо бо нӯҳ романаш ҳиссагузорӣ кардааст. Романи машҳуртарини ӯ «Робинзон Крузо» мебошад ва он ба бисёр забонҳои мардумони олам тарҷума ва интишор гардидааст. Китоби «Робинзон Крузо»-ро бори аввал дар саҳфаҳои рӯзнома аз 7-уми октябри соли 1719 то 17 октябри соли 1720 қироат кардаанд. Коллексионери амрикоӣ Вильям Ллойд бошад 300 нашрияи давраҳои гуногуни «Робинзон Крузо»-ро ба 133 забони мардумони олам дар китобхонаи шахсиаш ҷамъ оварда буд.

***

Нашири маҷористонӣ (Венгрия) Дьюли Янки чандин сол боз ба ҷамъ овардани китобҳои кӯчак машғул аст. Ӯ дар китобхонаи шахсиаш 2400 нусха ин қабил китобчаҳоро гирд овардааст. Ҳаҷми китобчаҳои Дьюли ба 5х5 миллиметр баробар мебошад. Чунин китобчаҳоро дар маркаи оддии алоқавӣ печондан мумкин аст. Байни китобчаҳои Дьюли нашрияҳои Англия, Чехославакия, асарҳои Шекспир, Диккенс, Гёте ва дигар шоирону нависандагонро пайдо кардан мумкин аст.

***

Сокини маҳаллаи Горловка В.Разумов солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ китобхонаи шахсиашро талаф дода буд. Ӯ баъди ҷанг аз сари нав ба ҷамъ овардани китобҳо шурӯъ кард ва оқибат дар китобхонаи шахсиаш 8000 нусха китобро ҷамъоварӣ намуд. Ин дафъа китобҳои ҷамъкардаи В.Разумов аз аввала дида фарқ доштанд. Ҳоло дар хазинаи вай китобҳо ба 13 забони мардумони ИҶШС, хориҷа ва беш аз 1000 нусха китобҳои кӯчак маҳфузанд.

***

Сокини маҳалли Берданск М.Горпиченко дар зарфи 20 сол бештар аз 600 нусха китобчаи кӯчакро ҷамъоварӣ кардааст. Барои ҷойгир кардани ин адад китобҳо асбобу анҷом–ҷевонҳои махсус лозим нестанд. Танҳо як ҷомадон лозим ҳасту бас. Ҳаҷми китоб-

чаҳоро аз китобчаи зерин дарк кардан мумкин аст:калонии достони В.Маяковский «В.И.Ленин» ба 16x16 миллиметр баробар мебошад.

***

Зану шавҳар Шатковскийҳо (Полша) силсилаи нодири китобҳои алифборо гирд овардаанд. Дар китобхонаи шахсии онҳо 260 намуди китобҳои алифбо, ки дар 30 мамлакати ҷаҳон интишор шудаанд, маҳфузанд.

***

Солҳои қаблӣ дар шаҳри Дрезден намоиши аҷибе созмон дода шуда буд. Дар ин намоиш асосан коллексионерон иштирок доштанд. Дар намоиш корманди меҳмонхонаи «Турист-отель» Эгон Штраух низ 500 ҳазор латифаи ҷамъкардаашро намоиш дода буд. Латифаҳои Эгон Штраух мухталифу рангбаранг буданд.

***

Академик Александр Александрович Семёнов сокини шаҳри Душанбе буд. Аз соли 1951 то охири умраш (1958) дар растаи «Истаравшан», хонаи рақами 18 зиндагӣ мекард. Ҳоло дар ин ҷо китобхонаи шахсии ӯ ҷой гирифтааст. Китобхонаи А.А.Семёнов дорои 7500 нусха китоб аст. Қисмати нодиртарини ин китобхонаро 450 нусха дастхат, аз ҷумла «Мунтахабот»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад,«Таърихи Табриз», «Мунтахаб-ат-таворих»-и Ҳакимхон Муҳаммад Ҳоҷӣ Аҳрор, «Миръот-ул-футуҳ» ва«Девони мушфиқӣ», дастхатҳои ҷуғрофшиносони араб (садаи IX-X) ва ғайра ташкил медиҳанд.

***

Аввалҳои садаи XX Муллосаиди Балҷувонӣ (номи мустаориаш Шоҳболту) байни мардум ҳамчун устои сангтарош, табиби худомӯз, дорандаи китобхонаи шахсӣ маъруфу машҳур буд. Ин олими хирадманд баъди хатми мадрасаи Бухоро ба зодгоҳаш Балҷувон бо осори зиёди ниёгон баргашт ва баъдан теъдоди китобҳояшро бештар ба 1000 ҷилд расонд.

***

Мубораккадам Абдуллоҳ (соли тав. 1843-вафоташ 1902, деҳаи Ямги ноҳияи Ишкошим) ва Шоҳзодамуҳаммад ибни Сайид Фаррухшоҳ (соли тав. 1870- вафоташ 1935, деҳаи Поршнёви ноҳияи Шуғнон) китобхонаи шахсӣ доштанд. Онҳо ва қисми дигари хаттотони Бадахшон дастхтҳоро рӯйбардор карда, аз нобудшавӣ эмин медоштанд.

Манбаҳо далолат медиҳанд, ки Мубораккадами Абдуллоҳ шоир, хаттот, наққош, саҳҳоф, ихтироъкори қоғаз, иторашинос, ҳофиз будааст. Аз осори хаттии ӯ «Тарҷумат-ул-баён», рисолаи «Чиҳил дунё», достонҳои «Қаҳрат-ул-ҳоҷат» ва чанде дигар асарҳояш боқӣ мондаанд. Китобхонаи шахсии ӯ дорои хеле дастхатҳои нодир будааст. Ҳоло қисме аз ин дастхатҳо дар дасти наберагони ин бузургвор нигоҳ дошта мешаванд.

***

Таҳқиқотчӣ Амирхон Саидзода дар очеркаш «Ховалинг – чашмаи меҳр» (нашриёти «Адиб», 1995), аз ҷумла дар бораи китобхонаи шахсии Мулло Барот навиштааст, ки «Мулло Барот солҳои тӯлонӣ дар Бухоро таҳсил карда буд. Шоир, олим, соҳибдевон аст. Соли таваллуд ва вафоташ маълум нест. Аз рӯи гуфтаи ҳамдиёрони шоир Мулло Барот садаи Х1Х дар зодгоҳаш деҳаи Момаии ноҳияи Ховалинг дар сини 99- солагӣ фавтидааст. Мулло Барот дар ҳудуди 1500 ҷилд дастхатҳои нодир дошт ва баъди фавташ дастхатҳо ба писараш Муллошариф ёдгор монд. Муллошариф соли 1944 фавтид ва дастхатҳо байни ҳамдиёрон тақсим шуданд…

***

Адабиётшиноси шинохтаи тоҷик Соҳиб Табаров ҳанӯз соли 1939 ба ҷамъоварии китобҳо шурӯъ карда буд. Ҳоло дар китобхонаи шахсии ӯ қариб 30 ҳазор нусха китобҳо ҷамъоварӣ шудаанд. Дар байни китобҳои ӯ «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (интишори соли 1932), китобҳои Бобоюнус Худойдодзода «Тӯпчӣ Муҳаммад Иброҳимов» (1942), Ягалло И. Д. «Луғати мукаммали форсӣ, арабӣ, русӣ» (1910), қомуси тиб, китобҳо оид ба таърихи Тоҷикистон ва дигар мардумони Осиёи Миёна, осори ниёгон ва дигар нигоҳ дошта мешаванд.

***

Ин қадар китоб ҷамъоварӣ намудан кори осон нест, зеро барои ҷойгир кардани китобҳо асбобу анҷоми зарурӣ ранҷу заҳмати зиёд кашидан лозим меояд. Ба гуфти Ибни Халдун (27.05.1332, Тунис – 17.03.1406, Қоҳира) дар Андалусия (Испания) Ибни Носир ном шахс китобхонае доштааст, ки дорои 400 ҳазор ҷилд китоб будаст.

Бино ба гуфти муаррих Насавӣ садаи Х111 сарвари қасри подшоҳии Хоразм (пойтахташ ш. Урганҷ) Шаҳобиддини Хевакӣ аз ҳисоби даромади худ китобхонаи бузург бунёд карда буд, ки ба мислаш дар таърих кам ида шудааст…

*******

Олими шинохта ва омӯзгори Донишкадаи давлатии шаҳри Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ Раҳим Муқимов солҳои тӯлонӣ ба ҷамъоварии китобҳо шуғл дорад. Китобхонаи шахсии ӯ яке аз китобхонаҳои шахсии бойтарини Самарқанди бостонист вадар он беш аз 20 ҳазор китобҳои соҳаҳои гуногуни дониш гирдоварӣ шудаанд.

*******

Дотсенти кафедраи китобхонашиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Ислом Ҷӯраев аз соли 1947 ин ҷониб қариб 8000 нусха китоб ҷамъ овардааст. Дар захираи китобии ӯ асарҳои Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ,намунаи адабиёти бадеии тоҷик, таърихи Тоҷикистон, силсилаи китобҳои кӯчак вакасбии китобдорӣ маҳфузанд. Аз китобхонаи шахсии Ислом Ҷӯраев омӯзгорон ва донишҷӯёни донишкадаи номбурда истифода мекунанд.

*******

Омӯзгори деҳаи Тӯдаи ноҳияи Ҳисор Сайфуллои Ҳайдар солҳо боз дилбанди гирдоварии осори ниёгон ва шоирону нависандагони муосир аст. Китобхонаи шахсии ӯ беш аз 12 ҳазор китобро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ дар бар мегирад. Дар вай дастхатҳои қадимаю китобҳои чопӣ ва сангӣ, аз қабили «Нигористон»-и Ҷувайнӣ, девонҳои Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар китобҳои нодир нигоҳ дошта мешаванд. Ӯ ба ҷамъоварии катибаҳо ҳам шуғл меварзад. Катибаҳои ҷамъкардаи ӯ, ба мисли катибаҳои оромгоҳҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (Панҷакент), Абул-

қосим Фирдавсӣ (Тӯс), Саъдии Шерозӣ (Шероз), Абдураҳмони Ҷомӣ (Ҳирот), Алишери Навоӣ (Ҳирот), Зиёуддин Юсуф-писари Абдураҳмони Ҷомӣ (Ҳирот), Ҷаҳонгир (Лоҳур), Ҷаҳоноро–духтари Шоҳи чаҳон (Деҳлӣ), Зебуннисо (Лоҳур), Мирзо Абдулқодири Бедил (Деҳлӣ), Бадриддини Ҳилолӣ (Ҳирот) ва амсоли онҳо, мебошанд.

***

Китобхонаи шахсии муаллими хизматнишондодаи мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори мактаби миёнаи рақами 35 ноҳияи Ғончӣ Абдулло Қайюмов«Маскани Зиё» ном дошта, дорои зиёда аз 5 ҳазор адабиёти гуногуннусха мебошад ва ҳар соле ба сесад толибилми мактабҳои миёнаи рақами 18 ва 35, истиқоматкунандагони деҳаҳои Басманда, Янгиариқи Боло, Сурхоб, Шоҳон ва коркунони хоҷагии қишлоқ, нафақахӯрон, соҳибхоназанон, донишҷӯёни донишкадаҳои олӣ хизмати беғаразона мерасонад. Дар китобхонаи шахсӣ-ҷамъиятии ин марди барӯманд асарҳои адибони тоҷику ӯзбек бо соядасташон маҳфуз мебошанд ва вохӯрии мутолиакунандагон бо шоирону нависандагон ба ҳаводорони каломи бадеъ як чаҳон рӯҳи тоза бахшида, онҳоро ба мутолиаи мунтаззами адабиёт ҳидоят мекунад. Китобхонаи Абдулло Қайюмов аз соли 1982 дари худро барои китобдӯстон боз намудааст.

***

Омӯзгори фанни физикаи мактаби миёнаи рақами 7 ба номи С.Айнии деҳаи Бободархони совети қишлоқи Понғози ноҳияи Ашт Мамадҷон Халилов бисту чор сол инҷониб ба ташвиқи илму дониш ва китоб машғул аст. Китобхонаи шахсии ӯ аз соли 1987 амал мекунад ва «Кошонаи Пайрав» ном дошта, аз утоқи китобнигаҳдорӣ ва толори қироатии орододашуда иборат мебошад. Бештар аз 4000 адад адабиёти китобхонаро қариб ҳазор мутолиакунандагони касбу кори гуногун истифода мекунанд ва ба кас эҳсоси гуворо мебахшанд. Омӯзгор Халиловро мутолиакунандагони китобхонааш бо меҳрубонӣ китобдӯст, китобдору китобшинос ном мегиранд.

***

Китобхонаи коргари совхози «Роҳи Ленин»-и ноҳияи Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) Тоҷинисо Абдуҷалилова бо номи «Кошонаи Дилшоди Барно» аз 20 феврали соли 1981 дари худро ба исти-

фодаи умум боз кардааст ва ҳоло 7500 адад адабиёти соҳавиро дар се ҳуҷра ҷой намудааст. Соле 650-700 мутолиакунандагон аз ин кошона истифода мекунанд. Дар қатори асарҳои соҳавӣ дар ин ҷо онҳо бо шоҳасарҳои шоирону фозилони асри X-XX Рӯдакӣ, Зебуннисо,Иқбол, Айнӣ, Пушкин, Ғамзатов, Думбадзе, Айтматов, Пабло Неруда, Б.Ғафуров ва дигарон, Шашмақому Борбаднома ва дастнависҳои қадима низ шинос шуда метавонанд. Дар «Кошона» қатори дигар чорабиниҳои гузаронидашуда даҳҳо конфронси хонандагон, ду семинарии республикавии дӯстдорони китоб гузаштааст. Шахсони барӯманди Душанбеву Хоруғ, Маскаву Ленинград, Кракову София, Прагаву Лондон ва Тошкандмеҳмонони он буданд вааз вай бештар занҳои деҳаи «Бобо тағои Валӣ»адабиёт мутолиа мекунанду дар рӯзҳои иди «Наврӯз» идро хушу хурсандона дар ин ҷо мегузаронанд.

## ХОТИРАИ РАСО

Усулҳои китобхонӣ гуногунанд. Ҳар кас мувофиқи қобилият, шуурнокӣ ба таври худ китоб мехонад. Варақ гардондани китоб, тамошо кардани суратҳои вай, парокандаю хомӯшона, бо овози баланду оҳиста-оҳиста ва бо суръату равон хондани китоб аз тарзҳои китобхонӣ мебошанд.

Китобхонӣ аслан аз овони кӯдакӣ шурӯъ мешавад. Ин айём кӯдак ҳуруфҳоро дарк карда натавонад ҳам, суратҳои китоб ба вай шавқу завқ мебахшад ваба китоб майлу ҳавас пайдо мекунад. Бисёр кӯдакон аз синни шашу ҳафтсолагӣ китобхон мешаванд ва аз ҳамин давра мухлисони китоб шуда мемонанд.

Чун аз хусуси китобхонон сухан биронем, бояд бигӯем, ки агар одам аз синни даҳсолагӣ сар карда, ҳар рӯз ба ҳисоби миёна то 50 сафҳа китоб бихонад, пас вай дар зарфи сол 18250 сафҳа ва дар тӯли 60 соли умр (агар умри миёнаи одам 70 сол бошад) 1095000 сафҳа китоб хонда метавонад. Ин рақам такрибан 3650 нусха китобро ташкил медиҳад.

Масъалаи китобхонии мунтазам диққати библиографи машҳур Н.А.Рубакинро ҳам ҷалб карда буд. Н.А.Рубакин китобхонии мунтазамро ба ҳисоб гирифта, вақт ва меъёри онро муайян кардааст. Ӯ аз рӯи таҳқиқотҳояш гуфтааст: «Ҳар кас барои китобхонӣ рӯзҳои ғайриистироҳат яксоатӣ ва рӯзҳои якшанбе сесоатӣ вақт ҷудо карда метавонад… ва дар зарфи сол 469 соати китобхонӣ ҳосил мешавад…».

Дигаре китобхониро ин тавр фарз кардааст:«Агар ҳар ҳафта шашрӯзӣ, ҳар рӯз ҳаштсоатӣ ва барои қироати як сафҳа шаш да-

қиқа вақт масраф бишавад, пас барои қироати як миллион сафҳа китоб чиҳил сол лозим аст».

Китобхонии мунтазам албатта одати хуб аст. Лекин китобхононе ҳам ҳастанд, ки агар як хона китоббихонанд, чизе дар ёдашон намемонад. Дар ин миён гапу хаёлотест, ки танҳо «китобхонӣ барои дам гирифтан ва на аз худ кардани матни он, аз ҷониби дигар зеҳни буро металабад». Зумраи дигар матни китобҳои хондаашонро дар хотир нигоҳ медорандва дониши замкардаашонро дар ҳаёт истифода мебаранд.

Алломаҳои гузашта қадру қимати китобро аз ҳама болотар медонистанд вадар ин ҷода донишу умри худ масраф кардаанд.

Дар тарҷумаи ҳоли Абӯалӣ ибни Сино нақле нисбати китобхонаи амири Бухоро баёни мухтасар ёфтааст. Соли 995-уми милодӣ амири Бухоро Нӯҳ ибни Мансур бемор мешавад. Табибони номдори Бухоро, аз зумра омӯзгори Абӯалӣ ибни Сино – Абӯмансури Қамарӣ ҳам илоҷи табобати амирро намеёбад. Азбаски овозаи табиби ҳабдаҳсола Абӯалӣ ибни Сино паҳн шуда буд,табиби ҷавонро ба дарбори амир оварданд. Абӯалӣ ибниСино амири беморро муоина ва дардашро муайян кард. Пас шабона ӯ дорую дармони лозимиро тайёр сохт. Фардои рӯзи дигар ба муолиҷаи амир шурӯъ намуд. Ба бемор дору хӯронд вабо ҳамин дард рафта-рафта сабук шуд. Оқибат амир шифо ёфту гап дар бораи ҳаққи хизмат бирафт. Амир Нӯҳ ибни Мансур аз Абӯалӣ ибни Сино пурсид, ки барои хизматаш чӣ инъоме мехоҳад? Абӯалӣ ибни Сино на давлат хосту на савлат вахоҳиш кард, ки ӯро бахши истифода ба китобхонаи дарборӣ рухсат бидиҳанд.

Амир инъоми ғайри чашмдоштро шунид вақадре андеша кард. Зеро аз китобхонаи дарборӣ фақат амир ва наздикони ӯ баҳрамандмешуданд. Бовуҷуди ин, амир хоҳишу матлаби шифобахшандаи худро рад карда натавонист.

Абӯалӣ ибни Сино роҷеъ ба истифодаи китобхонаи дарбории Сомониён дар «Рисолаи саргузашт»-аш ривоят кардааст:«Пас чун дохил гаштам, чандин хона дидам, дар ҳар хона чандин сандуқ болои якдигар чида. Як хона кутуби адабиёт ва шеър, дигар фиқҳ, дигарӣ кутуби ҳадис ва ҳамчунин ҳар илмеро хонае ҷудогона буд. Пас, феҳристи кутуби қудаморо ба назар даровардам ва он чӣ аз онҳо мехостам, бардоштам ва бисёр китоб ёфтам, ки аксари мардум номи онҳо нашунида буданд. Ва ман ҳам қабл аз он надида будам. Ва баъд аз он ҳам назди касе надидам. Пас, маҷмӯи он кутубро хондам ва бар фавоиди онҳо зафар ёфтам. Ва мартабаи ҳар мардум ва бар фавоиди онҳо зафар ёфтам, мартабаи ҳар марду ва ҳар илм маро маълум гардид».

***

Бояд кайд кард, ки бузургон ба мисли Карл Маркс ва Владимир Ильич Ленин нисбат ба худ низ хеле серталаб буданд. Онҳо на танҳо ҳар китобро бо диққат мехонданд, балки оид ба китобҳо маъхазҳоро пурра меомӯхтанд.

Карл Маркс бисёр забонҳои мардумони аврупоиро медонист.Забондонӣ дар корҳои эҷодии ӯ бевосита ёрии калон мерасонд. Карл Маркс танҳо дар офаридани асари бузургаш «Капитал» 1500 китобро муфассал ба забонҳои гуногун хонда, конспект кардааст.

В.И.Ленин ҳанӯз овони хурдсолӣ ба мутолиаи китоб меҳр баста буд ва минбаъд бо вуҷуди серкориҳо тамоми умр дилбохтаи китоб буду асарҳои бузургу шӯҳратдор ба вуҷуд овард. Дар асарҳои В.И.Ленин рӯйхати китобҳо, маводи матбуоти даврии бешумор дарҷ ёфтаанд. Ӯ фақат барои таълифи асари машҳури худ «Тараққиёти капитализм дар Россия» аз 583 китоб истифода бурдааст.

В.И.Ленин баробари қироати асарҳои илмии фалсафӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ ва дигар соҳаҳои дониш, асарҳои А.С. Пушкин, Н.А.Некрасов, Л.Н.Толстой ва дигар нависандагону шоиронро бо мароқ қироат мекард. Мувофиқи навиштаи таҳқиқотчиён В.И.Ленин хонандаи беш аз 100 китобхонаҳои ҷаҳон, аз ҷумла 80 китобхонаҳои илмӣ, оммавӣ, донишкадаҳо ва шахсӣ будааст. Ӯ дар мавридҳои гуногун аз захираи китобхонаҳои Академияи фанҳои Санкт-Петербург, Британияи Кабир (Лондон), подшоҳии Стокгольм, Мюнхен, донишкадаи Краков, донишкадаи халқии ба номи А.Мискевич (Польша), Берлин, Париж, Швейцария, Берн, Женева, Норвегия, шахсии Г.В.Юдин (ш. Красноярск), М.В.Фофанова (Санкт-Петербург), К.Ф.Вийка (Финляндия) ва ғайраҳо истифода бурдааст.

В.И.Ленин ба таври махсус китобҳоро қироат мекард. «Вақто ки ман, - ҳикоят мекунад В.Д.Бонч-Бруевич,-ба Владимир Ильич назар меандохтам, гумон мебурдам, ки ӯ китобро тез-тез варақ гардонда, ба сафҳаҳо назар меандозаду бас. Ин баръакси ҳол буд. Владимир Ильич китобро бодиққат қироат мекард. Баъди фурсате ӯ сатрҳои хондаашро аз ёд навишта мегирифт».

К.Маркс, А.С.Пушкин ва Н.Г.Чернишевский ҳам ҳамин гуна маҳорату қобилияти олии китобхонӣ доштанд. О.Бальзак бошад, аз ҷиҳати равону тезхонӣ ҳамзамонони худро ба ваҷд оварда буд. Ӯ байни ним соат ба хондани пурраи роман нуқта мегузошт. Сарлашкари Фаронса Наполеон қувваи бузурги китобхонӣ дошт ва ҳар дақиқа ӯ то 2000 калима қироат карда метавонист.

Ин таври китобхониро «Китобхонӣ бо андозаи метр» мегӯянд. Маънии бо андозаи метр хондани китобҳо, матни рӯи сафҳаро дар як лаҳза аз худ кардан аст.

***

Одамоне ҳастанд, ки соҳиби хотири хеле расоянд. Мегӯянд, ки мардумони олам ба 3000 забон сухан меронанд. Бо якеи ин забонҳо чандин миллион ва ба дигаре шумораи ками одамон суханронӣ мекунанд. Одамони хеле забондон кам нестанд. Ҷаҳонбинии забондонҳо васеъ аст. Онҳо ба ҳар забон ба эътиқод менигаранд вафарҳанги дигар мардумонро хуб мефаҳманд.

Кардинал Миссофанти (1774-1849) зиёда аз 100 забон ва Л.Г.Шютс (аз Франкфурт-Майн) 270 забонро медонистанд. Ҳамзамони А.С.Пушкин аз Копенгаген Р.Х.Раск тамоми оламро давр зада буд ва 230 забонро медонист. Ӯ оид ба ин забонҳо 28 луғат тартиб додааст.

Соли 1961 дар Германия (Олмон) профессор Гестерман фавтида буд. Ӯ 132 забони мардумони оламро медонист.

20-уми июни соли 1970 дар Қоҳира профессори Донишкадаи исломии «Ал-Аҳзар» Шайх Муҳаммад Абӯиброҳим дар синни 150-солагиаш фавтида буд. Ин кас 105 соли умрашро ба муҷаррадӣ гузаронидааст вабаъд хонадор шудаастусоҳиби фарзанд гардидааст. Аз ӯ ду писар ва се духтар боқӣ мондаст.

Шайх Муҳаммад Абӯиброҳим ғайр аз забони арабӣ, забонхои форсӣ, юнонӣ, туркӣ, итолиёвӣ ва дигарро хуб медонист. Хотири равшан дошт вашеър менавиштусарояндагӣниз мекард.

Мегӯянд, ки Шайх Муҳаммад Абӯиброҳим ҳеҷ гоҳ воситаҳои нақлиётро истифода намебурд, ӯ се маротиба ба зодгоҳаш – Ливан пойи пиёда сафар карда, ҳазорҳо чақрим роҳро паймудааст.

***

Муаррихон исбот кардаанд, ки Юлий Цезар ва Искандари Мақдунӣ то 30 ҳазор нафар сарбозони худро мешинохтанду номи онҳоро медонистанд.

***

Э.Гвон ном шахс дар ҳаёти худ 2500 китоб хондааст. Ӯ ҳамаи китобҳои хондаашро аз ёд медонистааст ва аз ин китобҳо порчаҳо гуфта метавонистааст.

***

Арлинин сокини Неополитанӣ 157350 мисраъ шеърҳои Данте-ро азёд дам нагирифта мегуфтааст.

***

Спиноза ном баччае ба қироати китобҳои ҷиддӣ меҳр баста будааст. Ошнои падари Спиноза ба рафти китобхонии ӯ таваҷҷӯҳ намуда, мепурсад:

- Спиноза, бигӯй, ҳоло худат бачча, чаро китобҳои баччагонаро намехонӣ?

- Навиштаҳои китобҳои баччагона, -ҷавоб медиҳад Спиноза, - фалсафиянд.

***

Ин воқеаи ногувор аз доираи ақлу одоби инсонӣ берунаст. Гап дар хусуси он меравад, ки соли 215-уми пеш аз милод бо амри императори Хитой ЦИ-ШИ-ХУАН ва канслери ӯ китобҳои бешумореро бо 460 нафар донишмандон сӯзондаанд. Сабаби ин ваҳшонията дар он будааст, ки донишмандон китобҳои сӯзондаро аз ёд медонистаанд ва онҳо фикру зикр ва мулоҳизаҳои худро бо ҳамин китобҳо асоснок мекардаанд.

***

Томас Эдисон маълумоти ибтидоӣ дошт. Падару модари ӯ аз Голландия ба Штатҳои Муттаҳидаи Амрико кӯчида буданд. Онҳо барои Томаси наврасро хонондан маблағ надоштанд. Солҳо мегузаштанду Томас ҷӯяндаи дониши худ буд. Баъд ӯ қарор дод, ки худомӯзӣ бикунад. Китобхонаеро кофта ёфт ва он ҷо саргарми қироати китобҳо шуд. Томас назди рафи китоб нишаста, чандин рӯз китобҳои дар он гузоштаро аз як сар қироат кардан гирифт. Китобдор рафтори Томасро пайхас кард ва аз ӯ пурсид:

-Бигӯед Томас, бо чӣ сабаб аз як сар ин китобҳоро қироат мекунед?

-Мехоҳам, -ҷавоб дод Томас, - китобҳои оламро бихонам.

-Ҳамаи китобҳои оламро, -гуфт китобдор, - хондан муҳол аст…

Дар воқеъ китобхонии Томас ҳайратангез буд. Оё ҳамаи китобҳои оламро хондан мумкин аст? Аз ӯҳдаи ин баромадан ба ҳар кас даст на хоҳад дод.

Томас ҳам бовуҷуди ҷидду ҷаҳдаш аз раъяш даст кашид. Ӯ фақат як соҳаи мустаъқили техникаро хоста гирифт ва оид ба ин соҳа китобҳои зиёдро қироат кард. Бо ҳамин Томас ҳамчун муҳандиси машҳур ба камол расид.

***

Дар «китоби рекордҳои Гинес» дар қатори номҳои зиёд номи актёри Британияи Кабир Кен Додд сабт шудааст. Ӯ баҳри он ба ин мушарраф шудааст, ки дар саҳнаи театри «Ройал- Корт»-и Ливерпул се соат дам нагирифта 200 латифаро бапуррагӣ гуфта дод. Кен Додд як чанд бор аз ин зиёд латифаҳоро аз ёд медонистааст.

## ДАР ҲАР ХУСУС

Се ҳазор сол қабл, замони ҳукмронии Рамзеси III (Миср), ду нафар китобдори дарбориро айбдор карданд. Онҳо маҳз барои он айбдор дониста шуданд, ки гӯё китобҳои соҳириро эҳтиёт намекардаанд.

***

Замони қадим дар давлати Инкҳо муносибат ба осори хаттӣ тарзи дигар буд. Ҳокими ин давлат бахши барҳам додани осори хаттӣ баҳона меҷуст. Баъд дар дарбор касалие сар зад. Аз ҳоким пурсиданд, ки барои пеши касалиро гирифтан чӣ чорае бояд ҷуст? Ҳоким гуфт: Осори хаттӣ барҳам бихӯрад! Пас, ҳоким қонун баровард. Мувофиқи он касе ба зинда кардани осори хаттии инкҳо мекӯшид, қатл мешуд. Яке аз фидоиён ин ҷуръатро кард ва ӯро сӯзонданд.

***

Тоҷири хориҷие ба Маскав китоб овард вадар ин бобат ба Иван Грозный хабар доданд. Хариду фурӯши китобҳои тоҷирро яке аз ҳамзамонони Иван Грозный чунин тасвир кардааст: «Русҳо харидани китобро кори хайр мефаҳманд. Вале подшоҳ аз китоб тасаввуроте надорад. Подшоҳ фармуд, ки китобҳои тоҷирро ба дарбор биёранд ва ҳаққи ӯро бидиҳанду китобҳоро сӯзонанд».

***

Садаи XVIII дар Россия барои эҷоди асарҳои адабӣ ҳаққи қалам додан мумкин набуд. Он давра таълиф ва интишори ин қабил асарҳоро фақат иззату эҳтиром кардани муаллифон медонистанд.

***

Дар персонажҳои адабӣ одамони зиёд вомехуранд. Онҳо аз ҷиҳати синну сол, касбу кор ва ҳаракатҳои манфию мусбат ҳархелаанд. Дар китобҳо аз ҳама дида персонажи Наполеон зиёд аст. Наполеон ба бештар аз 10 ҳазор номгӯи китобҳо дохил гардидааст.

***

Донишмандони Маҷористон (Венгрия) ҳисоб кардаанд, ки ҳар одам ба ҳисоби миёна ҳар рӯз яксоатӣ сухан меронад. Ин рақам дар тӯли ҳаёти одам ба 2,5 сол рост меояд. Агар дар ин муддат ҳамаи суханони як шахсро рӯи коғаз бигиранд, ҳазор ҷилд ва ҳар ҷилд чаҳорсад сафҳаро ташкил медиҳад.

***

Боре ношир ба Жорж Сименон занг зад.

-Ало!...

-Гӯш мекунам, -аз гӯшаки телефон овози хонум шунида мешавад.

-Мӯҳтарам Жорж лозим буданд.

-Он кас, -гуфт хонум, -банд.Навакак ба навиштани романи навашон шурӯъ кардаанд.

-Ҳеҷ боке, - маънидод кард ношир, - то анҷоми романи навашон гӯшакро намегузорам…

***

Калимаи «варақ» зуд-зуд такрор мешавад. «Варақ» чӣ маънӣ дорад?

…Дар ибтидо барги дарахт ҳам масолеҳи хуби осори хаттӣ ба шумор мерафт. Одамони қадим навиштаҳояшонро дар варақҳои барг сабт мекарданд. Аз ҳамин лиҳоз маънии луғавии «варақ» аз калимаи «барг» ба вуҷуд омадааст.

Одатан мактаббаччагон иншоро аз сарсатри сурх сар карда менависанд. Медонед сарсатри сурх кай ва барои чӣ пайдо шудааст?

То садаи XV дар Россия то шурӯъ шуданба нашри чопӣ китобҳо ба шакли дастнавис буданд. Хаттотон ва наққошон сарсатри даснависро бо ҷӯшаҳои сурх нақшу нигор медоданд.

Ҳоло ин қоида вуҷуд надорад, вале ифода ва тартиби сарсатри сурх боқӣ мондааст.

***

Нуқта хурдакак аст,вале маънии вай хурдакак нест. Нуқтагузорӣ босаводию солимии фикриро талаб мекунад. Ба нуқта зебогии сухан, зебогии суханҳои бомантиқ ва эҳсоси дурусти ин суханҳо ба сохти ҷумла вобастааст. Махсусан дар матни китобҳо, матбуоти даврӣ нуқтаҳо зиёданд. Агар бихоҳед донед, ки ҳар нуқта чӣ қадар вазн дорад, бубинед: вазни нуқта ба 0,002 грам баробар аст.

***

Собиқ корманди китобхонаи марказии шаҳри Душанбе ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Мария Алексеевна Шустова (марҳум) 7-уми августи соли 1941 ба қароргоҳи хунгузаронии ҷумҳуриявӣ меравад ва ба сафи донорҳо қабул мешавад. Ӯҳар соле барои маҷрӯҳони ҷабҳагӣ шаш маротиба ва дар зарфи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 45 литр хун месупорад. Мария Аликсеевна баъди ҷанг ҳам хунсупориро давом медиҳад. Хуни супоридаи ӯ ба 100 литр мерасад. Ин адад ба вазни одами фарбеҳ рост меояд. Ҳол он ки Мария Алексеевна Шустова ҳамагӣ 60 килограм вазн дошт.

***

Кормандони китобхонаи Гаррисберги штати Пенсиьванияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико азбайни китобҳои баргардондаихонандагон маҷмӯаиқонунҳои Британияи Кабир (Лондон) садаи XVII-ро дарёфт карданд. Тахмин шуд, ки ин маҷмӯа миёнаҳои солҳои 1823 - 1900 ба хонанда дода шудааст, аммономи ӯ маълум карда нашуд. Китобдор Э.Шелкрот гуфтааст, ки агар хонанда дарҳаёт мебуду ёфт мешуд, вай барои нигоҳ доштани ин китоб чандин ҳазор доллар ҷарима месупорид.

***

Рӯзе аз рӯзҳо кормандони китобхонаи Стартфорд ном шаҳр барои онҳое, ки китобҳои аз китобхона гирифтаашонро баргардонанд, авфи умумии сеҳафтаина эълон карданд. Санҷиши ҷамьбаст

нишон дод, ки бисёр хонандагон китобҳои мӯҳлати дароз нигоҳ доштаашонро ба китобхона баргардонданд. Байни китобҳои баргардонда китобе дарёф намудаанд, ки 57 сол дар дасти хонанда хобидааст.

***

Ҳамин гуна ҳодиса соли 1957 дар китобхонаи шаҳрии Шефельд ба вуқӯъ омада буд. Ба китобхона китоберо таҳти унвони «Ҳунарҳои дастии занон» баргардондаанд. Китоби мазкур 47 сол дар дасти хонанда мондааст.

***

Кормандони китобхонаи Сидней-Сасекси коллеҷи Кэмбриҷ аз як сокини шаҳр китоберо кабул кардаанд, ки вай дар хусуси азкӣ ва аз кадом китобхона будани китоб тасаввурот надошт. Албатта хонандаи китобро муайян кардан кори осон набуд. Зеро аз рӯи навиштаи варақаи баргардонӣ китоб 300 сол қабл ба хонанда дода шудааст.

***

Захираи китобии китобхонаҳо моликияти давлатӣ ва ё худ ҷаъиятӣ буда, ҳар китоб қатъи назар аз ҳаҷм, мазмунунарх гаронбаҳоянд. Аз ҳамин ҷиҳат доду гирифт ва муносибат нисбат ба китоб эҳтиёткорию ғамхории ҳар корманди китобхонаю хонандаро талаб мекунад.

Дар Мисри қадим агар хонанда ба муқоваи китоб ва ё саҳифаион нуқсоне мерасонд, пас ӯро 200 тозиёна мезаданд, аммо дар китобхонаи Фиръавн (Миср) барои гум кардани китоб ба хонанда ҳукми қатл таҳдид мекард.

***

Мувофиқи талаби нахустин асосгузори китобхонаи Британияи Кабир (Лондон, 1752) Самуэл Фанкорт хонандагонеро, ки саҳифаҳои китобро қатъ мекарданд, бераҳмона калтаккӯб менамуданд ва ба муддати то ҳафт сол дар зиндон нигоҳ медоштанд.

***

Дар китобхонаи давлатии Олмон (Собиқ РДГ) осорхонаи махсуси китобҳо созмон ёфтааст. Дар толори ҷудогонаион аз соли 1953 ин ҷониб беш аз 6000 силсилаи болопӯши муқоваи нигорину рангбаранги китобҳо нигоҳ дошта мешаванд.

## РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО


Амонов, Ҳ. Походи зидди бесаводӣ [Матн] //Комсомоли Тоҷикистон. – 1976. – 5 декабр.

Ардаева, Э. Музеи Толстой – ба ҷашни нависанда[Матн] //Маориф ва маданият. – 1978. – 26 август.

Аҳмадов, Б. Китоб ва пайдоиши он [Матн] // Китобдор.– 2007.– №1.– С.34-35.

Аҳмадов, Б. Китобхонаи нахустин [Матн] //Маориф ва маданият. – 1977. – 10 март.

Аҳмадов, Б. Ба симои барҷаста [Матн] //Комсомоли Тоҷикистон. – 1980. – 19 сентябр.

Аҳмадов, Б. Ихтироъ ва ривоят [Матн]: Аз таърихи қоғаз // Тоҷикистони советӣ. – 1982. – 20 апрел.

Аҳмадов, Б. Доҳии маҳбуб ва ганҷинае гарон аз ганҷҳо [Матн] // Роҳи ленинӣ. – 1988. – 22 апрел.

Аҳмадов, Б. Сайри олами китоб [Матн] //Роҳи ленинӣ. – 1988. – 16 июл.

Аҳмадова, М. Махзани дурдонаҳои мо [Матн] //Занони Тоҷикистон. – 1966. – №2. – С.11.

Ашрафӣ, М. Куҷо рафтед дастхатҳои бостонӣ? [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 5 октябр.

Богдановский, Г. Китобхонаи нодир[Матн] //Маориф ва маданият. – 1975. – 12 июн.

Вавилов, В. Рӯзномаҳои Томас Манн [Матн] //Маориф ва маданият. – 1975. – 4 сентябр.

Дар олами аҷоибот [Матн] / Тартибдиҳанда М. Маҳмудов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 154 с.

Дар олами аҷоибот [Матн] /Китоби 3; Тартибдиҳанда М. Маҳмудов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 195 с.

Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна [Матн] / Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 701 с.

Ғоибназаров, С. Қасри дониш [Матн]: Китобхонаи давлатии республикавии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ 50- сола шуд // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 11 феврал.

Ёқубов, Ю. Катибаи бесутун [Матн] // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1981. – Ҷ.3. – С.273.

Зебони Фрада. Муҳофизони хоки пок [Матн] //Комсомоли Тоҷикистон. – 1988. – 14 сентябр.

Земмель, Ю. Китобхонаи… «Китобсангин» [Матн] //Маориф ва маданият. – 1979. – 30 декабр.

Земмель, Ю. Ҳикояти «Китобхои сангин» [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1980. – 4 январ.

Каримов, Ҳ. А. Алифбои тоҷик [Матн] //Маориф ва маданият. – 1977. – 30 июн.

Кароматуллоева, Н. Ҳунари саҳҳофӣ дар асрҳои Х1У-ХУ [Матн]: Материалҳо аз таърихи китоб //Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1973. – 141 с.

Кашфиёти шарқшиносони советӣ [Матн]: Дар қуллаи кӯҳи Муғ // Маориф ва маданият. – 1959. – 23 июн.

Келдиев, И. Махзани хирад ва заковат [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1964. – 22 апрел.

Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ 50- сола [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 159 с.

Кузьминов, Г. Саҳифаҳои «Китоби сангин» [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1984. – 17 октябр.

Қосимов, Н. Нахустин китобхонаи ҷамъиятӣ [Матн] // Маориф ва маданият. – 1970. – 17 ноябр.

Латифӣ, О. Аз қаъри асрҳо [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1978. – 1 декабр.

Латифӣ, О. Тахти қаҳрамони «Шоҳнома» [Матн] // Маориф ва маданият. – 1979. – 20 ноябр.

Летописи китобҳои солҳои 1938-1948 ба 20- солагии Республикаи Советии Сотиалистии Тоҷикистон бахшида мешавад [Матн]. – Сталинобод, 1949. – 213 с.

Малов, В. Асрори китобхонаи бостонӣ [Матн] //Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1978. – 21 октябр.

Манучарьянс, Ш. Дар китобхонаи Влаимир Ильич [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 115 с.

Матбуоти РСС Тоҷикистон 1928-1958 [Матн]: Материалҳои статистикӣ. – Сталинобод, 1959. – 74 с.

Матёшина, З. Бозёфтҳо дар Ниневия [Матн] // Маориф ва маданият. – 1971. – 28 сентябр.

Маҳмудов, Г. Ҳомиёни «Шӯълаи инқилоб» [Матн] //Адабиёт ва санъат. – 1988. – 5 май.

Мухторов, А. Катибаи Ворух [Матн] //Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1981. – Ҷ.3. – С.273.

Мухторов, А. «Ҳудуд»-и ҳазорсола [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 21 октябр.

Набиев, А., Қодирова, Л. Китоби нахустин [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1978. – 5 апрел.

Намунаҳои адабиёти тоҷик [Матн]. – Сталинобод, 1940. – С.583-594.

Ниёзӣ, Ҳ. Ҳ. Зинда бош, Шӯро [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 88 с.

Нуралиев, Ю. Ёдгори пуршукӯҳ [Матн]: Назария ва моҳияти тибби «Авесто» // Маориф ва маданият. – 1974. – 9, 12 феврал.

Оқилов, Э. Навъҳои хат [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 28 июн.

Палкин, М. Аз найқалам то авторучка [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1974. – 11 август.

Панду ҳикматҳо [Матн] /Гирдоваранда М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1961. – 348 с.

Пругер, В. Дастнависи суғдиён [Матн] //Газетаи муаллимон. – 1986. – 28 январ.

Ранов, Р., Отахонов, Г. Дар Тоҷикистон қароргоҳи калони асри сангин ёфт шуд [Матн]:Дар шаҳри Норак // Тоҷикистони советӣ. – 1964. – 21 август.

Раҳимов, М. «Археологҳо ҳикоят мекунанд» [Матн]: Таҳлили ҷӯстуҷӯҳои археологӣ аз тарафи олимони ҷумҳурӣ…// Маориф ва маданият. – 1960. – 14 май.

Раҷабов, Ҷ., Юнусов, А. Ҷамъияти дӯстдорони китоб ва китобхонаҳои шахсии Тоҷикистон дар матбуот [Матн]: Нишондиҳандаи адабиёт. – Душанбе, 1986. – 48 с.

Сивинцов, А. Китобхона дар портфел [Матн] // Маориф ва маданият. – 1976. – 9 декабр.

Соболев, О. Варақҳои сангин [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1978. – 3 сентябр.

Султонов, М. Аҳамияти «Рисолаи саргузашт» дар омаҳвол ва осори Ибни Сино[Матн]. – Душанбе: Дониш, 1980. – 76 с.

Султонов, С. Маълумоти тоза оид ба Ҳоҷӣ Ҳусайн [Матн] // Маориф ва маданият. – 1976. – 6 май.

Тилавов, Б. Қадри китоб [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1983. 11 май.

Унсурулмаоли Кайковус. Насиҳатнома [Матн] /Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 143 с.

Фарҳанги забони тоҷикӣ (Аз асри Х то ибтидои асри ХХ) [Матн] /Иборат аз ду ҷилд. – М.: Сов. энсиклопедия, 1969. – Ҷ.1. – С.114, 388-389, 473-474.

Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. – С.7.

Холов, Р. Ганҷ аз ганҷинаи дӯстон [Матн] // Маориф ва маданият. – 1975. – 14 август.

Ҳазратқулов, М. Махзани ганҷинаҳо [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 20 сентябр.

Ҳафизова, Ҳ. Асрори сангҳо [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1980. – 2 ноябр.

Ҳусейнов, М. Ганҷинаи Семёнов [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1980. – 5 октябр.

Шарифов, Ш. Китобҳои сангин [Матн] // Маориф ва маданият. – 1983. – 26 июн.

Шарифов, Ш. Маъхазҳои нави таърихӣ [Матн] // Маориф ва маданият. – 1980. – 4 ноябр.

Шарофзода, Р. Нигоҳе ба таърихи китоби Аҷам [Матн] // Фирӯза. – 1990. – №7. – С.24-25.

Шодиев, С. Китоб ва нашриёт [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1964. – 13 март.

Юнусов, А. Дастнависҳои Ҳофиз дар китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ [Матн]: Феҳрист. – Душанбе, 1971. – 22 с.

Юнусов, А. Феҳристи дастнавиҳои тоҷикӣ-форсӣ [Матн] /Ҷ.1. – Душанбе, 1971. – 296 с.

Юнусов, А. Аввалин ганҷинаи дониш [Матн] // Маориф ва маданият. – 1972. – 13 май.

Юнусов, А. Мубодилаи байналхалқии китобҳо [Матн] // Маориф ва маданият. – 1974. – 8 август.

Яъқубов, Ю. Чанд ҳуҷҷати нави суғдӣ [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1962. – 27 июл.

**Ба забони русӣ**

Абрамов, К. И., Васильченко, В. Е. История библиотечного дела в СССР до 1917 года [Текст]. – М.: Сов. Россия, 1959. – 199 с.

Алескеров, Ю. Н. Самарканд [Текст]: Сраницы истории. – Ташкент: Узбекистан, 1967. – 228 с.

Алексеев, В. Реликвия [Текст] // Книжное обозрение. – 1978. – 17 февраля.

Бабич, С. В. Нью-Йоркской публичной библиотеке (Лучше один раз увидет…[Текст] // Книжное обозрение. – 1989. – 19 мая.

Баженов, Л. В. Средняя Азия в древний период [Текст]. – Ташкент: Госиздат, 1937. – С.37.

Баренбаум, И. В., Давидова, Т. Е. История книги [Текст] /Часть первая. Книга России до 1917 г.: Учебное пособие. – М.: Сов. Россия, 1960. – 200 с.

Барков, Я. Новые сувениры [Текст]: Обзор миниатюрных книг // Книжное обозрение. – 1976. 29 октября.

Барков, Я. Мини-книги [Текст] / 5 том // Книжное обозрение. – 1983. – 11 февраля.

Барков, Я. Странички истории [Текст] // Книжное обозрение. – 1968. – 7 сетября.

Барков, Я. Минатюры [Текст] // Книжное обозрение. – 1977. – 9 сентября.

Барков, Я. Новые миниатюры [Текст] // Книжное обозрение. – 1978. – 23 июня.

Баруздин, С. Он – моя память [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1986. – 26 октября.

Библиография [Текст]: Общий курс. Рекомендовано управлением учебных заведений Минкльтуры РСФСР в качестве учебника для библиотечных факультетов культуры. – М.: Книга, 1959. – 599 с.

Библиотеке 4200 лет [Текст] // Книжное обозрение. – 1984. – 18 мая.

Большаков, В. Последнее интерью Ж. Сименона [Текст] // Правда. – 1989. – 8 сентября.

Большаков, В. В гостях у «Мегре» [Текст]: Наш зарубежный собеседник Ж. Сименон // Правда. – 1989. – 14 апреля.

Бондренко, В. Бумага [Текст]: Беседа 1-1У // Книжное обозрение. – 17, 31 марта, 14 апреля, 5 мая.

Бородина, В. Секреты скорочтения [Текст] // Библиотекарь. – 1979. – №10. – С.47- 49.

Бутенко, В. Жемчужины культуры [Текст]:Сокровища наших библиотек // Библиотекарь. – 1979. – №12. – С.31.

Бушинский, В. Судьба Тургеневской библиотеки [Текст] // Книжное обозрение. – 1980. – 13 июня.

Васильченко, В. Е. История библиотечного дела в СССР [Текст]: Учебник для библиотечных институтов. – М.: Сов. Россия, 1958. – 216 с.

Выдашенко, М. Еще один экземпляр «Апостола» [Текст] // Книжное обозрение. – 1968. – 27 июля.

Гарбовский, А. Загадки древнейшей истории [Текст]: Книга гипотез. – М.: Книга, 1971. – 97 с.

Глезёр, Л. Издано в Кинешме [Текст] // Книжное обозрение. – 1978. – 20 октября.

Глухов, А. Из глубины веков [Текст]: Очерки о древних библиотеках мира. – М.: Книга, 1971. – 110 с.

Глухов, А. Рукопись из библиотеки Улугбека [Текст] //Книжное обозрение. – 1980. – 16 мая.

Глухов, А., Лавринович, И. Юним друзьям книги [Текст]. – М.: Молодая гвардия, 1965. – 92 с.

Гусев, О. «Кобзарь» под микроскопом [Текст] // Правда. – 1979. – 14 марта.

Джонбабаев, Н. Из Бомбея в Брюсель [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1980. – 8 августа.

Додхудоева, Л. Иследователь древних надписей [Текст] //Коммунист Таджикистана. – 1980. – 30 мая.

Долгополов, Н. Прошай Сименон [Текст] // Комомольская правда. – 1989. – 8 сентября.

Жуковский, Л. Из глубины веков [Текст] // Книжное обозрение. – 1983. – 9 декабря.

Зайцев, В. Государтвенная библиотека Китайской Народной Республики [Текст] // Библиотекарь. – 1989. – №9. – С.56-69.

Здобнов, Н. В. История русской библиографии до начала XX века [Текст]. – М.: Госкультпросветиздат, 1955. – 607 с.

Исмоилова, Э. Древнее искусство Бухары [Текст] // В мире книг. – 1976. – №12. – С.31.

Кабанов, П. И. Очерки культурно-просветительной работы в СССР в послевоенные годы: 1946-1953 [Текст]. – М.: Госкульт-просветиздат, 1955. – 134 с.

Каримов, Х. Вечно молодой «Алифбо» [Текст]: Страницы истории // Коммунист Таджикистана. –1982. – 7 февраля.

Касымова, А. Г. Библиотеки в Туркестане [Текст]: Краткий исторический очерк развития библиотечного дела в дореволюционном Туркестане и Туркестанской АССР. – Ташкент: Фан, 1966. – 33 с.

Клименко, Н. Книги на ладони [Текст] // Книжное обозрение. – 1980. – 26 сентября.

Клименко, Н. Книги на ладони [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1980. – 17 сентября.

Книгоиздание страны Советов [Текст] // Книжное обозрение. – 1987. – 22 мая.

Кобрин, В. Бесценные коллеции… [Текст]: Рукописей // Библиотекарь. – 1982. – №6. – С.56-60.

Кузьминов, Г. Гордость Нурека [Текст] // Книжное обозрение. – 1985. – 14 июня.

Кузнецкий, Р. Редкое издание «Станционного смотрителя» [Текст] // Книжное обозрение. – 1981. – 23 января.

Куликов, Б. Библиотека на ладони [Текст] // Книжное обозрение. – 1978. – 17 февраля.

Кликов, Б. Лучшие миниатюрные издания [Текст] // Книжное обозрение. – 1981. – 20 марта.

Кунижев, С. На языках народов – братьев [Текст] // Книжное обозрение. – 1980. – 12 сентября.

Кушнер, Г. Университет «Книга». Верит ли глазами своим [Текст]: Ёще раз о размерх книги // Книжное обозрение. – 1984. – 14 сентября.

Лазарева, Т. В поисках кижных редкостей [Текст]: Судьба библиотеки русского дипломата // Книжное обозрение. – 1980. – 31 октября.

Латифи, О. Библиотека… из камней [Текст]: Поиски, находки // Правда. – 1979. – 15 июня.

Лебедева, М. Тома из библиотеки братства [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1983. – 17 февраля.

Ленинские принципы библиотечного дела [Текст]: разработка советским библиотековедением ленинского наследия / К 110-летию со дня рождения В. И. Ленина: Обзорная информация. – М., 1980. – 40 с.

Лихачев, Д. С. Подвиг первопечатника [Текст] // Книжное обозрение. – 1983. – 9 декабря.

Лосев, А. Ф., Сонкина, Г. А., Тахо-Годы и др. Античная литература [Текст]. – М.: Просвешение, 1980. – 494 с.

Любимов, Г. Письма из Х1 столетия [Текст]: Ветры веков // Коммунист Таджикистана. – 1978. – 2 сентября.

Любименко, Л. Прикаснуться к вечности [Текст]: В стороне от репортерских троп // Вечерний Душанбе. – 1989. – 25 апреля.

Любин, В. Письмо, которому две с половиной тысячи лет [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1973. – 7 марта.

Львов, С. Конткамера книжника [Текст] // Библиотекарь. – 1980. – №5. – С.52-53.

Малов, В. Тайна древной библиотеки [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1978. – 5 октября.

Малкин, И. Т. История бумаги [Текст]. – М.: Изд-во АН СССР, 1940. – 198 с.

Марин, А. Возьврашение папируса [Текст] // Правда. – 1984. – 28 января.

Махкамов, Р. Страницы каменной книги [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1980. – 13 сентября.

Милов, Н. «Книга» – древных [Текст]// Коммунист Таджикистана. – 1973. – 13 июня.

Миловский, А. На языке «Небожителей» [Текст]: Сокровища книгохранилищ // Книжное обозрение. – 1975. – 17 января.

Миловский, А. Под небом старого Мерва [Текст] // Советская культура. – 1977. – 11 марта.

Мирсаидова, М. Первая народная [Текст]: Библиотека и учитель // Коммунист Таджикистана. – 1982. – 24 июля.

Мишина, Н. Дороже всех богатств [Текст]: Сегодня исполняется 125 лет Государственной библиотеке СССР имени В. И. Ленина // Правда. – 1987. – 1 июля.

Мухтаров, А. Где искать библиотеку Улугбека [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1977. – 3 сентября.

Мухтаров, А., Негматов, Н., Ранов, В. и др. Путешествие в Согдиану [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1962. – 134 с.

Назаров, А. И. Книга в советском обществе [Текст]. – М.: Наука, 1964. – 261 с.

Нальский, Я. Песни Хафиза [Текст]: К 110- летию со дня рождения Бобо Юнуса Худойдодзода // Коммунист Таджикитана. – 1960. – 16 декабря.

Немировский, Е. Великий изобретатель [Текст] // Книжное обозрение. – 1968. – 3 февраля.

Немировский, Е. Л. Идеография [Текст] // Книжное обозрение. – 1962. – 12 февраля.

Немировский, Е. Перелистывая страницы кодекса [Текст] // Книжное обозрение. – 1975. – 7 марта.

Немировский, Е. Библия [Текст] /Выпуск первый; Книги, изменение мира // Книжное обозрение. – 1989. – 19 мая.

Николич, Д., Жукова, П. Гордость мировой литературы [Текст]: Дни памяти Л. Н. Толстого в клубах республики. – Алма-Ата, 1960. – 44 с.

Ниселич, Л. Сувенирное издание [Текст] // Книжное обозрение. – 1981. – 17 июля.

Общетва любителей книги и личные библиотеки Таджикистана в печати [Текст]: Аннотированный указатель литературы / Составители Д. Раджабов, А. Юнусов. – Душанбе, 1986. – 46 с.

Овечкин, Ф. Письмо из старучиечьего холма [Текст]: Ветры веков // Коммунист Таджикистана. – 1983. – 4 марта.

Осипов, В. Книга в нашем доме [Текст]. – М.: Книга, 1967. – 144 с.

Пайкова, А. Уникальная находка [Текст] // Коммунист Таджикистана. – 1973. – 21 ноября.

Паль, Р. Из истории письменности [Текст] // Книжное обозрение. – 1985. – 26 июля.

Пекелис, В. «Твои возможности человек» [Текст] /Библиотека «Знание»; Изд. 4-е, перераб. и доп. – М.: Знание, 1984. – С.31-117.

Пересада, В. Уникальный папирус [Текст] // Правда. – 1981. – 28 июня.

Пересада, В. Секрет папируса [Текст]: Из блокнота журналиста // Правда. – 1984. – 19 февраля.

Персианова, О. М. Государственный эрмитаж [Текст]: Краткий путеводитель /2-е изд. – Л.: Советский художник, 1969. – 168 с.

Пирожков, А. Бумага, бумагою, о бумаге [Текст]: Проблемы отрасли // Книжное обозрение. – 1989. – 1 сентября.

Попова, В. Что читает абонемент №9534 [Текст]: Меридианы дружбы // Коммунист Таджикистана. – 1983. – 6 октября.

Почтовик, П. Как они есть [Текст] // Книжное обозрение. – 1977. – 2 декабря.

Пшеничный, Б. Сокровищница книг [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 108 с.

Раджабов, Д. Библиотека в доме: это важно знать [Текст] // Вечерний Душанбе. – 1984. – 2 августа.

Раджабов, Д. Какой должна быть личная библиотека [Текст]: Советы в помощь любителям книг. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 32 с.

Разумов, В. Сувенирные издания Монголии [Текст] // Книжное обозрение. – 1981. – 12 июня.

Разумов, В. Миниатюрное издание [Текст] // Книжное обозрение. – 1980. – 13 июня.

Розен, Б. Бумага из камня или… стекла [Текст] // Комсомолец Таджикистана. – 1980. – 11 мая.

Рубакин, А. Посветитель [Текст] // Книжное обозрение. – 1977. – 7 января.

Саяпин, В. Итория книги [Текст] // Вечерний Душанбе. – 1973. – 20 февраля.

Сигрист, А. Создатель музея [Текст]: Странички истории // Книжное обозрение. – 1981. – 11 декабря.

Смирнова-Ракитина, В. Авиценна [Текст]: Абуали ибн Сина /Вип. 18. – М.: Мол. гвардия, 1958. 233 с.

Смирнов-Сокольский, Н. Рассказы о книгах [Текст] /Изд. 3-е. – М.: Книга, 1978. – 448 с.

Смоляренко, Я. Кобзарь воюет [Текст] // Книжное обозрение. – 1980. – 30 мая.

Соболев, О. Коллекция «говорящих» камней [Текст]: Вернулась экспедиция // Коммунист Таджикистана. – 1979. – 18 сентября.

Соскин, Л. Редкая? Ценная? Дефицитная? [Текст] // В мире книг. – 1976. – №12. – С.76-78.

Спектор, У. Читатели о книгах миниатюрный «Холстомер» [Текст] // Книжное обозрение. – 1980. – 1 февраля.

Спивак, Л. Львовская находка [Текст] // Книжное обозрение. – 1983. – 18 марта.

Сурмило, В. Враги книги [Текст] // Книжное обозрение. – 1987. – 2 октября.

Тихомиров, С. Знал бы Гутенберг… [Текст] // Правда. – 1989. – 3 декабря.

Тэрнит, Э. Б. Микро «Кобзарь» [Текст] // Книжное обозрение. – 1970. – 1 мая.

Утков, В. Дороги «Конька – горбунка» [Текст]. – М.: Книга, 1970. – 112 с.

Фейхтвангер, Л. Готов повторить! [Текст] // Книжное обозрение. – 1984.– 12 января.

Фонотов, Г. П. В. И. Ленин о библиографии [Текст]. – М.: Кн. палата, 1962. – 55 с.

Фрадкина, З. Мастер библиографии [Текст] /К 150- летию со дня рождения В. И. Межова // Книжное обозрение. – 1980. – 30 мая.

Халатова, К. Возвышать человека [Текст] // Книжное обозрение. – 1989. – 2 июня.

Челноков, Г. Миниатюрные и свенирные издания [Текст] // Книжное обозрение. – 1978. – 6 октября.

Ченышев, В. Письма из XX века [Текст] // Комсомолец Таджикистана. – 1972. – 17 августа.

Шайхиева, Р. Книжная планета в автографах [Текст]: Привлекает всех, кто приезжает в Нурек // Коммунист Таджикистана. – 1988. – 8 января.

Шаховнин, Н. Узелки на память [Текст]: Клуб «Библиография» // Книжное обозрение. – 1987. – 13 ноября.

Шаховнин, Н. Узелки на память [Текст]: Рисуют читатели // Книжное обозрение. – 1987. – 23 октября.

Шевченко, З. Библиотекарь в боевом строю [Текст] // Комсомолец Таджикистана. – 1965. – 28 апреля.

Шербина, В. 200 томов «БВЛ» [Текст] // Книжное обозрение. – 1978. – 6 января.

Шилов, Л. Достояние [Текст] // Правда. – 1980. – 3 апреля.

Шушанский, Н. Тоньше паутини [Текст] // Книжное обозрение. – 1984. – 6 июля.

Щенников, В. Возвращение папируса [Текст] // Комсомолец Таджикистана. – 1974. – 24 февраля.

Эльзон, М. Ученый, издатель, библиограф [Текст] // Книжное обозрение. – 1980. – 3 октября.

Юнусов, А. Бесценные реликвии [Текст]: К 575- летию А. Джами // Комсомолец Таджикистана. – 1989. – 20 октября.

Юнусов, А. Сокровищница восточных рукописей [Текст] // В мире книг. – 1975. – №10. – С.88.

Юсин, А. Такая станция… [Текст]: Репортаж из дома, давшего последний приют Л. Н. Толстому // Правда. – 1978. – 5 сентября.

Яковлева, И. Миниатюры в миниатюрном исполении [Текст] // Книжное обозрение. – 1978. – 17 сентября.

**Ба забони ӯзбекӣ**

Бобохонов, А. Ноширлар ва нашрлар[Матн] // Гулшан. – 1979. – №5. – 29 б.

Муниров, Қ. Шарқ қӯлёзмалари [Матн]: Фан ва турмуш кутубхонаси. – Саккизинчи китобча. – Тошкент, 1962. – 38 б.

Расулев, А., Ҳасанов, Ҳ. Қадимий қулёзмаларни варақлаганда… [Матн]. – Тошкент, 162. – 26 б.

Собиров, Ҳ. Р. Мамлакатимизнинг йирик кутубхоналари [Матн]. – Ташкент, 1956. – 32 б.

Султонов, И. Робинзон Крузо оромли [Матн]: Афсона ҳақиқати // Совет Тожикистони. – 1974. – 14 июл.

Транис, Л. Китоблар оламига саёҳат [Матн]. – Тошкент, 1964. – 46 б.

Ҳамдамов, П. Ӯрта Осиёда совет китоб нашриётининг пайдо булиш ва ривожланиши [Матн]. – Тошкент, 1966. – 27 б.

Замима:

## НАМУНАИБАЪЗЕ
## ХАТУ ДАСТХАТҲО



Намуна аз дастнависи Мавлоно Муиниддини Ҳиравӣ “Сияри Шариф”
соли 1872, вазнаш 14 кг.





Яке аз саҳифаҳои дастхати ниёгон, ки дар захираи шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.



Намунаи ҳусни ҳати  Ҳоҷӣ Мир Ҳусайни Балҷувонӣ дар асараш “Ашколи хутути исломия” с 1906, Бухоро.



Китоби нодир: “Қуръони кӯчак”-и соли 1908, Қазон



Муқоваи дастхати садаи XVIII

## МУНДАРИҶА

Пешгуфтор .........................................................................

**ФАСЛИ 1. ПАЙДОИШИ ХАТ, ҚАЛАМ, КИТОБ ВА МАСОЛЕҲИ ХАТТИЮ ОСОРИ АҶОИБ**

Масолеҳи хаттӣ ва осори аҷоиб....................................
Папирус.........................................................................
Лӯлакитобҳои папирусӣ ..............................................
Пергамент
.........................................................................Китобҳои пергаментӣ.......................................................
Пайдоиши қоғаз ..........................................................
Пайдоиши хат ..............................................................
Тавзеҳоти мухтасари баъзе хатҳо ...................................
Пайдоиши қалам .........................................................
Бузургони адаб дар васфи қалам ......................................
Сангнавиштҳо ..............................................................
Донистан хуб аст .........................................................
Китоб-барг ва ғайра ......................................................
Китобҳои азим...............................................................
Китобҳои оҳанин .........................................................
Китобҳои гаронбаҳо
.......................................................Китобҳои диққатрабо
.......................................................
Китобҳои кӯчак ...........................................................
Алифбо ва хониш .........................................................
Бузургон дар ситоиши китоб
..............................................Бузургон дар ситоиши дониш ва банди илм .......................

**ФАСЛИ 2. ДАСТХАТҲОИ БЕНАЗИР, ХАТТОТОН ВА САҲҲОФОНИ ГУЛДАСТ**

Дастхатҳои беназири ниёгон ..............................................

Тавсифи мухтасари қисме аз дастхатҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон ……………………………………………………………
Хаттотони зарринқалам ……………………………………………..
Бузургон дар ситоиши хат ва хаттотӣ
………………………………..Саҳҳофони гулдаст
…………………………………………………….
Донистан хуб аст ……………………………………………………..
Феҳристнависон ……………………………………………………

## ФАСЛИ 3. НАШРИЯҲОИ ЧОПӢ (КИТОБ, ТАҚВИМУ АТЛАСҲОИ ҶУҒРОФӢ ВА РӮЗНОМАЮ МАҶАЛЛАҲОИ КӮҲАН)

Нашрияҳои чопӣ ……………………………………………………
Тақвими рӯзҳои таърихӣ ……………………………………………..
Атласҳои ҷуғрофӣ ……………………………………………………..
Рӯзномаю маҷаллаҳои кӯҳан ……………………………………

## ФАСЛИ 4. КИТОБХОНАҲО – САРВАТИ БУЗУРГИ МАЪНАВӢ

Сарвати бузурги маънавӣ ………………………………………….
Китобхонаҳои номвар ……………………………………………...
Китобхонаҳои шахсӣ ва дигар шуғлҳо ……………………...........
Хотираи расо ……………………………………………………
Дар ҳар хусус …………………………………………………………...
Тарғиботчиёни китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

## РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО

Ба забони тоҷикӣ ……………………………………………………...
Ба забони русӣ ………………………………………………………….
Ба забони ӯзбекӣ ……………………………………………………

**Замима:** Намунаи баъзе хату дастхатҳо ………………………………

БЕКНАЗАР АХМЕДОВ
ДЖУРАБОЙ РАДЖАБОВ

# МЕСТОКНИГИ В КУЛЬТУРЕ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

**Справочник**

**На таджикском языке**

Под общей редакции **ГадобекаМахмудова**

Редактор: **Эшанкул Эшанкулов**

Компютерный набор: **Парвина Кадимова**